АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ТАЪРИХ, БОСТОНШИНОСӢ ВА
МАРДУМШИНОСИИ БА НОМИ АҲМАДИ ДОНИШ

Бо ҳуқуқи дастнавис

УДК 9+78 (575.3)

**НУРМАТЗОДА ҲАСАН**

# СОЗҲОИ МУСИҚИИ КОЛЛЕКСИЯҲОИ ОСОРХОНАҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ҲАМЧУН САРЧАШМА ДАР ОМӮЗИШИ ТАЪРИХИ ФАРҲАНГИ ХАЛҚИ ТОҶИК

**ДИССЕРТАТСИЯ**
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади
илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09: таърихнигорӣ,
маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои таърих,
Қобилова Бахринисо Тӯйчиевна
**Мушовири илмӣ:**
доктори илмҳои таърих,
профессор Раҷабов Аскаралӣ

**Душанбе – 2019**

## МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА ……………...……………………………………..........…… 3**

**БОБИ I. ДАВРАҲОИ АСОСӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ХОСИ ОМӮЗИШИ СОЗҲОИ МУСИҚИИ ТОҶИК**

1.1. Асбобҳои мусиқии тоҷик дар коллексияҳои осорхонаҳои Федератсияи Россия ҳамчун сарчашма дар омӯзиши таърихи мусиқии тоҷик..........................................................................................14

1.2. Омӯзиши коллексияҳои созҳои мусиқӣ дар осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон............................................................................... 32

**БОБИ II. АҲАМИЯТИ САРЧАШМАВИИ СОЗҲОИ МУСИҚИИ ОСОРХОНАҲОИ ТОҶИКИСТОН ДАР ОМӮЗИШИ ҲАЁТИ МУСИҚИИ ХАЛҚИ ТОҶИК**

2.1. Фаъолияти осорхонаҳои шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар коллексиякунонӣ, ҳифз ва оммавигардонии асбобҳои мусиқии халқи тоҷик.......................................................................39

2.2. Коллексияҳои созҳои мусиқии осорхонаҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғд ва Хатлон.........................105

**ХУЛОСА………………………………………...........……………..142**

**НОМГӮИ АДАБИЁТ......................................................................... 147**

**ЗАМИМАИ 1: АКСИ СОЗҲОИ МУСИҚИИ КОЛЛЕКСИЯҲОИ ОСОРХОНАҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН............................. 162**

**ЗАМИМАИ 2: ФЕҲРИСТИ КОЛЛЕКСИЯҲОИ СОЗҲОИ МУСИҚИИ ОСОРХОНАҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН (35 саҳ.)**

# МУҚАДДИМА

**Муҳимияти мавзӯи таҳқиқот.** Тоҷикон соҳиби таъриху фарҳанги бостонӣ буда, аз давраҳои қадим дар офариниш ва такмилу густариши созҳои мусиқӣ нодиракориҳои зиёде кардаанд, ки имрӯз маҳсули пурарзиши эҷодии онҳо дар осорхонаҳои бузурги ҷаҳон ва Тоҷикистон нигоҳдорӣ ва муаррифӣ карда мешаванд. Як қисми асосии чунин мероси таърихию фарҳангии коллексияҳои созҳои мусиқӣ, ки дар осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъоварӣ ва нигоҳдорӣ мешаванд, ҷузъи таркибӣ ва муҳими коллексияҳои осорхонаҳо ба шумор рафта, дар воқеъ, дар таҳқиқи илмӣ, инчунин барои баланд бардоштани маърифати мусиқии мардум ва завқи зебопарастии ҷомеа, таблиғи таърихи пайдоиш ва рушди мусиқӣ нақши арзанда доранд. Барои ҳамчун осори фарҳангӣ ва оммавӣ-маърифатӣ самаранок мавриди истифодаи васеъ қарор додани коллексияҳои созҳои мусиқии тоҷик, ки дар осорхонаҳо маҳфузанд, омӯзиш ва таҳқиқи ҳамаҷонибаи онҳо амри зарурӣ маҳсуб меёбад. Таҳқиқи коллексияҳои созҳои мусиқии осорхонаҳо ҳамчун сарчашмаи таърихӣ барои равшан сохтани санъати мусиқии халқи тоҷик аз давраҳои бостон ва қарнҳои миёна то рӯзҳои мо аҳамияти ниҳоят калонро молик ҳастанд.

Бинобар ин, ҷиҳати омӯзиш ва муаррифии фарҳанги мусиқии мардуми тоҷик таҳқиқи коллексияҳои созҳои мусиқии осорхонаҳои Тоҷикистон яке аз масъалаҳои муҳими илмӣ - фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият мебошад. Баланд бардоштани дарк, савия ва завқи мусиқишунавии мардум яке аз шартҳои муҳими боло бурдани фарҳанги онҳо ва дар рӯҳияи худшиносии миллӣ ва ватанпарастӣ тарбия кардани аҳли ҷомеа, ба хусус насли ҷавони ояндасози Тоҷикистон ба шумор меравад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки созҳои мардумии анъанавии мусиқӣ аз нигоҳи серхусусият буданашон (аз як тараф, ҳамчун ҷузъи моддӣ ва аз тарафи дигар, ҳамчун фарҳанги маънавӣ ба шумор рафтанашон) яке аз соҳаҳои мураккаб ва бисёрҷабҳаи таҳқиқотӣ мебошанд. Онҳоро

санъатшиносон, мусиқишиносон, фарҳангншиносон, арғунуншиносон, муаррихон, бостоншиносон, мардумшиносон (этнологҳо), ҷомеашиносон, маводшиносон ва бисёр дигар мутахассисон мавриди омӯзишу таҳқиқи хеш қарор додаанд.

Бо дарназардошти муҳимияти гирдоварӣ, нигоҳдорӣ, омӯзиш ва тарғибу ташвиқи созҳои мусиқӣ дар осорхонаҳо масъалаи мазкур зери назар ва дастгирии ҳамешагии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор гирифтааст. Маҳз бо дар назар доштани аҳамияти илмӣ-амалӣ ва фарҳангии ин мавзӯъ ҳанӯз соли 1998 ҳангоми боздид аз Осорхонаи созҳои мусиқии Гурминҷ Завқибеков (минбаъд мухтасаран Осорхонаи Г.Завқибеков – Н.Ҳ.) Пешвои миллат дар дафтари тамошобин мулоҳизаҳои худро чунин сабт намудаанд: «Осорхонаи созҳои мусиқии акаи Гурминҷро тамошо карда, як олам таассурот гирифтам. Ин дар Тоҷикистон ягона осорхонаест, ки дар он асбобҳои гуногуни мусиқии аз ниёгон баёдгормонда бо ташаббус ва саъю талоши ин ҳунарманди тавоно гирд оварда шудаанд. Илова бар ин, мо дар осорхона намунаи асбобҳои мусиқии халқҳои гуногуни ҷаҳонро низ мебинем. Ин осорхона дар тарбияи эстетикии ҷомеа, ба хусус ҷавонон хизмати босазо мекунад»[1].

Дар рисола бори нахуст созҳои мусиқии тамоми осорхонаҳои Тоҷикистон ба таври мукаммал ва дар асоси таҳқиқи бевоситаи онҳо, ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ва асноди осорхонавӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. То имрӯз танҳо баъзе аз созҳои ҷудогонаи мусиқии осорхонаҳои Тоҷикистон аз ҷониби олимони ватанӣ ва хориҷӣ таҳқиқ шудаанду халос.

**Дараҷаи омӯзиши мавзӯъ.** Доир ба созҳои мусиқии анъанавии тоҷикон аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, пеш аз ҳама олимони рус, осори зиёди таҳқиқотӣ таълиф гардидаанд. Дар ин асарҳо ҷанбаҳои

[1]Раҳмонов, Э. Таассурот аз боздиди Осорхонаи созҳои мусиқии Гурминҷ Завқибеков / Э. Раҳмонов // Баҳори Аҷам. – 1998. - №7. – декабр.

гуногуни созҳо, яъне ҳамчун осори маданияти моддӣ, осори таърихӣ, падидаи иҷтимоӣ, нишонаи миллӣ, системаҳои овозӣ ё садодиҳанда таҳқиқ шудаанд. Дар асоси мақсаду вазифаҳои таҳқиқоти мо масъалаҳои марбут ба ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, таблиғу оммавигардонии созҳои мусиқии халқи тоҷик ҳамчун сарчашмаи таърихӣ дар осорхонаҳо мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода мешаванд.

Аввалин гирдоварон ва муҳаққиқони созҳои анъанавии мусиқии халқи тоҷик, чуноне зикрашон рафт, олимони руси нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX Эйхгорн А. Ф. (1844-1909), Зарубин И. И. (1887-1964), Самойлович А. Н. (1880-1938), К.Н. Росет, Рачинский И. И. (1861-1921) ва чанде дигарон мебошанд. Созҳои ҷамъовардаи онҳо имрӯзҳо дар осорхонаҳои бузурги Федератсияи Россия нигоҳдорию муаррифӣ карда шуда, на танҳо барои оммавигардонӣ, балки барои таҳқиқоти илмӣ низ сарчашмаи муҳиме мебошанд.[1]

Ба радифи аввалин гирдоварандагони созҳои мусиқии халқи тоҷик, яъне муҳаққиқони рус кишваршиноси садаи XIX тоҷик Акрам-Полвон Аскаров низ шомил мебошад, ки созҳои ҷамъкардаи ӯ ҳоло дар Эрмитажи Давлатии Федератсияи Россия нигоҳ дошта мешаванд ва доир

[1] Полная коллекция музыкальных инструментов народов Центральной Азии А. Ф. Эйхгорна. – СПб., 1885. – 16 с.; Зарубин, И. И. Материалы и заметки по этнографии горных таджиков Долина Бартанга / И. И. Зарубин // Сборника музея антропологии и этнографии при Российской академии наук. – Петроград, 1917. – T.V. – С.126; Миронов, Н. Музыка таджиков / Н. Миронов. – Сталинабад, 1932. – 78 с.; Виноградов, В. С. Киргызская народная музыка / В. Виноградов. – Фрунзе: Киргизгосиздат, 1958. – 335 с.; Вертков, К., Благодатов, Г., Язовицкая, Э. Атлас музыкальных инструментов народов СССР / К. Вертков, Г. Благодатов, Э. Язовицкая. – М., 1963. – 273 с.; Садоков, Р. Музыкальные инструменты древнего Хорезма в памятниках изобразительного искусства / Р. Садоков // Музыка народов Азии и Африки. – М., 1969. – Вып.1; Музыкальная культура древнего Хорезма. – Москва : Наука, 1970. – 138 с.; Кароматов, Ф. Узбекская инструментальная музыка (наследие) / Ф. Кароматов. – Ташкент, 1972. – 360 с.; Музыкальные инструменты народов Советского Союза в фондах Государственного центрального музея музыкальной культуры имени М. И. Глинки. Каталог / Составитель В. М. Куликов. – Москва, 1977. – 62 с. с илл.; Вызго, Т.С. Музыкальные инструменты Средней Азии / Т. С. Вызго. – М.: Музыка, 1980. – С.140-152; Slobin, Mark. Zentralasien // Aussereuropaische Musik in Einzeldarsteiiungen. Kassel, Basel, London; dtv. Brenreiter, edition MGG, 1980; Хакимов, Н. Г. Музыкальный инструментарий таджиков // Таджикская музыка (коллектив авторов). – Душанбе, 2003; Маҳмадамонов, Х. Созҳои мусиқии Бадахшон / Х. Маҳмадамонов. – Душанбе: Маориф, 2013; Джани-заде, М. Т. Музыкальная культура Русского Туркестана. (По материалам музыкально-этнографического собрания Августа Эйхгорна, военного капельмейстера в Ташкенте 1870-1883гг.) Каталог-исследование / М. Т. Джани-заде. – М., 2013. – 336 с., илл.; Низомӣ, А. Таърихи мусиқии тоҷик / А. Низомӣ. – Душанбе: Адабиёти бачагона, 2014. – 384 с.; Кабилова, Б. Т. Истории музыкальной культури Таджикистана в 1917-1957: Дисс. док. истор. наук / Кабилова Бахринисо Туйчиевна. – Душанбе, 2016. – С.54.

ба созҳои мусиқии ҷамъовардаи ӯ муҳаққиқон, ба вижа таърихшинос ва шарқшиноси рус В.В Бартолд маълумоти ҷолиб додаанд.[1]

Ба қатори аввалин пажӯҳишгарони созҳои мусиқии тоҷик, ки дар осорхонаҳо маҳфузанд, инчунин аз донишмандон Кароматов Ф. ва Нурҷонов Н.Ҳ. низ ёд кардан бамаврид мебошад.

Онҳо ҳанӯз дар нахустин экспедитсияи санъатшиносӣ ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон соли 1959 созҳои мусиқии рубоби қумрӣ ва баландзикомро, ки дар Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносии шаҳри Хоруғ нигоҳдорӣ мешаванд, таҳқиқ намуда, дар китобашон «Музыкальное искусство Памира» ҳамчун натиҷаи таҳқиқоташон созҳои мусиқии болозикрро ба таври васеъ шарҳу тавзеҳ карда, акси созҳоро бо тавсифи илмӣ овардаанд.

Соли 1963 аз ҷониби муҳаққиқони рус Вертков К.А., Благодатов Г., Язовитская Э. Феҳристи созҳои мусиқии халқҳои Иттиҳоди Шӯравӣ таҳти унвони «Атлас музыкальных инструментов народов СССР» нашр гардид. Дар ин феҳрист чанде аз созҳои мусиқӣ, ба монанди дутори хурд (думбра), рубоби қумрӣ, ғижаки бадахшонӣ ва чанбара (чиндаул) аз фонди Осорхонаи муттаҳидаи таърихӣ-кишваршиносӣ ва санъати тасвирии ба номи Камолиддин Беҳзоди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам бо аксашон оварда шудаанд.[2]

Баъд аз Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи олимони санъатшинос ба таҳқиқи созҳои мусиқии осорхонаҳо бештар гардидааст. Бояд қайд намуд, ки дар омӯзиши созҳои мусиқии осорхонаҳо саҳми пажӯҳишгарони ватанӣ, аз қабили А.Низомӣ, Х. Маҳмадамонов, Низомов Х. Таваккалов Ҳ., Нуров З.Г., Шарифзода Ф. хело назаррас аст. Дар доираи таҳқиқотҳои созшиносӣ якчанд таълифоти илмӣ, аз ҷумла, китоби пажӯҳишгар Х. Низомов «Созҳои

---

[1] Бартольд, В. В. Ташкентский коллекционер Акрам-Пахлаван Аскаров / В. В. Бартольд. – Окраина; Самарканд, 1898. – №423.,

[2]Вертков, К., Благодатов, Г., Язовицкая, Э. Атлас музыкальных инструментов народов СССР / К. Вертков, Г. Благодатов, Э. Язовицкая. – М., 1963. – 273 с.

мусиқии тоҷик ва ҳунари созшиносӣ»[1], китоби муҳаққиқ Х. Маҳмадамонов «Созҳои мусиқии Бадахшон», таълифоти Таваккалов Ҳ. ва Мамадшерзодшоев Ш. «Рубоби помирӣ дар оинаи таърих ва ривоёт»[2], ҳамчунин асари илмии санъатшиноси тоҷик А. Низомӣ «Таърихи мусиқии тоҷик»[3] нашр гардидаанд, ки дар ин асарҳо як қатор созҳои мусиқӣ аз коллексияҳои осорхонаҳои Тоҷикистон таҳқиқ гардидаанд.

Дар рисолаи номзадии Нуров Г.З. "Формирование и развитие музейного дела в Таджикистане (30-е годы XX – начало XX1вв.)"[4] ва монографияи Ф. Шарифзода «Социально-культурная деятельность музеев Таджикистан в период независимости (1991-2011 гг.)» дар баробари таҳлили ҷанбаҳои гуногуни кори осорхонаҳо ҳамчунин доир ба созҳои мусиқии Осорхонаи созҳои мусиқии Г. Завқибеков ва Осорхонаи ҷумҳуриявии фарҳанги мусиқии ба номи З. Шаҳидӣ маълумоти мухтасар дода шудааст.[5]

Соли 2015 ҷилди якум, соли 2017 ҷилди дуюм ва соли 2019 ҷилди сеюми китоби энсиклопедии «Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик» нашр гардид, ки дар ҷилди якуми он созҳои мусиқии дунай, дутор, баландзиком, баландмақом, ғижак (форсӣ-тоҷикӣ), ду навъ ғижаки бадахшонӣ, даф, доира аз Осорхонаи созҳои мусиқии Гурминҷ Завқибеков, този зарбии қошуқ аз Осорхонаи таърихии вилояти Суғд[6], дар ҷилди дуюми он созҳои мусиқии табли мунаққаш аз Осорхонаи миллии Тоҷикистон ва танбӯри ороишӣ бо сабти номи Осорхонаи Кӯлоб ба таври мухтасар шарҳу тавзеҳ ёфтаанд.

Фарҳанги мусиқии тоҷик дорои анъаноти қадим мебошад. Бозёфтҳои созҳои бостонии мусиқӣ аз ҳафриётҳои археологӣ гувоҳи ин

---

[1] Низомов, Х. Созҳои мусиқии тоҷик ва ҳунари созшиносӣ / Х. Низомов. – Душанбе: Бебок, 2012. – 158 с.
[2]Таваккалов, Ҳ. Мамадшерзодшоев, У. Рубоби помирӣ дар оинаи таърих ва ривоёт / Ҳ. Таваккалов, У. Мамадшерзодшоев. – Душанбе, 2019. – 199 с.
[3] Низомӣ, А. Таърихи мусиқии тоҷик / А. Низомӣ. – Душанбе: Адабиёти бачагона, 2014. – 384 с.
[4] Нуров, Г. З. Формирование и развитие музейного дела в Таджикистане (30-е годы XX-начало XXI вв.): Автореф. дисс… канд. истор. наук / Нуров Гулмахмад Зиёевич. – Душанбе, 2011. – 27 с.
[5] Шарифзода, Ф. Социально-культурная деятельность музеев Таджикистан в период независимости (1991-20011 гг.) / Ф. Шарифзода. – Душанбе: Истеъдод, 2014. – С.125.
[6] Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Душанбе, 2015. – №1. – 668 с.

гуфтаҳоанд. Ин бозёфтҳо дар осорхонаҳо нигоҳдорӣ ва муаррифӣ мешаванд ва ҳамчунин барои омӯзиш ва оммавигардонии фарҳанги мусиқии халқи тоҷик ба таври васеъ истифода мегарданд.[1] Дар омӯзиши созҳои мусиқии давраҳои қадим ва асрҳои миёнаи халқи тоҷик мусиқишиноси ватанӣ Н.Г.Ҳакимов саҳми арзанда гузоштааст.[2] Ӯ дар асарҳояш созҳои мусиқиро ҳамчун падидаи таърихӣ, фарҳангӣ, ҳунарӣ ва зеҳнӣ таҳқиқ карда, ташаккули ҳунари мусиқиро марҳила ба марҳила нишон додааст. Номбурда анъанаҳои мардумии санъати мусиқии тоҷиконро дар ҳамбастагӣ бо ҷанбаҳои гуногуни зиндагии мардум, маданияти моддӣ ва маънавии онҳо омӯхтааст. Дар таҳлили созҳои мусиқии бостонӣ Н.Г.Ҳакимов на танҳо аз маводи бостоншиносӣ, балки аз сарчашмаҳои хаттӣ - рисолаҳои мусиқишиносӣ низ фаровон истифода бурдааст.

Ҳамин тавр, аввалин гирдоварандагон ва муҳаққиқони созҳои мусиқии тоҷикон навозандагон ва этнографҳои асрҳои XIX ва ибтидои асри XX рус буданд. Дар таҳқиқи созҳои мусиқии халқи тоҷик инчунин

---

[1]Живопись древнего Пенджикента. – М.: Издательство АН СССР, 1954. – 207 с. илл. 41 л. илл.; Искусство таджикского народа. – Сталинабад, 1960. – Вып.2. – 375 с.; Искусство таджикского народа. – Душанбе: Дониш, 1965. – Вып.3. – 349 с., Серегин, В. Я. Раскопки по городищеКах-Каха 1 (Шахристан 1) / В. Я, Серегин // Сообщения Государственного республиканского музея истории краеведческого и изобразительного искусство. – Душанбе: Ирфон, 1966. – Вып. IV. – С.29-58; Бубнова, М. А. Результаты раскопок поселения Базар-Дара в 1973 г. / М. А. Бубнова // Археологические работы в Таджикистане - Душанбе: Дониш, 1977. – Вып.XIII (1973 год). – 271 с.; Раҷабов, А. Созҳои мусиқӣ дар аҳди Сосониён / А. Раҷабов // Искусство Таджикского народа. – Душанбе: Дониш, 1979. – С.191; Вызго, Т.С. Музыкальные инструменты Средней Азии / Т. С. Вызго. – М.: Музыка, 1980. – 191 с.; Гулямова, Э. Музыкальные инструменты в живописи Хульбука / Э. Гулямова // Известия Академии наук Таджикской ССР. – 1985; Гулямова, Э. Музыкальный инструменты в живописи Хульбука / Э. Гулямова // Борбад и художественные традиции народов Центральной и Передней Азии: история и современность. – Душанбе: Дониш, 1990. – С.133-134; Древности Таджикистана: каталог выставки. – Душанбе: Дониш, 1985. – 339 с., Курбонов, Ш. Музыкальный инструмент из Тали Хамтуда (1-111 вв. н.э.) / Ш. Курбонов // Борбад и художественные традиции народов Центральной и Передней Азии: история и современность. – Душанбе: Дониш, 1990. – С.153-154; Бубнова, М. Древние музыкальные инструменты с территории Горно-Бадахшанской автономной области (по археологическим материалам) / М. Бубнова // Борбад и художественные традиции народов Центральной и Передней Азии: история и современность. Доклады и сообщения. – Душанбе, 1999. – К.1. – С.136 – 144; Литвинский, Б. А., Пичикян, И. Р. Эллинистический Храм-Окса / Б. А. Литвинский, И. Р. Пичикян. – М.: Восточная литература РАН, 2000. – Т.1. – 502 с.; Раҷабов, А. Мусиқӣ дар тамаддуни Сомониён (Музыка в культуре Саманидов) / А. Раҷабов. – Душанбе: Ирфон, 2000. – 197 с.; Хакимов, Н. Г. Музыкальная культура таджиков / Н. Г. Хакимов. – Худжанд, 2004. – Кн.2. – 605 с. с илл.; Джани-заде, М. Т. Музыкальная культура Русского Туркестана. (По материалам музыкально-этнографического собрания Август Эйхгорна, военного капельмейстера в Ташкенте 1870-1883гг.) Каталог-исследование / М. Т. Джани-заде. – М., 2013. – 336 с., илл.; Низомӣ, А. Таърихи мусиқии тоҷик / А. Низомӣ. – Душанбе: Адабиёти бачагона, 2014. – 384. – С.344.

[2]Хакимов, Н. Г. Музыкальная культура таджиков / Н. Г. Хакимов. – Худжанд, 2004. – Кн.2; Его же:

олимони ватанӣ низ саҳми босазо гузоштаанд. Бо вуҷуди ин ҳама бояд зикр намуд, ки дар таърихшиносии тоҷик то ҳанӯз ягон таҳқиқоти ҷудогонаю вижае вуҷуд надорад, ки маҳз ба омӯзиши коллексияи созҳои мусиқии осорхонаҳои Тоҷикистон бахшида шуда бошад. Аз ин рӯ муаллифи ин таҳқиқот кӯшиш намудааст, ки ин холигиро дар мавриди таҳқиқи созҳои мусиқии осорхонаҳои ҷумҳурӣ то андозае пурра намояд.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқот омӯзиши ҷомеи коллексияҳои созҳои мусиқии тамоми осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи муҳим ҷиҳати пажуҳиши таърих ва фарҳанги мусиқии халқи тоҷик мебошад. Созҳои мусиқӣ бахши муҳими мероси фарҳангӣ буда, муаррифгари дастовардҳои ҳунарии халқи тоҷик ба шумор меравад. Барои расидан ба ин мақсад дар диссертатсия масъалаҳои зерин ба миён гузошта шудаанд:

- муайян кардани нақши созҳои мусиқӣ ҳамчун бахши муҳими мероси фарҳангӣ;
- муайян кардани ҷойгоҳи муҳаққиқони рус дар ташаккули коллексияҳои осорхонавии созҳои мусиқии халқи тоҷик;
- тавсифи созҳои мусиқии осорхонаҳои ш. Душанбе ва муайян кардани нақши онҳо дар таъриху фарҳанги тоҷикон, ҳамчунин баланд бардоштани фарҳанги мусиқишиносӣ ва зебопарастии сокинони пойтахт, инчунин меҳмонони дохилӣ ва берунӣ;
- таҳқиқи саҳми осорхонаҳои ноҳиявӣ ва вилоятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷамъоварӣ, ҳифз ва оммавигардонии фарҳанги мусиқии халқи тоҷик;
- таҳлили фаъолияти осорхонаҳо дар самти ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, бақайдгирӣ ва ҳуҷҷатнигории созҳои мусиқӣ;
- омӯзиши роҳҳо ва усулҳои оммавигардонӣ, муаррифии созҳои мусиқӣ дар осорхонаҳо;
- нишон додани нақши созтарошони муосир дар таҳияву пуррагардонии коллексияҳои асбобҳои мусиқии осорхонаҳо;

**Объекти таҳқиқот.** Коллексияҳои созҳои мусиқии мардуми тоҷик дар осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Предмети таҳқиқот.** Омӯзиши коллексияҳои созҳои мусиқӣ ҳамчун сарчашма барои омӯзиши таърих ва фарҳанги халқи тоҷик, инчунин оммавигардонии онҳо.

**Ҳудуди замонии таҳқиқот** асосан солҳои 1930 – 2019 - ро фаро гирифтааст. Давраи мазкурро бо дарназардошти хусусиятҳои хоси фаъолияти осорхонаҳо дар кори гирдоварӣ, ҳифз, омӯзиш ва оммавигардонии созҳои мусиқии мардуми тоҷик ба ду марҳила метавон ҷудо намуд. Марҳилаи якумро фаъолияти осорхонаҳо дар ҷамъоварӣ ва ҳифзу муаррифии созҳои мусиқӣ аз солҳои 30-ум то солҳои 80-уми асри XX дарбар мегирад; Марҳилаи дуюм фарогири фаъолияти осорхонаҳо дар ҳифзу муаррифии созҳои мусиқӣ аз ибтидои солҳои 90-уми асри XX то соли 2019 мебошад. Ин марҳилаҳо бо вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии мамлакат, инчунин рушди фарҳанг, аз ҷумла, кори осорхонаҳо робитаи мустақим ва ногусастанӣ доранд.

**Навгонии илмии** диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст коллексияҳои созҳои мусиқии ҳамаи осорхонаҳои Тоҷикистон ба таври махсус ва ҷомеъ омӯхта шудаанд. Дар асоси ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ва асноди осорхонавӣ аввалин маротиба шумораи умумии онҳо муайян карда шуда, барои ҳар яки он шиноснома тартиб дода шудааст. Бар замми ин, нахустин маротиба тавассути таҳқиқоти мазкур Феҳристи пурраи созҳои мусиқии осорхонаҳои Тоҷикистон таҳия гардидааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Ҳангоми таълифи рисола муаллиф аз методҳои илмие, ки дар асарҳои олимони шинохтаи ватанӣ ва рус истифода ва татбиқ шудаанд, инчунин аз усулҳои илмии таърихӣ, фарҳангшиносӣ ва таҳлилӣ васеъ истифода намудааст.

**Сарчашмаҳои асосии таҳқиқот.** Сарчашмаи асосии таҳқиқотро созҳои мусиқии дар осорхонаҳои Тоҷикистон маҳфузбуда, ки аз ҷониби муаллифи рисола бевосита ташхис ва тавсиф шудаанд, ташкил мекунад.

Дар баробари ин, муаллифи рисола аз маводи бойгонӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, барномаҳои давлатӣ, маҷмӯаи ҳуҷҷатҳо, гузоришҳои матбуоти даврӣ ба таври фаровон истифода кардааст. Аз рӯи мазмун ва хусусият ин маводро метавон ба шаш гурӯҳ табақабандӣ намуд:

1. Коллексияҳои созҳои мусиқии осорхонаҳои Тоҷикистон;
2. Маводи Бойгонии марказии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
3. Бойгониҳои осорхонаҳои марказии ҷумҳуриявӣ, соҳавӣ, ноҳиявӣ ва вилоятӣ;
4. Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаҳои давлатӣ;
5. Маводи матбуоти даврӣ;
6. Мусоҳибаҳо бо санъатшиносон, навозандагон ва роҳбарони осорхонаҳои ҷумҳурӣ.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот**.

Натиҷаҳои бадастомадаи диссертатсияро метавон дар мавридҳои зерин истифода намуд:

-дар таълифи асарҳои ҷомеъ оид ба масъалаҳои таърихи санъат ва фарҳанги халқи тоҷик;

-дар навиштани асарҳои илмӣ ва дастурҳои таълимӣ доир ба таърихи рушди созҳои мусиқии тоҷик;

-ҳамчун манбаи таълимӣ дар дарсҳои тахассусии макотиби олии ҷумҳурӣ доир ба фарҳанги халқи тоҷик, мусиқӣ, осорхонашиносӣ, мардумшиносӣ.

**Ба ҳимоя нуктаҳои зерин пешниҳод мегарданд:**

- ҷамъоварӣ, омӯзиш ва ба осорхонаҳо воридшавии созҳои мусиқии халқи тоҷик ҳанӯз аз нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX оғоз гардида буд. Дар ин кор саҳми мусиқишиносон ва мардумшиносони рус А.Ф. Эйхгорн, И. И. Зарубин, А. Н. Самойлович, К. Н. Росет, И. И. Рачинский ва дигарон калон аст. Маҳз бо кӯшиши ҳамин олимон бори аввал созҳои мусиқии тоҷикӣ

дар шакли ҷомеъ ҷамъоварӣ карда шуда, дар осорхонаҳо, ба вижа осорхонаҳои Федератсияи Россия то ҳол нигоҳдорӣ мешаванд.

- кишваршиноси садаи XIX тоҷик Акрамполвон Аскаров яке аз аввалин гирдоварандагони созҳои мусиқии халқи тоҷик мебошад. Созҳои ҷамъкардаи ӯ ҳоло дар Эрмитажи Давлатии Федератсияи Россия маҳфуз мебошанд;
- ҷамъоварии мунтазам, омӯзиш ва ба осорхонаҳо воридшавии созҳои мусиқии халқи тоҷик дар Тоҷикистон ҳанӯз солҳои 1930 оғоз гардида, он бо таъсисёбии аввалин осорхонаҳои таърихӣ-кишваршиносӣ алоқаманд буд;
- дар гирдоварии созҳои мусиқӣ хизмати кормандони осорхонаҳо, олимон, ҳамчунин ҳунармандон-устоҳои созтарош хеле калон аст;
- коллексияҳои созҳои мусиқии осорхонаҳои Тоҷикистон барои омӯзиши таърихи инкишофи санъати мусиқии халқи тоҷик сарчашмаи боэътимод мебошанд. Маводи коллексияҳои осорхонаҳоро қисман А.Низомӣ, Х. Махмадамонов, Х. Низомов, Х.Таваккалов, З.Г. Нуров, Ф. Шарифзода дар таълифоташон истифода бурдаанд;
- коллексияҳои созҳои мусиқӣ беш аз ҳама дар осорхонаҳои пойтахти ҷумҳурӣ - шаҳри Душанбе гирд оварда шудаанд. Масалан, дар Осорхонаи миллии бостонии Тоҷикистон созҳои мусиқие ҳастанд, ки дар рафти ковишҳои бостоншиносӣ ёфт шуда, ба а. III-II то м. - IX-X м. тааллуқ доранд ва аз анъанаҳои хеле қадимӣ ва рушдёфтаи мусиқии халқи тоҷик шаҳодат медиҳан;
- дар шаҳри Душанбе ду осорхонаи махсуси созҳои мусиқӣ фаъолият доранд – Осорхонаи ҷумҳуриявии фарҳанги мусиқии ба номи З.Шаҳидӣ ва Осорхонаи созҳои мусиқии Г.Завқибеков. Бо мақсади таблиғи фарҳанги мусиқӣ дар назди осорхонаи Г.Завқибеков ансамбли фолклорӣ-этнографии “Само” ташкил карда шудааст;

- тартиб додани Феҳристи мукаммали созҳои мусиқии осорхонаҳои Тоҷикистон яке аз дастовардҳои муҳими муаллифи диссертатсия мебошад;
- ба намоиш гузоштан ва ба тамошобинони ватанӣ ва хориҷӣ муаррифӣ намудани созҳои мусиқии халқи тоҷик ва истифодаи онҳо дар чорабиниҳои гуногуни фарҳангӣ яке аз самтҳои муҳими фаъолияти осорхонаҳои Тоҷикистон дар оммавигардонии фарҳанги мусиқӣ мебошад.

**Баррасии натиҷаҳои таҳқиқот.** Натиҷаҳои асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 6 мақолаи илмии муаллиф, аз ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд.

Ҳамчунин, нуктаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ, аз ҷумла дар конференсияи илмӣ-назариявии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи«Саҳми созтарошони тоҷик дар такмили созҳои мусиқӣ» (13.04.2018); дар конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявии «Мавқеъ ва нақши ёдгориҳои таърихӣ дар рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» дар мавзӯи “Нақши Осорхонаи созҳои мусиқии Гурминҷ Завқибеков дар ҷалби сайёҳони хориҷӣ” (Осорхонаи миллии Тоҷикистон, факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 08.12.2018) ироа шудаанд.

**Сохтори рисола.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва замима иборат мебошад.

# БОБИ I. ДАВРАҲОИ АСОСӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ХОСИ ОМӮЗИШИ СОЗҲОИ МУСИҚИИ ТОҶИК

## 1.1. Асбобҳои мусиқии тоҷик дар коллексияҳои осорхонаҳои Федератсияи Россия ҳамчун сарчашма дар омӯзиши таърихи мусиқии тоҷик

Баъд аз ба Россияи подшоҳӣ ҳамроҳ гардидани Осиёи Миёна (1865-1885) муҳаққиқони рус бо таъриху фарҳанги Осиёи Миёна ошноӣ пайдо карданд ва таваҷҷуҳи онҳоро бештар фарҳанги маҳаллӣ ва анъанаҳои бойи мардумии халқҳои Осиёи Миёна ҷалб намуд. Ба хусус, фарҳанги мусиқии халқи тоҷик, ки хело рангин аст, аз ҷониби олимони рус мавриди таҳқиқ қарор гирифт. Аз ҷумла, бозёфти намунаҳои зиёди анвои 30-юми асри XX аз ҳудуди Осиёи Миёна таърихи қадима доштани фарҳанги мусиқии тоҷиконро бори дигар ба исбот расонид. Бар замми ин, баъзе шарқшиносон, мусиқишиносон ва мардумшиносони рус, ба монанди А.Ф. Эйхгорн, И. И. Зарубин, А. Н. Самойлович, К. Н. Росет, мусиқишинос ва композитор И. И. Рачинский ва дигарон ба омӯзиши ҳаёти мусиқии мардуми Осиёи Марказӣ ва ҷамъоварии созҳои мусиқӣ дар охири асри XIX ва ибтитидои асри XX машғул гардиданд.

Коллексияи созҳои мусиқии бо саъю талоши муҳаққиқони рус гирдоваришуда имрӯз дар осорхонаҳои бонуфузи Федератсияи Россия, аз ҷумла дар Осорхонаи ба номи Пётри Якуми назди Институти этнографии Академияи илмҳои Россия, Осорхонаи этнографии Россия дар ш. Санкт-Петербург (Кунтскамера) ва Осорхонаи муттаҳидаи фарҳанги мусиқии ба номи М.И. Глинкаи шаҳри Москва нигоҳдорӣ ва ҳифз мешаванд. Қайд кардан бамаврид аст, ки доир ба махсусияти онҳо асарҳои илмию таҳқиқотӣ ва илмию оммавии зиёде, мақолаҳои гуногун навишта шудаанд.

Саҳми олим ва мусиқидони рус Август Фёдорович Эйхгорн (1844-1909) дар самти ҷамъоварӣ, омӯзиш ва муаррифии фарҳанги мусиқӣ, ба хусус созҳои мусиқии мардуми тоҷик ниҳоят бузург аст. А.Ф. Эйхгорн аслан зодаи кишвари Олмон буда, дар Театри калони шаҳри Москва ба

сифати скрипканавоз фаъолият менамуд. Соли 1870 ӯро ба хизмати ҳарбӣ даъват менамоянд ва мавсуф бо хоҳиши худ ба Туркистон ҳамчун роҳбари оркестри нафасии гарнизони Сирдарё фиристода мешавад. А.Ф. Эйхгорн шурӯъ аз соли 1870 то соли 1872 миқдори зиёди созҳои мусиқии халқҳои Осиёи Миёнаро ҷамъоварӣ намудааст.[1] Соли 1872 дар Осорхонаи политехникии шаҳри Москва дар доираи намоиши махсуси этнографӣ, ки аз ҷониби Кумитаи Туркистон омода гардида буд, созҳои мусиқии гирдовардаи А. Эйхгорн ба маърази тамошо гузошта шудаанд. Тибқи гузориши Т.М. Ҷонизода, пас аз соле ин созҳо барои намоиш ба Осорхонаи Вена бурда мешаванд, вале, мутаассифона, баъд аз намоиш дар осорхонаи мазкур аз ҳамон ҷо нопадид мегарданд ва А. Эйхгорн минбаъд аз соли 1873 дубора ба ҷамъоварии созҳои мусиқӣ машғул мешавад.[2]

Коллексияи созҳои мусиқии дубора аз Осиёи Миёна гирдовардаи А. Эйхгорн соли 1885 дар Осорхонаи Ф. Патекаи шаҳри Санкт-Петербург ба намоиш гузошта мешавад. Яке аз сарчашмаҳои муҳиме, ки доир ба коллексияи нахустини созҳои мусиқии А. Эйхгорн маълумоти ҷолиб додааст, «Албоми Туркистон»[3] мебошад. Коллексияи созҳои нахустини ҷамъоваринамудаи А. Эйхгорн 15 ададро дарбар гирифтааст, ки аз қабили рубоби тоҷикӣ (афғонӣ), най, сурнай, карнай, тарелка, балабон, дуҳул, ғижак, доира, ҷуфтнағора, танбӯр, дутор, қобуз, қайроқ (ду ҷуфт) дар албоми мазкур ҷойгоҳи махсусро касб кардаанд.[4] Муҳимияти ин албом дар инъикоси таърихи фарҳанги мусиқӣ ва созҳои мусиқии мардуми тоҷик аз он иборат аст, ки навозандагон дар он бо номҳои “танбӯрӣ”, “сурнайчӣ”, “ғижакчӣ”, “найи сарбозӣ”, “қӯшнайчӣ”, “дуторчӣ”, “нақорачӣ” ва бо нишондоди акс қайд гардидаанд. Чуноне ки

---

[1] Низомӣ, А. Таърихи мусиқии тоҷик / А. Низомӣ. – Душанбе: Адабиёти бачагона, 2014. – С.344.
[2] Джани-заде, М. Т. Музыкальная культура Русского Туркестана. (По материалам музыкально-этнографического собрания Август Эйхгорна, военного капельмейстера в Ташкенте 1870-1883гг.) Каталог-исследование / М. Т. Джани-заде. – М., 2013. – С.12.
[3]Туркестанский альбом: по распоряжению генерал-губернатора генерал-адьютанта Константина Петровича фон Кауфмана 1-го Ч.2: Этнографическая / Составитель А. Л. Кун. – СПб.: Лит. Воен. Типография отдела Туркистанского Военного Округа, 1971-1972. – 87 с.
[4]Ҳамон ҷо. – С.82.

маълум аст, сафари якуми фаъолияти капелмейстрии А. Эйхгорн на танҳо дар шаҳри Тошкент, балки дар Самарқанд, Бухоро, Хуҷанд, Қӯқанд, Панҷакент, Конибодом низ гузаштааст ва акси созҳои коллексияи нахустини А. Эйхгорн аз он дарак медиҳад, ки қисми зиёди онҳо аз тоҷикон ҷамъоварӣ шудаанд. Аз ҷониби дигар, аз мафҳуми номи созҳо низ бармеояд, ки онҳо ба мардуми тоҷик рабт доранд.

Коллексияи созҳои мусиқии дубора ҷамъоваринамудаи А. Эйхгорн то ҳанӯз дар Осорхонаи муттаҳидаи фарҳанги мусиқии ба номи М.И. Глинкаи шаҳри Москва нигоҳдорӣ ва муаррифӣ карда мешавад.

Соли 1885 аз ҷониби А. Эйхгорн феҳристи «Коллексияи созҳои мусиқии мардуми Осиёи Миёна» дар ҳаҷми 16 саҳифа ба нашр мерасад, ки аз 4 бахш иборат аст: [1]

1. Созҳои мусиқии торини қирғизҳо ва дигар қавмҳои муғул.
2. Созҳои мусиқии сокинони Туркистон, Қошғар, Қӯқанд, Афғонистон, Бухоро ва Хива.
3. Созҳои нафасии сартҳо (Туркистон).
4. Созҳои мусиқии зарбӣ.

Бахши якуми феҳристи мазкур 11 адад сози мусиқӣ, аз ҷумла 3 адад думбра, 3 қобиз, 3 адад сози най бо номи сибизгӣ ва 1 сози нафасии мисини курайро ташкил медиҳад, ки аз мардуми қирғиз ҷамъоварӣ шудаанд.[2]

Дар бахши дуюми феҳристи мазкур 13 адад созҳои мусиқии зерин қайд гардидаанд:

1. Як дутор аз дуторнавози машҳур аз Тошкент.
2. Як сетор аз Каримбой, ки ин сеторро хони Қӯқанд Худоёрхон менавохт ва ба Каримбой туҳфа намудааст.
3. Як чортор аз навозандаи шуғнонӣ (Бадахшон).
4. Як панҷтор аз Кобулистон.
5. Як шаштор аз навозандаи машҳури дарбори Бухоро.

---

[1] Полная коллекций музыкальных инструментов народов Центральной Азии А. Ф. Эйхгорна. – СПб., 1885. – 16 с.
[2]Ҳамон ҷо. – С.6.

6. Як ситор аз Қошғар.
7. Як ғижак (камонча) аз навозандаи андиҷонӣ, инчунин як ғижак аз навозандаи қипчоқ-қирғиз (кӯҳҳои Тиёншон).
8. Ду рубоби бадахшонӣ аз навозандаи дарбори Бухоро ва як рубоби ороишии бадахшонӣ аз шахси сарватманд.
9. Як рубоби тоҷикӣ (афғонӣ) аз Кобул.
10. Як сози мусиқии 8-тораи ғижак (ин сози мусиқиро А. Эйхгорн "бива" номидааст) ва як қонун аз Қошғар ҷамъоварӣ шудаанд.[1]

Бахши сеюми феҳристро А. Эйхгорн ба созҳои нафасии сартҳо (Туркистон) бахшидааст, ки 7 ададро дарбар мегирад, аз қабили 1 сурнай, чуноне ки А. Эйхгорн шарҳ додааст, аз як форси осиёимиёнагӣ (шояд тоҷики Бухоро бошад), 1 сарбознай аз сарбози навозандаи дарбории қӯқандӣ (дар танаи ин сози мусиқӣ бо хати форсӣ «Мулло Рӯзӣ Муҳаммад, 1296 (бо солшумории ҳиҷрӣ)» навишта шудааст.[2] Инчунин як сарбознайи мисин аз навозандаи сарбози дарбории бухороӣ (дар бадани ин соз навишта шудааст, ки «Соҳиб Исмоили нақорачии андиҷонӣ»), 1 қӯшнай (ҷуфтнай) аз Туркистон, 1 бӯқ аз шохи бузи кӯҳӣ бо номи рог аз Урганҷи вилояти Фарғона, 1 карнай аз сокинони Осиёи Марказӣ ва 1 каҷкарнай аз як бухороӣ ҷамъоварӣ намудааст. Аз навиштаҳои бадани созҳои нафасии дар боло ишорашуда бармеояд, ки навозандагони ин созҳо тоҷиканд ва ин ақидаро муҳаққиқ Т. Ҷонизода пешниҳод кардааст ва аз нигоҳи мо низ ба тоҷикон мансубият доштани созҳои мусиқии мазкур бебаҳс аст.

Дар бахши чоруми феҳристи А. Эйхгорн 8 адад созҳои зарбӣ ишора шудаанд, аз қабили 1 доира бо номи чирманда аз сартҳо, 1 нағора, чуноне ки дар умум қайд кардааст, аз кишвари Туркистон, 1 сафаил аз Қошғар, 1 сагак (сози зарбии мисини лаълишакл) аз Ҳиндустон, 1

---

[1] Полная коллекций музыкальных инструментов народов Центральной Азии А. Ф. Эйхгорна. – СПб., 1885. – С.10.

[2] Джани-заде, М. Т. Музыкальная культура Русского Туркестана. (По материалам музыкально-этнографического собрания Август Эйхгорна, военного капельмейстера в Ташкенте 1870-1883гг.) Каталог-исследование / М. Т. Джани-заде. – М., 2013. – С.12.

чиндаул (чанбара) аз Афғонистон, 1 лабчанг аз духтари тоҷик бо номи Парӣ Мулло.[1]

Созҳои мусиқии зикршуда айнан аз феҳристи тартибдодаи худи А. Эйхгорн оварда шудаанд.[2] Таъкид ба зикр аст, ки муҳаққиқон ба фаъолияти А. Эйхгорн нисбат ба ҷамъоварӣ ва омӯзиш созҳои мусиқии мардумони Осиёи Миёна, махсусан тоҷикон баҳои воқеӣ додаанд. Зеро мавҷудияти коллексияи ӯ имрӯз барои омӯзиши фарҳанги мусиқии мардумони Осиёи Миёна аҳамияти бузург дорад. Замоне ки А. Эйхгорн созҳои мусиқии мардумони Осиёи Миёнаро ҷамъоварӣ намуда буд, дар байни ин халқиятҳо марзбандии сиёсию ҷуғрофӣ вуҷуд надошт.

Тибқи маълумоти М.Т. Ҷонизода, доир ба кори омӯзишии А. Эйхгорн ҳанӯз соли 1917 дар мақолаҳои илмӣ вобаста ба этнографияи мусиқии Осиёи Миёна дар "Рӯзномаи мусиқии русӣ", ки муҳаррираш мусиқишиноси рус Н.Финдейзен (1868-1928) буд, маълумот ба нашр расидаанд. Муаллифи ин гузориш В.А.Чешихин (1865—1934), ки ба ӯ Н. Финдейзен нусхаҳои аслии асарҳои А. Эйхгорнро пешниҳод карда буд, ба фаъолияти капелмейстери Тошканд баҳои баланд дода, ӯро дар радифи С.А. Фамитсин (1841- 1896), С.П. Мелгунов (1879-1856) ва дигар муҳаққиқони маъруфи рус ҷой додааст. [3]

Вале баъд аз марзбандии сиёсию ҷуғрофии соли 1924 дар Осиёи Миёна аз ҷониби бархе аз муҳаққиқон коллексияи созҳои мусиқии А. Эйхгорн ба ин ё он миллати Осиёи Миёна мансуб дониста шудаанд.

Яке аз пажӯҳишгароне, ки доир ба рӯзномаи А. Эйхгорн ва коллексияи ҷамъоваринамудаи ӯ гузориш навиштааст, мусиқишинос В.М. Беляев (1888-1968) мебошад.

Китоби В.М. Беляев "Илми фолклоршиносии мусиқӣ дар Ӯзбекистон (сабтҳои аввал), Август Эйхгорн, асарҳои мусиқии

[1] Полная коллекций музыкальных инструментов народов Центральной Азии А. Ф. Эйхгорна. – СПб., 1885. – С.14.
[2] Ҳамон ҷо.
[3] Джани-заде, М. Т. Музыкальная культура Русского Туркестана / М. Т. Джани-заде. – М., 2013. – С.12.

этнографӣ”[1] ном гирифта, асари монографии мазкур дар асоси маводи ҷамъоваринамудаи А. Эйхгорн навишта шудааст.

Муҳтавои асосии асари мазкури В.М.Беляев асосан аз ду мақолаи дастнависи А. Эйхгорн иборат аст. Мақолаи аввалро А. Эйхгорн дар Санкт-Петербург соли 1888 аз матни “ Lieder und Gesange der Volker Zentral-Asients nebst sonstigen, ihre Muzik betreffenden Notizen, von August Eichhorn. 1-ter Theil: “Kirghiesen”/ВМОМК.Ф.340, нусхаи ягона 1497/[2] гирифтааст. Қисми якум, ки ба мусиқии қирғизҳо, (ВМОМК.Ф.340, нусхаи ягонаи 1498) бахшида шудааст, ба китоби В.М. Беляев бе тағйирот ва бо номи ҳаммонанди “Мусиқии қирғизҳо”ворид шудааст. Қисми 2-юми кори А. Эйхгорн ба мусиқии сокинони шаҳрҳои Туркистон, ки дар он замон “сартҳо” номида мешуданд, бахшида шудааст. Воқеан, дар дастхати мазкур муаллиф на “ӯзбекон” балки, доимо дар бораи “мардуми маҳаллӣ” ё “зодагони Осиёи Миёна”, сокинони шаҳрҳо ба таври умумӣ “сартҳо” (бо ибораи А. Эйхгорн - Sard, sardischen), созҳои мусиқӣ ва анъанаҳои он сухан мегӯяд. Маводи ин маҷмӯа ва ҳамчунин дафтари дастхатҳои А. Эйхгорн (ВМОМК.Ф.340, нусхаи ягона 143) ва навиштаҳои ҷудогона (ВМОМК.Ф.340, нусхаи ягона 1500) мутобиқ бо мақсади А. Эйхгорн аз ҷониби В.М. Беляев ба фасли алоҳида, вале бо номи “Мусиқии ӯзбекҳо” ҷудо карда шудааст.[3] Чунин номгузорӣ мутобиқ ба миллати ӯзбек ва таъсис ёфтани Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Ӯзбекистон, ки он замон А. Эйхгорн дар ин кишвар зиндагӣ ба сар мебурд, сурат гирифтааст, ҳарчанд фаъолияти эҷодии ӯ ҳамчунин минбаъд минтақаҳои гуногуни Қазоқистон, Тоҷикистон ва Қирғизистонро низ фаро гирифтааст. Ҳамин тариқ, намунаҳои мусиқӣ ва тавзеҳоти А. Эйхгорн, ки аз ҷониби М. Беляев

[1] Эйхгорн, А. Музыкальная фольклористика в Узбекистане. Музыкально-этнографические материалы (первые записи) / А. Эйхгорн. – Ташкент, 1963.
[2] Джани-заде, М. Т. Музыкальная культура Русского Туркестана / М. Т. Джани-заде. – М., 2013. – С.10.
[3] Эйхгорн, А. Музыкальная фольклористика в Узбекистане. Музыкально-этнографические материалы (первые записи) / А. Эйхгорн. – Ташкент, 1963. – С 97.

нашр шудаанд, таҷассумгари фаъолияти мусиқии на танҳо ӯзбекҳо аст, балки қисми зиёди он ба сокинони шаҳрҳои қадимаи тоҷикон мансубанд.

Дар замимаи асари ба А. Эйхгорн бахшидаи худ В.М. Беляев номгӯи “Маҷмӯи пурраи асбобҳои мусиқии халқҳои Осиёи Миёна”, ки онро А. Эйхгорн дар соли 1885 ба табъ расонида буд, бо баъзе тағйирот ва иловаҳо овардааст. Яъне В.М. Беляев бахши сеюми феҳристи тартибдодаи А. Эйхгорнро, ки бо номи “Созҳои мусиқии сартҳо” зикр шудааст, тағйир дода, бо номи “Созҳои мусиқии ӯзбекон”[1] қайд намудааст, ки ин, ба фикри мо, ифодагари таҳқиқоти нопурраи В.М. Беляев мебошад.

Доир ба чунин таҳқиқоти каммояи В.М. Беляев санъатшиноси тоҷик А. Низомӣ чунин ибрози ақида дорад, ки “Маҷмуаи созҳои мусиқии А. Эйхгорн, ки бо номи “Мусиқии сартҳо” номнавис шудааст”, аз эҳтимол холӣ нест, ки аз ҷониби В.М. Беляев зери таъсири ашхоси бегона қасдан “Мусиқии ӯзбекон” шарҳ дода шудааст”.[2]

Санъатшиноси дигари тоҷик, доктори илмҳои таърих Қобилова Б.Т. бо такя ба таҳқиқоти мусиқишиноси рус Т.М. Ҷонизода нисбат ба навиштаи В.М. Беляев изҳори назар карда, қайд кардааст, ки “осори гаронарзиши А. Эйхгорн аз ҷониби В.М. Беляев ба таври сатҳӣ таҳқиқ шуда, ӯ маҷмӯаи А. Эйхгорнро бе шарҳу далел ислоҳ намудааст ва як қисми онро, ки аз ҷониби А. Эйхгорн бо номи “Мусиқии сартҳо” сабт шуда буд, “Мусиқии ӯзбекон” номгузорӣ кардааст”.[3] Аз навиштаҳои муҳаққиқ Қобилова Б.Т. низ зоҳир мегардад, ки В.М. Беляев дар омӯзиши сарчашмаҳо дониши фарох надошааст.

Тибқи дастхат китоби мазкур дар ибтидо “Эйхгорн Август, маводи мусиқиву этнографӣ” ном дошта, дар охир ба он “Илми фолклоршиносии мусиқӣ дар Ӯзбекистон (сабтҳои аввал)” илова шудааст. Дар натиҷа асари А. Эйхгорн дар шакли дигар ва ҳаддалимкон

[1] Ҳамон ҷо. – С.192.
[2] Низомӣ, А. Таърихи мусиқии тоҷик / А. Низомӣ. – Душанбе: Адабиёти бачагона, 2014. – С.344.
[3] Кабилова, Б. Т. История музыкальной культуры Таджикистана в 1917-1957 годы: Дисс. док. истор. наук / Кабилова Бахринисо Туйчиевна. – Душанбе, 2016. – С.14.

маҳдуд пешкаш шуда, барои омӯзиши таърихи мусиқии тамоми минтақа, чуноне ки онро А. Эйхгорн дар назар дошт, истифода нашудааст.

Қатъи назар аз он, ки омӯзиши дастхатҳои А. Эйхгорн аз ҷониби В.М. Беляев шаҳодати фаъолияти босамари ин капелмейстери тошкандӣ мебошад, баъзе олимони хориҷӣ ба арзиши баланди осори ин мусиқишинос шак овардаанд. Чунончӣ, олими мусиқашинос М.Злобин, ки мутахассиси мероси мусиқии Осиёи Миёна ба шумор меравад, баъди шиносоӣ бо китоби В.М. Беляев дар бораи А. Эйхгорн дар яке аз мақолаҳои худ ин таҳқиқотро рӯякӣ ва беасос арзёбӣ кардааст. Тибқи андешаи ӯ, таҳқиқоти А. Эйхгорн дар ин соҳа "дарҳақиқат омӯзиши васеъ дар мусиқии миллӣ дар давраи тоинқилоб аст. Дар ин маврид А. Эйхгорн гузориши хуб, вале хеле соддалавҳона пешкаш мекунад" (Slobin.Zentralasien, 244).[1] Шояд сабаби ин интиқод ҳамзамон дар нодуруст баҳо додани фаъолияти А. Эйхгорн аз тарафи олимони шӯравӣ, ба мисли В.М. Беляев, Б.Г.Ерзакович ва дигарон бошад. Зеро муҳақиқони шӯравӣ ба инъикоси кори А. Эйхгорн аҳамият надодаанд, балки баръакс кӯшидаанд, ки "хатоҳо"-и ӯро нишон диҳанд ва бо ин мақсад бе ягон асос матнҳои ӯро "ислоҳ" кардаанд.

Ба ғайр аз таҳқиқоти В.М. Беляев дастхатҳои А. Эйхгорн дар корҳои илмии шогирд ва ёрдамчии В. М. Беляев дар мавриди нашри намунаҳои осори мусиқии А. Эйхгорн дар китоби муҳаққиқ Ф.М. Кароматов "Мусиқии созии ӯзбек" истифода шудаанд. Дар он Ф. Кароматов натиҷаҳои таҳқиқоти худро бо истифодаи намунаҳои созҳои мусиқӣ аз фаъолияти илмию таҳқиқотии А. Эйхгорн комил кардааст.[2] Махсусан, аз маҷмӯаи осори А. Эйхгорн пажӯҳишгар Ф. Кароматов созҳои зарбии қӯшнағора, сафоил, созҳои нафасии най, дунай, сурнай ва карнай, созҳои тории дутор, рубоби афғонӣ (бадахшонӣ, тоҷикӣ)-ро бе

[1]Slobin, Mark. Zentralasien // Aussereuropaische Musik in Einzeldarsteiiungen. Kassel, Basel, London; dtv. Brenreiter, edition MGG, 1980.
[2]Кароматов, Ф. Узбекская инструментальная музыка (наследие) / Ф. Кароматов. – Ташкент, 1972. – 360 с.

нишондоди оне, ки ба кадом коллексия мансубанд, истифода намудааст, ки ин албатта нодуруст аст. Чунки баъзе созҳои мусиқие, аз қабили рубоби тоҷикӣ (афғонӣ), ки ба мардуми туркзабон, махсусан ӯзбекон ягон алоқамандӣ надоранд, дар китоби Ф. Кароматов ҳамчун созҳои мусиқии ӯзбек тавзеҳ ёфтааст.[1]

Соли 1963 аз ҷониби мусиқишоносони рус К. А. Вертков (1905-1972), Благодатов Г. И. (1904-1982 ), Э. Язовитская намунаи созҳои мусиқии халқҳои Иттиҳоди Шӯравӣ, махсусан дар асоси созҳои мусиқии осорхонаҳои гуногуни ин кишварҳо таҳти унвони «Атлас музыкальных инструментов народов СССР»[2] нашр гардид, ки дар ин китоб созҳои мусиқии маҷмӯаи А. Эйхгорн низ истифода шудаанд. Махсусан, дар китоби мазкур созҳои мусиқии миснай, карнай, каҷкарнай, сетор (танбӯр), ғижак (камонча), нақора (ҷуфт), доира, ва дуҳул аз маҷмӯаи А. Эйхгорн ба созҳои мусиқии ӯзбекон мансуб дониста шудаанд. Дигар созҳои мусиқӣ, аз қабили ёздаҳтор, чортор, шаштор, рубоби тоҷикӣ (афғонӣ), рубоби бадахшонӣ аз маҷмӯаи А. Эйхгорн ба мардуми тоҷик нисбат дода шудаанд. Дар таҳияи ин китоб низ таҳқиқҳои нопурра ба назар мерасанд. Зеро дар ягон ҷои китоб номи коллексиясозон, махсусан А. Эйхгорн зикр нагардидааст, дар ҳоле ки коллексияи созҳои мусиқии А. Эйхгорн пурра мавриди истифода қарор гирифтааст, яъне бознависӣ шудааст.

Яке аз таҳқиқгароне, ки доир ба коллексияи созҳои мусиқии А. Эйхгорн маълумот додааст, мусиқишиноси рус Т.С. Визго мебошад.

Соли 1980 аз ҷониби Тамара Семёновна Визго (1906-1998) очерки таърихӣ бо номи «Музыкальные инструменты Средней Азии»[3] нашр гардидааст, ки дар он маводи марбут ба фарҳанги мусиқии мардумони Осиёи Миёна ба табъ расонида шудааст. Дар ин очерки таърихӣ доир ба созҳои мусиқии мардуми Осиёи Миёна вобаста ба давраҳои таърихӣ, ки

---

[1]Кароматов, Ф. – Ташкент, 1972. – С.140.
[2]Вертков, К., Благодатов, Г., Язовицкая, Э. Атлас музыкальных инструментов народов СССР / К. Вертков, Г. Благодатов, Э. Язовицкая. – М., 1963. – 273 с.
[3]Вызго, Т.С. Музыкальные инструменты Средней Азии / Т. С. Вызго. – М.: Музыка, 1980. – 191 с.

дар осорхонаҳо ҷамъоварӣ гардидаанд, маълумоти муфид дода шудааст. Очерк аз се боб иборат мебошад:

1. Созҳои мусиқӣ дар осори фарҳанги моддӣ (ҳаз. III то мелод- асри IX мелодӣ).
2. Созҳои мусиқии давраи феодалӣ дар асоси дастхатҳо ва тасвироти деворнигораҳо ва минётураҳо (IX - XV мелодӣ).
3. Созҳои мусиқии Осиёи Миёна дар охири асри XIX ва аввали асри XX.

Дар боби сеюми китоб оид ба коллексияи созҳои мусиқие, ки аз ҷониби шарқшиносон Зарубин И.И., А.Н. Самойлович, К.Н. Росет, Рачинский И.И. ва А. Ф. Эйхгорн гирдоварӣ шудаанд, маълумот пешниҳод гардидааст.

Дар китоби бостоншинос Р.Л. Садоков (1929—1984) таҳти унвони “Фарҳанги мусиқӣ дар Хоразми қадим” (1970) чанд асбоби мусиқӣ аз маҷмӯи мазкур ҳамчун намуна оварда шудааст.[1]

Визго Т.С. дар очерки таърихиаш мухтасаран созҳои мусиқии ба коллексияи А. Эйхгорн мансуббударо бо истифода аз феҳристи худи А. Эйхгорн[2] ва китоби В.М. Беляев[3] таҳқиқ намуда, акси 18 адади онро дар китобаи худ овардааст. Вале, гарчанде ки Т. Визго ҳангоми таҳлили созҳои мусиқии коллексияи А. Эйхгорн бо истифода аз маводи бостоншиносии мансуб ба фарҳанги мусиқӣ, қадимӣ будани онҳоро таҳлил намудааст, вале нисбат ба колллексияи созҳои А. Эйхгорн таҳқиқоти ӯ комил набуда, дар он муаллиф истилоҳи созҳои мусиқиро шарҳ надодааст ва сарчашмаи ҷамъоварии созҳои А. Эйхгорнро мукаммал наомӯхтааст.[4]

Чанд намунае аз маҷмӯаи созҳои мусиқии А.Эйхгорн дар асарҳои таҳқиқотии олимони тоҷик низ истифода шудаанд. Соли 2003 аз

[1] Музыкальная культура древнего Хорезма. – Москва : Наука, 1970. – 138 с.
[2] Полная коллекций музыкальных инструментов народов Центральной Азии А. Ф. Эйхгорна. – СПб., 1885. – 16 с.
[3] Эйхгорн, А. Музыкальная фольклористика в Узбекистане. Музыкально-этнографические материалы (первые записи) / А. Эйхгорн. – Ташкент, 1963. – С.192.
[4] Вызго, Т.С. Музыкальные инструменты Средней Азии / Т. С. Вызго. – М.: Музыка, 1980. – 191 с.

ҷониби санъатшиносони тоҷик китоби дастаҷамъии «Таджикская музыка» чоп гардид, ки боби сеюми китоби мазкур ба таърихи созҳои мусиқии тоҷик бахшида шудааст.[1] Ҳакимов Н. дар ин боб 44 намуд созҳои мусиқиро тавсиф намуда, онҳоро ба 4 гурӯҳ, аз ҷумла созҳои худсадодиҳанда: чӯбак, қошуқ, қайроқ, тол, занг, зангӯла, санҷ, лабчанг, қовуз (чангқовуз), созҳои зарбии чиндаул (чанбара), дуҳул, таблак, доира, даф, нағора, созҳои тории қонун, чанг, думбра, дутор, танбӯр, рубоби помирӣ, рубоби бадахшонӣ (тоҷикӣ, афғонӣ), рубоби қошқарӣ, тор, сетор, панҷтор, шаштор, барбат, баландмақом, баландзиком, сато, ғижак, созҳои нафасии ҳуштак, тутак (найи чӯпонӣ), гажир- най, сурнак, най, қӯшнай, балабон, сурнай, карнай ва каҷкарнай ҷудо намуда, ҳар кадоме аз онҳоро шарҳ додааст.

Дар байни созҳои мусиқӣ Ҳакимов Н. 6 адад созҳои мусиқии коллексияи А. Эйхгорнро истифода намуда, аз ин шумора танҳо дар зери акси 3 адади он, аз қабили сагак (тол), қонун ва ғижак мансубияти коллексияи А. Эйхгорн будани онҳоро нишон додааст. Аммо сетои он, аз қабили қӯшнағора, карнай ва каҷкарнай бе нишондоди мансубият ба коллексияи А. Эйхгорн оварда шудаанд.[2]

Маҷмӯи пурраи асбобҳои мусиқии халқҳои Осиёи Миёнаи А. Эйхгорн ва шарҳи он то ҳол дар ҳеҷ маврид ба таври алоҳида таҳқиқ нашуда буд. Қобили зикр аст, ки танҳо баъзе асбобҳои мусиқии ин маҷмӯъ дар таҳқиқоти ба фарҳанги созҳои мусиқии Осиёи Миёна иртиботдоштаи муҳаққиқон ба таври мухтасар гоҳо ҷой дода шудаанд.

Ду адад созҳои мусиқии коллексияи А. Эйхгорн: қобиз ва киякро (қирғизӣ) муҳаққиқи тоҷик Маҳмадамонов Х. дар китоби "Созҳои мусиқии тоҷикони Помир" ҳамчун ғижакҳои коллексияи созҳои мусиқии И.И. Зарубин шарҳ додааст, ки ин албатта хатои маҳз мебошад.[3]

---

[1] Хакимов, Н. Г. Музыкальный инструментарий таджиков / Н. Хакимов // Таджикская музыка (коллектив авторов). – Душанбе, 2003. – С.123-170.
[2] Ҳамон ҷо.
[3] Маҳмадамонов, Х. Созҳои мусиқии Бадахшон / Х. Маҳмадамонов. – Душанбе: Маориф, 2013. – С.123-124.

Ягона асаре, ки доир ба маҷмӯи созҳои ҷамъкардаи А. Эйхгорн дар он маълумоти комил оварда шудааст, ин таҳқиқоти М.Т. Ҷонизода мебошад. Соли 2013 китоби ӯ бо номи “Фарҳанги мусиқии Туркистони Россия” нашр гардид, ки иборат аз 3 бахши мукаммали таҳқиқот пурра ба осори ҷамъоваринамудаи А. Эйхгорн бахшида шудааст. Таҳқиқоти М.Т. Ҷонизода ягона таҳқиқоте маҳсуб меёбад, ки коллексияи созҳои мусиқии А. Эйхгорнро вобаста ба таърихи созҳои мусиқии халқҳои Осиёи Миёна то дараҷае ба таври васеъ шарҳ додааст.[1]

Китоби мазкур аз 3 бахш иборат буда, бахши якуми китоб ба “осори мусиқӣ-этнографии гирдовардаи А.Ф. Эйхгорн ҳамчун ҳуҷҷат доир ба таърихи фарҳанги мусиқии халқҳои Осиёи Миёна дар охири асри XIX” бахшида шудааст. Дар ин боб ба фаъолияти мусиқӣ-этнографии А.Ф. Эйхгорн дар Осиёи Миёна маълумоти мукаммал дода шудааст. Бахши дуюми китоб оид ба маҷмӯи созҳои мусиқии А. Эйхгорн бахшида шуда, дар он созҳои мусиқӣ пурра тавсиф карда шудаанд. Инчунин аксҳои ҳангоми омӯзиши анъанаҳои мардуми Осиёи Миёна, махсусан тоҷикон гирифтаи А. Эйхгорн дар ин бахш нишон дода шудаанд, ки дар ин аксҳо анъанаҳои мусиқинавозии тоҷикон бо номҳои “Бача”, “Тамошо”, “Базм” ва амсоли ин даҳҳо акси дигар рангинии мусиқии тоҷиконро ифода мекунанд ва ҳол он ки дар китоби В.М. Беляев ҳама ин анъанаҳои тоҷикӣ мансуб ба мусиқии ӯзбекон дониста шудаанд.[2] Дар бахши сеюми китоб рӯзномаи фаъолияти капелмейстрии А. Эйхгорн дар Осиёи Миёна дар солҳои 1870-1872 қайд гардидааст. Инчунин Т. Ҷонизода дар китобаш акси нахустин созҳои ҷамъоваринамудани А. Эйхгорнро (солҳои 1971-1972) ҷой додааст.

Чуноне ки аз таҳқиқи таърихи омӯзиши маҷмӯаи осори мусиқии мероси А. Эйхгорн, махсусан коллексияи созҳои мусиқии ӯ пайдост воқеан ин осори арзишманд аз ҷониби пажӯҳишгарон ба таври пурра ва

---

[1]Джани-заде, М. Т. Музыкальная культура Русского Туркестана. (По материалам музыкально-этнографического собрания Август Эйхгорна, военного капельмейстера в Ташкенте 1870-1883гг.) Каталог-исследование / М. Т. Джани-заде. – М., 2013. – 336 с.,илл.

[2] Эйхгорн, А. Музыкальная фольклористика в Узбекистане. Музыкально-этнографические материалы (первые записи) / А. Эйхгорн. – Ташкент, 1963. – С.97-160.

комил таҳқиқ наёфтааст. Барои воқеӣ баҳо додани фаолияти капелмейстер-иҷроию этнографии А. Эйхгорн, ба андешаи ин ҷониб, боз ҳам дақиқтар омӯхтани ин осор басо муҳиму муфид мебошад.

Инчунин, тибқи маълумоти Т.С. Визго, дар Осорхонаи антропология ва этнографияи Россия яке аз коллексияҳои муҳими дигар ин коллексияи созҳои мусиқии шарқшиноси машҳур Александр Николаевич Самойлович (1880-1938) мебошад. А.Н. Самойлович 7 адад созҳои мусиқии танбӯр, қобуз, ғижак, балабон, дилли-тюйдук, нағора ва доираро аз Хива ҷамъоварӣ намудааст. Мутаассифона Т.С. Визго доир ба аз кӣ ҷамъоварӣ намудани созҳои А.Н. Самойлович маълумоти дақиқ надодааст.[1]

Имрӯз дар Осорхонаи антропология ва этнографияи Академияи илмҳои Федератсияи Россия якчанд созҳои мусиқии таърихӣ нигоҳдорӣ карда мешаванд, ки соли 1884 аз ҷониби Иоан-Алберт Эдуардович Регел ҳангоми экспедитсияи этнографӣ ба Тоҷикистон аз ноҳияи Балҷувон дар радифи беш аз 30 адад маводи мардумшиносӣ ҷамъоварӣ шудаанд. Созҳои мусиқии ҷамъоваринамудаи И.Э. Регел барои омӯзиши таърихи созҳои мусиқии тоҷик аҳамияти хосса доранд, вале дар бораи шумора, намуд ва аз кӣ ҷамъоварӣ намудани созҳои мусиқӣ ҳеҷ гуна маълумоти дақиқ дода нашудааст.[2]

Ҳанӯз дар нимаи дуюми асри XIX дар радифи муҳаққиқони рус дар байни зиёиёни тоҷик шахсоне низ буданд, ки ба таърихи гузаштаи худ таваҷҷуҳ зоҳир карда, ба гирдоварии созҳои мусиқӣ машғул шудаанд. Яке аз чунин шахсони дӯстдори соҳаи бостоншиносӣ ва кишваршиносӣ Акрам-Полвон Аскаров ба ҳисоб мерафт. Доир ба ҳаёт ва фаъолияти ин коллексионери шинохта дар навиштаҳои муҳаққиқон ахбори гуногун зикр ёфтааст. Дар натиҷаи ҳамкории Акрам-Полвон Аскаров бо олимони рус як қисми коллексияҳои таърихӣ махсусан 13 адад созҳои мусиқии ӯ ба Осорхонаи Эрмитаж супорида шудааст. Рӯйхати умумии

[1]Вызго, Т.С. Музыкальные инструменты Средней Азии / Т. С. Вызго. – М.: Музыка, 1980. – С.139.
[2]Прищепова, В. А. От Лерха до Зарубина. По «Из Истории коллекций Кунсткамеры по культуре народов Таджикистана» // Таджики: история, культура, общество. – СПб.: МАЭ РАН, 2014. – С.287.

созҳои мусиқии Акрам-Полвон Аскаровро баъди вафоташ соли 1891 мардумшинос ва таърихшинос Ликошин Н.С. тартиб додааст. Тибқи маълумоти олим созҳои мусиқии Акрам-Полвон Аскаров аз 3 адад рубоби қошғарӣ, як адад карнай , як адад ғижак, ду адад най, ду танбӯр, як адад таблак, ду адад нағора, як адад дутор ва як адад думбра иборат будаанд.[1] Соли 1890 коллексияи таърихии Акрам-Полвон Аскаров дар намоиши хоҷагии қишлоқ ва саноати Туркистон, ки ба ҷашни 25-солагии истилои Туркистон аз тарафи қӯшунҳои Российи подшоҳӣ бахшида шуда буд, бо иштироки худи ӯ ба намоиш гузошта шудаанд, ки тибқи маълумоти донишманди маъруф Н.А. Маев намоишгоҳи А. Аскаров иборат буд аз сиккахои мусулмонӣ, созҳои мусиқӣ ва бозёфтҳои бостоншиносӣ.[2]

Ин маълумотҳои муҳим собит менамоянд, ки дар Осорхонаи Эрмитаж коллексияи созҳои мусиқии ҳанӯз таҳқиқнашудаи Акрам-Полвон Аскаров нигоҳдорӣ мешаванд ва омӯзиши минбаъдаи онҳо барои таҳқиқи ҳамаҷонибаи фарҳанги мусиқии тоҷикон арзишманд мебошад.

Илова бар ин бостоншиноси ҷавон Темурзода Б. низ дар яке аз мақолаҳои худ доир ба нахустин кишваршиноси тоҷик Акрам-Полвон Аскаров бо такя ба навиштаҳои олими варзида Бартолд В.В.[3], шарҳ додааст, ки коллексионер Акрам-Полвон Аскаров дар қатори дигар арзишҳои таърихӣ созҳои мусиқиро низ ҷамъоварӣ намудааст, ки имрӯз дар осорхонаҳои Россия маҳфуз мебошанд[4].

Соли 1903 аз ҷониби С.М. Дудин ҳангоми экспедитсияи мардумшиносӣ аз Самарқанд як рубоби тоҷикӣ (афғонӣ) ҷамъоварӣ карда шудааст. Ӯ ин созро «риваб» номгузорӣ кардааст. Аммо созшинос

---

[1] Лыкошин, Н. С. К заметке «Туземец-археолог» / Н. С. Лыкошин // Туркестанские Ведомости. – 1912. – №52. – С. 4.

2. Маев, Н. А.Туркестанская выставка предметов сельского хозяйства и промышленности в Ташкенте, 1890, Путеводитель / Н. А. Маев. – Ташкент, 1890. – 103 с.

[3] Бартольд В.В. Ташкентский коллекционер Акрамполвон Аскаров.- «Окраина», Самарканд, 1898, №423, саҳ. 2.

[4] Темурзода, Б. Акрам-Полвон Аскаров кишваршиноси барҷастаи тоҷик / Б. Темурзода // Мероси Ниёгон. – Душанбе, 2014. - №16 (1). – С.91.

Н. П. Акимова-Малова ҳангоми таҳқиқи илмии ин соз онро рубоби афғонӣ (тоҷикӣ) мегӯяд, ки чунин таҳлили муаллиф дуруст аст.[1]

Яке аз коллексияҳои муҳими дигаре, ки барои омӯзиши фарҳанги мусиқии мардуми тоҷик аз аҳамияти боарзиши таърихӣ бархурдор аст, ин коллексияи созҳои мусиқии забоншинос, этнограф ва шарқшинос Зарубин И.И (1887-1964). мебошад.

Чуноне ки дар боло таъкид гашт, Визго Т.С. оид ба коллексияи созҳои мусиқии И.И. Зарубин низ маълумот дода, онҳоро шарҳ додааст.

Зарубин И.И. соли 1914 аввалин экспедитсияи илмии худро оид ба омӯзиши хусусиятҳои хоси забон ва этнографияи сокинони дараи Бартанг (ноҳияи Рӯшон) оғоз намудааст.[2] Аз 26-уми марти соли 1914 Кумитаи фаронсавии Иттиҳоди байналмилалӣ доир ба омӯзиши Осиё ва Шарқи Миёна ба Кумитаи русӣ доир ба омӯзиши Осиё ва Шарқи Миёна[3] пешниҳод менамояд, ки бо иштироки забоншиноси машҳури фаронсавӣ профессор Р. Гото (1873-1943) экспедитсияи муштараки забоншиносӣ ва мардумшиносии минтақаи Помир ба роҳ монда шавад[4].

Аз 30-юми июли соли 1914 Зарубин И.И. бо Р. Гото таҳқиқоти забоншиносӣ ва этнографии худро дар водии Бартанг оғоз намуданд. Онҳо маводи забоншиносӣ ва этнографиро аз ҳаёти мардуми Рӯшон (махсусан қисмати Бартанг) ҷамъоварӣ намуданд. Дар маҷмӯъ маводи этнографии онҳо 230 ададро ташкил менамуд, ки дар Осорхонаи

[1]Прищепова, В. А. От Лерха до Зарубина. По «Из Истории коллекций Кунсткамеры по культуре народов Таджикистана» // Таджики: история, культура, общество. – СПб.: МАЭ РАН, 2014. – С.305.
[2]Зарубин, И. И. Материалы и заметки по этнографии горных таджиков Долина Бартанга / И. И. Зарубин // Сборника музея антропологии и этнографии при Российской академии наук. – Петроград, 1917. – Т.V. – С.126.
[3]Русский комитет для изучения Средней и Восточной Азии возник в 1903 году. Один из его активных деятельным членом был знаменитый лингвист К. Г. Залеман. Этот комитет в начале XX века внёс определённый вклад в изучение языка и быта памирских народностей. Подробно см.: Назарова, Н. Н. Исследование Памира «Русским комитетом для изучения Средней и Восточной Азии» / Н. Н. Назарова // Памироведение. – Душанбе, 1984. – Вып.I. – С.68-75.
[4]Готье Р. – Французский крупный специалист в области восточных языков. До Первой мировой войны являлся помощником директора в Парижской специальной школе восточных языков и исследователем иранских наречий Средней Азии. Участник Первой мировой войны где получил тяжёлое ранения и 11-го сентября 1916 года скончался.

антропология ва этнографияи Академияи илмҳои Россия нигоҳдорӣ мешаванд[1].

Чуноне ки Т.С. Визго (1906-1998) дар китобаш ишора кардааст, И.И. Зарубин дар қатори дигар маводи этнографӣ аз Рӯшон 7 адад сози мусиқиро низ, аз қабили се адад рубоби бадахшонӣ, як адад рубоби камонӣ, як адад ғижак, як адад сетор ва як адад рубоби тоҷикӣ (афғонӣ) ҷамъоварӣ намудааст.

Созҳои мусиқие, ки И.И. Зарубин гирд оварда буд, албатта аз ҷониби олимон то андозае омӯхта шудаанд, аммо то ҳол доир ба онҳо пажӯҳиши комил сурат нагирифтаст.

Ҳар як созе, ки ба коллексияи И.И. Зарубин шомил мебошад, таърихи хоси худро дорад. Масалан, доир ба ғижаки тунукагии бадахшонӣ муҳаққиқ Т.С. Визго фақат зикр кардааст, ки охири қарни гузашта аз ду тор иборат буд. Шояд И.И. Зарубин таърихи пайдоиши ғижаки тунукагини бадахшониро аз мардуми маҳаллӣ напурсида бошад. Чуноне ки муҳаққиқи тоҷик Худобердӣ Маҳмадамонов доир ба таърихи ин соз маълумот додааст: “Ватани аслии ин сози мусиқӣ шаҳри Хоруғ буда, он охири солҳои 70-уми қарни XVII сохта шудааст. Солҳои 50-уми қарни XVI дар тарафи чапи рӯди Ғунд бозори афғонҳо будааст, моли фурӯшии савдогарони афғонӣ истеҳсоли Инглистону Чин буда, савдогарон дар қуттиҳои тунукагӣ чой, равған, ранг савдо мекардаанд. Азбаски мардуми бумӣ маблағи зиёде надоштаанд, савдогарон молашонро бо қошуқ савдо мекардаанд, вақте ки қуттӣ холӣ мешуд, онро дар як кунҷи бозор мемондаанд. Устоҳои он замон ба қуттии тунукагӣ тана (даста) пайваст намуда, тор мекашанд. Вақте ки мутрибон онро менавохтанд, аз он садои хеле аҷиби мусиқӣ мебаромад. Овози ин навъи ғижак гуё махсус барои сурудҳои ғарибӣ, фалак, рок, лалаик,

[1]Юсупов, Ш., И. И. Зарубин на Памире Ш. И. Юсупов // Памироведение. – Душанбе, 1985. – Вып.II. – С.36.

даргилик, дувдувик, шириндона ва суруду таронаҳои халқӣ эҷод шуда бошад”[1].

Дар коллексияи рубобҳои И.И. Зарубин 2 адад рубоби бадахшонӣ мавҷуд аст, ки байни мардум хеле маъмуланд. Аммо дар байни рубобҳо як рубоби дутора ва як рубоби камонӣ низ вуҷуд дорад, ки ин созҳо такмил дода шудаанд. Рубоби камонӣ бошад, бо номи скрипкаи (ғижак) И.И. Зарубин эътироф шудааст. Албатта падид омадани деворнигораи навозандаи рубоби камонӣ аз Ҳулбук[2] шаҳодат аз он медиҳад, ки рубоби камонӣ яке аз қадимтарин навъи рубобҳои тоҷикон буд.

Рубоби бадахшониеро, ки имрӯз бо номи рубоби афғонӣ ё тоҷикӣ маъмул аст, И.И. Зарубин аз Шуғнон дарёфт ва ҷамъ кардааст. Ба ақидаи Т.С. Визго, ин соз шояд аз Бухоро ба ин ҷо омада бошад. Аммо мо ба ақидаи Т.С. Визго розӣ буда наметавонем ва бо такя ба гуфтаҳои олими тоҷик Маҳмадамонов Х. чунин ақида дорем: Ин сози мусиқиро аз он ҷиҳат бадахшонӣ меноманд, ки сози мазкур аз ҷониби тоҷикони Бадахшони Афғонистон дар қарни XV ихтироъ шудааст ва тахминан дар қарни XVI - XVII дар дигар мавзеъҳои Осиёи Миёна васеъ паҳн гардидааст.[3] Маҳмадамонов Х. инчунин якчанд созҳои мусиқии коллексияи И.И. Зарубинро низ бо аксҳояшон, аз қабили танбӯр, рубоби камонӣ, сетор шарҳ додааст.[4]

Доир ба коллексияи созҳои мусиқии И.И. Зарубин, ки дар Осорхонаи антропология ва этнографияи ба номи Пётри Кабир (Кунсткамера) маҳфузанд, дар яке аз мақолаҳои муҳими худ В.А. Пришепова бо номи «От Лерха до Зарубина» маълумоти дақиқ додааст.[5] Чуноне ки муаллиф нигоштааст, 4 адад сози мусиқии аз Рӯшон (солҳои 1914-1916) ҷамъоваринамудаи И.И. Зарубин, аз қабили 2 адад рубоби

[1]Маҳмадамонов, Х. Созҳои мусиқии Бадахшон / Х. Маҳмадамонов. – Душанбе: Маориф, 2013. – С.67.
[2]Гулямова, Э. Музыкальные инструменты в живописи Хульбука / Э. Гулямова // Известия Академии наук Таджикской ССР. – 1985. – №4. – С.95-96.
[3]Ҳамон ҷо. – С.58.
[4] Маҳмадамонов, Х. Созҳои мусиқии Бадахшон / Х. Маҳмадамонов. – Душанбе: Маориф, 2013. – С.118-121.
[5]Прищепова, В. А. От Лерха до Зарубина. По «Из Истории коллекций Кунсткамеры по культуре народов Таджикистана» // Таджики: история, культура, общество. – СПб.: МАЭ РАН, 2014. – 538 с.

бадахшонӣ бо унвони «рубоби шаштора», 1 рубоби бадахшонӣ (даҳтора) ва 1 рубоби тоҷикӣ (афғонӣ) аз деҳаи Шуҷанд ҷамъоварӣ шудаанд.[1] Аксарият муҳаққиқон ҳангоми таҳқиқи фаъолияти этнографии И.И. Зарубин тазаккур надодаанд, ки созҳои мусиқӣ аз Шуҷанд ҷамъоварӣ шудаанд, танҳо н. Рӯшон қайд шудаасту бас. Вале зикри номи Шуҷанд дар мақолаи В.А. Пришепова боз ҳам барои дақиқтар омӯхтани таърихи созҳои И.И. Зарубин аҳамияти калон дорад. Мутаассифона дар мақолаи мазкур аз коллексияи И.И. Зарубин танҳо номи 4 адад рубоби бадахшонӣ зикр гардидаасту халос.

Ҳамин тавр, аз натиҷаи таҳлили таълифоти гуногуни таҳқиқотӣ доир ба омӯзиши созҳои мусиқии мардуми тоҷик дар осорхонаҳои Федератсияи Россия маълум мегардад, ки онҳо, дарвоқеъ, аз ҷониби муҳаққиқон ба таври мукаммал таҳқиқу таҳлил нашуданд.

Ҳамзамон дар сурате, ки то инқилоби октябри соли 1917 дар байни халқу қавмиятҳои Осиёи Миёна марзбандӣ вуҷуд надошт, вале созҳои мусиқие, ки аз ҷониби А.Ф. Эйхгорн солҳои 1873-1885 аз ҳудуди Осиёи Миёна ҳамчун мероси мусиқии халқҳои минтақа ҷамъоварӣ шудаанд, баъзан аз ҷониби муҳаққиқон вобаста ба мақсаду манфиатҳои хеш истифода шуда, яктарафа баҳогузорӣ шуда, баъзан ба кишварҳои ҳамҷавори мо мансуб дониста шудаанд, ки чунин таҳқиқоти илмӣ назари бепояи муҳаққиқон аст.

Хулосаи таҳқиқи таърихи омӯзиши коллексияи созҳои мусиқии мардуми тоҷик дар фонди осорхонаҳои Федератсияи Россия моро водор менамояд, ки бори дигар барои таҳқиқи амиқу дақиқи онҳо ҳамчун сарчашмаи таърихӣ баҳри равшан намудани таърихи мусиқии тоҷик пажӯҳиши комилеро роҳандозӣ намоем ва натиҷагириҳои дурусту дақиқи илмиро доир ба созҳои мусиқии мардуми тоҷик дар коллексияи осорхонаҳои мазкур пешниҳоди муҳаққиқон гардонем.

---

[1]Прищепова, В. А. От Лерха до Зарубина. По «Из Истории коллекций Кунсткамеры по культуре народов Таджикистана» // Таджики: история, культура, общество. – СПб.: МАЭ РАН, 2014. – С. 182.

## 1.2. Омӯзиши коллексияҳои созҳои мусиқӣ дар осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

Баъд аз таъсиси нахустин осорхонаҳои таърихӣ-кишваршиносӣ дар ибтидои солҳои сиюми асри XX дар Тоҷикистон чун дигар арзишҳои дорои аҳамияти таърихию фарҳангӣ намудҳои гуногуни созҳои мусиқии сарояндагон, навозандагон ва созтарошони тоҷик низ гирдоварӣ шудаву муаррифӣ карда мешаванд, ки онҳо ҳамчун маъхаз фарҳанги бойи мусиқии мардуми тоҷикро ифода мекунанд.

Бояд тазаккур дод, ки доир ба созҳои мусиқии коллексияҳои фонди осорхонаҳои Тоҷикистон таҳқиқоти ҷудогона ва ҷомеъ сурат нагирифта, танҳо тавассути баъзе асару мақолаҳои илмии пажӯҳишгарони ватанӣ, аз қабили Нурҷонов Н.Ҳ., (1923-2017) Низомӣ А., Маҳмадамонов Х., Низомов Х., Таваккалов Ҳ. ва олимони рус, ба монанди Вертков К.А. якчанд намунаи созҳои мусиқии тоҷик таҳқиқ гардидаанд.

Аз олимоне, ки дар ҷамъоварии созҳои мусиқӣ барои осорхонаҳо ва омӯзиши онҳо саҳми арзанда гузоштаанд, метавон аз хизматҳои арзандаи санъатшинос ва театршиноси машҳури тоҷик профессор Н.Ҳ. Нурҷонов (1923-2017) ёдовар шуд. Ӯ махсусан дар нахустин экспедитсияи санъатшиносӣ соли 1959 ба ноҳияи Рӯшони минтақаи Бадахшон созҳои мусиқии тӯтак, шаштор, ғижак, рубоби помирӣ, танбӯр ва дафро барои нигоҳдорию муаррифии доимӣ дар Осорхонаи мардумшиносии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъоварӣ намудааст. Таҳқиқоти мо ошкор намуд, ки Н. Нурҷонов аввалин муҳаққиқи созҳои мусиқии ҷудогонаи осорхонаҳои Тоҷикистон ба шумор меравад. Ба сифати натиҷаи таҳқиқоти санъатшиносии ӯ ба ин минтақа китоби олими номбурда соли 1978 таҳти унвони «Музыкальное искусство Памира»[1] дар ҳаммуаллифӣ бо Ф. Кароматов нашр гардид, ки дар ин китоб созҳои мусиқии ҷамъоваринамудаи Н. Нурҷонов, ки дар

[1]Кароматов, Ф., Нурджанов, Н. Музыкальное искусство Памира / Ф. Кароматов, Н. Нурджанов. – М.: Советский композитор, 1978. – Кн.1. – 182 с.

Осорхонаи мардумшиносии дар боло зикргардида маҳфузанд, шарҳу тавзеҳ ёфтаанд ва инчунин анъанаҳои хоси сознавозии мардуми Бадахшон низ дар тавзеҳи созҳо баён гардидааст.

Инчунин муҳаққиқон Н. Нурҷонов ва Ф. Кароматов (1927-2014) дар ин китоб вобаста ба сози мусиқии қумрӣ ва баландзикони устои деҳаи Хуфи шаҳри Хоруғ Сафоев Муродалӣ дар Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносии ш. Хоруғ ба номи Қ. Хушқадамов ва рубоби баландмақоми Мубораки Вахонӣ, ки имрӯз дар Хона-музеи Мубораки Вахонӣ дар деҳаи Ямги ноҳияи Ишкошим маҳфуз аст, маълумоти ҷолиб додаанд.[1] Аммо ин ҷо норасоии кори муаллифон дар он аст, ки ба кадом осорхона мансуб будани созҳои мусиқиро нишон надодаанд.

Чуноне ки дар бахши аввали ин боб доир ба китоби «Атлас»[2] қайд кардем, дар китоби мазкур инчунин доир ба созҳои мусиқии Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносии шаҳри Сталинобод маълумот дода шудааст ва дар он акси 4 адад сози мусиқии думбра, рубоби қумрӣ, ғижаки бадахшонӣ ва чанбара (чиндаул) аз фонди осорхона истифода шуда, оид ба ин созҳо, ба истиснои рубоби қумрӣ, маълумоти мухтасари тавсифӣ дода шудааст[3].

Соли 2011 аз ҷониби Нуров Г.З. вобаста ба таърихи фаъолияти осорхонаҳо дар Тоҷикистон рисолаи номзадӣ дар мавзӯи “Формирование и развитие музейного дела в Таджикистане (30-е годы XX – начало XX1вв.)” дифоъ карда шуд. Дар рисолаи мазкур доир ба ҷамъоварии нахустин коллексияи созҳои мусиқии Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносии шаҳри Сталинобод (ҳоло Душанбе) маълумоти мухтасар дода шудааст. Муаллиф қайд намудааст, ки созҳои мусиқӣ аз ҷониби Комитети тоҷикшиносӣ ҷамъоварӣ шудаанд. Вале мутаассифона муаллиф кайд накардааст, ки созҳои мусиқӣ ба осорхона аз кадом созтарош ё санъаткор ҷамъоварӣ шудаанд. Илова бар ин дар

[1]Кароматов, Ф., Нурджанов, Н.- М., 1978. – С.15.
[2]Вертков, К., Благодатов, Г., Язовицкая, Э. Атлас музыкальных инструментов народов СССР / К. Вертков, Г. Благодатов, Э. Язовицкая. – М., 1963. – С.125-129.
[3]Ҳамон ҷо. – С.208.

диссертатсияи зикргардида доир ба таърихи фаъолияти Осорхонаи ҷумҳуриявии фарҳанги мусиқии ба номи З. Шаҳидӣ ва Осорхонаҳои созҳои мусиқии Г. Завқибеков маълумот дода шуда, созҳои мусиқии осорхонаҳои мазкур низ мухтасар баён гардидаанд.[1]

Соли 2012 аз ҷониби муҳаққиқ Х. Низомов рисолаи гузоришӣ бо номи «Созҳои мусиқии тоҷик ва ҳунари созшиносӣ»[2] аз чоп баромад, ки дар ин навишта қариб ҳамаи созҳои мусиқии тоҷик тавсифи худро ёфтаанд. Аммо доир ба коллексияи созҳои мусиқии фонди осорхонаҳо бошад, дар китоби мазкур танҳо акси якчанд созҳои мусиқии Осорхонаи созҳои мусиқии Гурминҷ Завқибеков нишод дода шудаанд. Вале оид ба таърихи коллексияи созҳои мусиқии осорхонаи мазкур маълумоте дода нашудаст ва дар зери созҳои мусиқӣ тавзеҳоте низ ишора нагардидааст, ки ин созҳо дар кадом осорхона мавҷуданд.

Соли 2013 аз ҷониби Маҳмадамонов Х. асари таҳқиқотии «Созҳои мусиқии Бадахшон»[3] ба табъ расонида шуд. Дар навиштаи мазкур доир ба таърихи созҳои мусиқӣ ва ҳунари созтарошию living сознавозии мардуми Бадахшон маълумот дода шудааст. Муаллиф таърихи созҳои мусиқии Помирро бо истифода аз коллексияи созҳои мусиқии фонди осорхонаҳо бо нишондоди акси созҳо ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Оид ба муаррифии созҳои мусиқии созтарошони Бадахшон муаллиф аз коллексияи ҷамъоваринамудаи сайёҳи рус К.Н. Росет ва этнограф И.И. Зарубин дар осорхонаҳои Россия ёдовар шуда, доир ба созҳои мусиқии осорхонаи созҳои мусиқии Гурминҷ Завқибеков низ маълумот додааст. Дар шарҳи таърихи созҳо муаллиф инчунин акси созҳои мусиқии такмилии масрӯд, найрӯд, хушмақом, симрӯд, панҷрӯд, таблакрубоб, гултори Масайнов Масайн (дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон), рубоби бадахшонӣ, баландмақоми такмилӣ, танбӯри помирии усто Сафоев Муродалӣ, торрӯд, масайнғижак, рубоби майда, тақак, дилрӯди

[1] Нуров, Г. З. Формирование и развитие музейного дела в Таджикистане (30-е годы XX-начало XXI вв.): Автореф. дисс… канд. истор. наук / Нуров Гулмахмад Зиёевич. – Душанбе, 2011. – 27 с.
[2] Низомов, Х. Созҳои мусиқии тоҷик ва ҳунари созшиносӣ / Х. Низомов. – Душанбе, 2012. - 158 с.
[3]Маҳмадамонов, Х. Созҳои мусиқии Бадахшон / Х. Маҳмадамонов. – Душанбе: Маориф, 2013. – 127 с.

Масайнов М., давлатбекғижаки Раҷаббеков Давлатбек (дар Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносии ш. Хоруғ) дар китоб овардааст. Камбудии кори муаллиф дар он зоҳир мегардад, ки ӯ дар зери аксҳо дар кадом осорхона маҳфуз будани созҳои мусиқиро ишора накардааст. Вале муҳиммияти ин таълифот дар он аст, ки созҳои мусиқии тоҷикиро тавсифи хуб намудааст.

Соли 2014 доир ба фаъолияти осорхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлолият монографияи Ф. Шарифзода «Социально-культурная деятельность музеев Таджикистан в период независимости (1991-2011 гг.)» нашр гардид, ки дар асари мазкур доир ба фаъолияти Осорхонаи созҳои мусиқии Г. Завқибеков маълумоти мухтасар дода шуда, аз ҷумла қайд гардидааст, ки созҳои мусиқии ин осорхона тақрибан аз 50 давлати ҷаҳон гирд оварда шудаанд. Дар мавриди оммавигардонии созҳои мусиқӣ бошад, муаллиф қайд намудааст, ки дар осорхонаи мазкур тавассути лоиҳаи иҷтимоии озмуни «MUSEUMстан» экскурсияҳои мавзӯӣ таҳти шиорҳои «Давлатҳои ҷаҳон бо Бобои Гурминҷ», «Боғи мусиқӣ» гузаронида шудааст. Инчунин доир ба ансамблҳои мусиқии «Само» ва «Мизроб»-и назди осорхона қайд гардидаанд, ки тавассути ин ансамблҳо созҳои мусиқии миллӣ ба тамошобинон навохта мешаванд ва ин барои дарки фарҳанги мусиқии миллӣ ва тарбияи эстетикии шаҳрвандон нақши бориз хоҳад гузошт.[1]

Муҳаққиқ А. Низомӣ низ дар таълифоташ «Таърихи мусиқии тоҷик»[2] доир ба якчанд созҳои мусиқии Осорхонаи миллии Тоҷикистон маълумот дода, махсусан найҳои устухонии аз Тахти Сангин (асрҳои IV-III то мелод) бозёфтшуда, рубоби қумрии Масайнов Масайн, танбӯри устоди “Шашмақом” Бобоқул Файзуллоев ва сози нафасии гуфдуми (кaҷкарнай) усто Мирзо Мансуровро нишод додааст. Инчунин муаллиф дар китобаш акси найи устухонии аз Қалъаи Чилҳуҷраи асримиёнаи Уструшан бозёфтшударо нишон дода, кайд кардааст, ки ин сози мусиқӣ

[1] Шарифзода, Ф. Социально-культурная деятельность музеев Таджикистан в период независимости (1991-20011 гг.) / Ф. Шарифзода. – Душанбе: Истеъдод, 2014. – С.125.
[2] Низомӣ, А. Таърихи мусиқии тоҷик / А. Низомӣ. – Душанбе: Адабиёти бачагона, 2014. – 384 с.

дар фонди Осорхонаи миллии бостонии Тоҷикистон маҳфуз аст ва таҳқиқи он барои омӯзиши таърихи созҳои мусиқии тоҷик аҳамияти вижа дорад.[1]

Ҳамчунин соли 2014 китоби «Шуғнон» нашр гардид, ки дар ин китоб дар мақолаи Таваккалов Ҳ. бо унвони «рубоби шуғнонӣ» акси рубоби баландзиком ва рубоби помирии Осорхонаи созҳои мусиқии Г. Завқибеков бе нишондоди мансубият ба осорхонаи мазкур оварда шудаанд.[2] Инчунин дар китоби мазкур муаллиф доир ба созҳои мусиқии қисми якуми китоби «Музыкальное искусство Памира»[3] (муаллифон Кароматов Ф., Нурҷонов Н.) маълумот дода, ақидаи муаллифони ин китобро бо чунин тарз овардааст: «Ба гуфти Ф. Кароматов ва Н. Нурҷонов дар Бадахшон чанд намуди асбобҳои суннатӣ мавҷуданд, ки яке аз онҳоро рубоби кобулӣ мегуфтаанд. Намунааш фақат дар осорхонаи И. И. Зарубин маҳфуз аст». Ин ҷо иштибоҳи Таваккалов Ҳ. дар он аст, ки таҳқиқоти Кароматов Ф. ва Н. Нурҷоновро нодуруст таҳлил намудааст. Дар китоби «Музыкальное искусство Памира» аслан номи осорхонаи И.И. Зарубин зикр нагардидааст, балки коллексияи И.И. Зарубин навишта шудааст. Ҳатто гуфта нашудааст, ки рубоби кобулиро танҳо дар осорхонаи И.И. Зарубин дидан мумкин аст, балки навишта шудааст, ки намунаи рубоби «афғонӣ» (бухороӣ, тоҷикӣ)-ро дар коллексияи И.И. Зарубин дидан мумкин аст. Ҳамчунин дар мақолааш муаллиф Таваккалов Ҳ. қайд кардааст, ки дигар намуди рубоб баландмақом аст, ки онро дар маҳалҳои ҷудогонаи Помир танбӯр ҳам меноманд. Ва қайд кардааст, ки дар асоси ин соз Сӯфӣ Мубораккадами Вахонӣ рубоби баландмуқомро ба таври дигар сохтааст.[4] Аслан, ба фикри муаллифи ин сатрҳо ақидаи Таваккалов М. ғалат аст. Чунки баландмақом ягона созест, ки онро танҳо Мубораккадам дар асоси рубоби баландзикоми бадахшонӣ ва дигар намуди рубоби бадахшонӣ,

[1] Сухбат бо роҳбари Осорхонаи миллии бостонии Тоҷикистон Бобомуллоев С. – 2019. – 13 май.
[2] Таваккалов, Ҳ. Рубоби шуғнонӣ / Ҳ. Таваккалов // Шуғнон. – Душанбе, 2014. – С.327-331.
[3]Кароматов, Ф., Нурджанов, Н. Музыкальное искусство Памира / Ф. Кароматов, Н. Нурджанов. – М.: Советский композитор, 1978. – Кн.1. – 182 с.
[4]Таваккалов, Ҳ. Рубоби шуғнонӣ / Ҳ. Таваккалов // Шуғнон. – Душанбе, 2014. – С.331.

ки бо номи рубоби афғонӣ ё тоҷикӣ маъмул аст, сохтааст.[1] То такмили Мубораккадам ин соз дар Бадахшон мавҷуд набуд. Пас, ақидаи муаллифи мақола оид ба қаблан мавҷуд будани рубоби баландмуқом беасос аст. Баландмақом (баландмуқом) истилоҳи вахонӣ буда, маънояш баландсадо мебошад ва танҳо ин соз ба Мубораки вахонӣ тааллуқ дорад.[2]

Барои ҳарчӣ хубтару бештар омӯхтан ва муаррифӣ намудани анъанаву маросим ва ҳунару ҳунармандии мардуми тоҷик соли 2015 ҷилди якум, соли 2017 ҷилди дуюм, ва соли 2019 ҷилди сеюми китоби энсклопедии «Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик» нашр гардид, ки дар ҷилди якуми он созҳои мусиқии дунай, дутор, баландзиком, баландмақом, ғижак (форсӣ-тоҷикӣ), ду навъ ғижаки бадахшонӣ, даф, доира аз Осорхонаи созҳои мусиқии Г.Завқибеков, сози зарбии қошуқ аз Осорхонаи таърихии вилости Суғд[3], дар китоби дуюми он созҳои мусиқии табли мунаққаш аз Осорхонаи миллии Тоҷикистон ва танбӯри ороишӣ бо сабти номи Осорхонаи Кӯлоб шарҳу тавзеҳ ёфтаанд[4]. Вале, мутаассифона, сози мусиқии танбӯре, ки бо ҳаммуаллифии И. Раҳимов дар ин китоб ҳамчун сози мусиқии коллексияи Осорхонаи Кӯлоб шарҳ ёфтааст, дар натиҷаи пажӯҳиш маълум гардид, ки дар осорхонаи мазкур мавҷуд нест. Аз ҷониби дигар, дар Кӯлоб теъдоди осорхонаҳо хеле зиёданд ва муаллиф номи осорхонаро дақиқ қайд накардааст. Осорхонаи марказии шаҳри Кӯлоб бошад, айни ҳол номи Осорхонаи таъриху кишваршиносии 2700-солагии Кӯлобро ба худ гирифтааст. Беҳтар мешуд, агар маҳсули дасти кӣ будани созҳои мусиқии дар осорхона мавҷудбуда, ки дар ин китоб ҷой дода шудаанд, қайд мегардид ва ҳол он ки ин амал ҳам анҷом нашудааст.

---

[1]Кароматов, Ф., Нурджанов, Н. Музыкальное искусство Памира / Ф. Кароматов, Н. Нурджанов. – М.: Советский композитор, 1978. – Кн.1. – С.15.

[2]Нурматзода, Ҳ. Баландмақомро кӣ ихтироъ кардааст: Оид ба рубоби баландмақоме, ки аввалин маротиба ин созро Суфӣ Мубораккадами Вахонӣ ихтироъ кардааст / Ҳ. Нурматзода // Самак. – 2017. – №36. – 6 сентябр.

[3] Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Душанбе, 2015. – №1. – 668 с.

[4] Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Душанбе, 2017. – №2. – 756 с.

Ҳамчунин аввали соли 2019 аз ҷониби Таваккалов Ҳ. ва Мамадшерзодшоев Ш. китобе бо номи «Рубоби помирӣ дар оинаи таърих ва ривоёт» нашр гардидааст, ки оид ба намудҳои гуногуни созҳои тории Бадахшон маълумот додааст.[1] Муаалифон дар китоби мазкур рубоби баландмақомеро, ки дар Хона-музеи Мубораки Вахонӣ дар деҳаи Ямги ноҳияи Ишкошим маҳфуз аст, танбури помирӣ номидаанд, ки албатта ғалат мебошад. Шояд дар водии Вахон ин созро танбӯр гӯянд, аммо аслан он бо номи рубоби баландмақом машҳур аст.[2] Инчунин муаллифон акси нақшавии якчанд созҳои мусиқии Масайн Масайновро, аз қабили рубоби помирӣ, танбӯр, рубоби қумрӣ, таблакрубоб, ки дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон муаррифӣ карда мешаванд, дар китоб ҷой додаанд. Муҳимияти нишон додани аксҳо дар китоби мазкур дар он аст, ки соли сохтани созҳо нишон дода шудааст. Вале дар ин аксҳо низ иштибоҳ ба назар мерасад. Яъне рубоби такмилии баландмақом, ки аз ҷониби Масайнов Масайн сохта шудааст, қумрии вахонӣ ном гирифтааст, ки ин ҳам хато аст. Яке аз рубобҳои дигаре, ки дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон бо номи торрӯд муаррифӣ карда мешавад, дар асари номбурда муаллифон ин созро баландмақом номидаанд ва ин ҳам ғалат аст.[3] Набояд номи созҳои мусиқиеро, ки таърихи сохтани онҳо маълум аст, ба мисли рубоби баландмақоми Мубораки Вахонӣ, дар ҳар сози такмилии дигар гузошт.

Ҳамин тавр, натиҷаи таҳқиқотҳои диссертатсионӣ доир ба омӯзиши созҳои мусиқии осорхонаҳои Тоҷикистон муайян намуд, ки бархе аз созҳои мусиқии фонди осорхонаҳои Тоҷикистон дар асару мақолаҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ истифода шуда, вале номи созҳо, таърих ва мансубияти эҷодии онҳо дар он таҳқиқот ғалат шарҳу тавзеҳ ёфтаанд.

---

[1]Таваккалов, Ҳ. Мамадшерзодшоев, У. Рубоби помирӣ дар оинаи таърих ва ривоёт / Ҳ. Таваккалов, У. Мамадшерзодшоев. – Душанбе, 2019. – 199 с.
[2]Таваккалов, Ҳ. Мамадшерзодшоев, У. Рубоби помирӣ дар оинаи таърих ва ривоёт / Ҳ. Таваккалов, У. Мамадшерзодшоев. – Душанбе, 2019. – С. 150.
[3]Ҳамон ҷо. – С.135-139.

# БОБИ II. АҲАМИЯТИ САРЧАШМАВИИ СОЗҲОИ МУСИҚИИ ОСОРХОНАҲОИ ТОҶИКИСТОН ДАР ОМӮЗИШИ ҲАЁТИ МУСИҚИИ ХАЛҚИ ТОҶИК

## 2.1. Фаъолияти осорхонаҳои шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар коллексиякунонӣ, ҳифз ва оммавигардонии асбобҳои мусиқии тоҷик

Манобеи асосӣ ва қисми бештари маводи таҳқиқии рисола созҳои мусиқии осорхонаҳои шаҳри Душанбе маҳсуб меёбанд, ки дар ин миён Осорхонаи миллии Тоҷикистон ҷойгоҳи хосса дорад. Осорхонаи мазкур дар заминаи мавод ва коллексияҳои фонди Осорхонаи миллии ба номи Камолиддин Беҳзод дар бинои нав ва бошукуҳи замонавӣ таъсис гардидааст.

Дар Осорхонаи миллӣ 201 адад созҳои мусиқии гуногун ҳифз ва муаррифӣ мешаванд, ки зиёда аз 50 намудро дарбар гирифта, аз тамоми манотиқи Тоҷикистон ҷамъоварӣ шудаанд.

Марҳилаи воридшавии созҳои мусиқӣ ба осорхонаи мазкур дар ду давра сурат гирифтааст:

1. Марҳилаи аввал аз солҳои 30-юм то солҳои 80-уми асри XX.
2. Марҳилаи дуюм даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991 – 2019).

Соли 1934 дар ш. Сталинобод Осорхонаи таъриху кишваршиносӣ бунёд мешавад. Бино ба маълумоти дар рисолаи номзадии муаррих Нуров Г.З.[1] “Формирование и развитие музейного дела в Таджикистане (30-е годы XX – начало XXI вв.)” овардашуда, созҳои мусиқӣ ва дигар маводи мардумшиносӣ дар шумораи 600 адад барои такмили фонди осорхонаи навбунёд аз тарафи Комитети тоҷикшиносӣ аз кишвар бо маблағи 10 000 рубл харидорӣ шудаанд ва то ифтитоҳи бинои нави осорхона арзишҳои этнографии аз ҷониби комитети мазкур

[1] Нуров, Г. З. Формирование и развитие музейного дела в Таджикистане (30-е годы XX-начало XXI вв.): Дисс… канд. истор. наук / Нуров Гулмахмад Зиёевич. – Душанбе, 2011. – С.29.

ҷамъоваришуда дар Хонаи деҳқон нигоҳдорӣ мешуданд.[1] Хонаи деҳқон охири солҳои 20-уми асри гузашта таъсис ёфта, ҳамчун муассисаи фарҳангӣ-тарғиботӣ дорои китобхона, толори хониши китобу рӯзномаҳо, клуб, утоқи кинонамоишдиҳӣ ва ғ. буд. Инчунин дар ин муассиса дар 2 утоқ намоишгоҳи дастовардҳои соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи ҷумҳурӣ созмон ёфта буд[2]. Баъд аз ифтитоҳи Осорхонаи таъриху кишваршиносӣ соли 1934 коллексияи осорхонавии Хонаи деҳқон ба осорхонаи навбунёд интиқол дода шуд.

Тибқи гузориши дар китоби бақайдгирии экспонатҳои осорхонаи мазкур мавҷудбуда, ки дар Бойгонии марказии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳфуз аст, дар байни коллексияи ашёҳое, ки аз Хонаи деҳкон ба Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносӣ оварда шудаанд, созҳои мусиқӣ 53 ададро ташкил менамуданд, ки аз ҷониби Комитет бо маблағи 4080 рубл харидорӣ шудаанд.[3] Аммо, мутаассифона, дар ҳуҷҷати мазкур номи шахсоне, ки созҳои мусиқӣ аз онҳо ҷамъоварӣ шудаанд, сабт нагардидааст. Шояд гирдоварандагон ҳангоми ҷамъоварии созҳо шахсияти фурӯшандагони созҳои мусиқиро ба назар нагирифтаанд. Ин омил албатта имрӯз барои омӯзиши таърихи пайдоиши созҳои мусиқии осорхона монеа эҷод мекунад. Махсусан, то ҳол макони сохта шудани чанбараҳои накшини мисин (сози зарбӣ, ки номи маъмулиаш чиндаул аст) маълум нест.

Ҳанӯз соли 1937 дар рӯзномаи «Коммунист Таджикистана» доир ба коллексияии созҳои мусиқии Осорхонаи таъриху кишваршиносии шаҳри Сталинобод аввалин гузориш нашр гардид. Дар гузориш қайд шудааст, ки созҳои мусиқӣ беш аз 30 адад, аз қабили рубоби афғонӣ (бадахшонӣ, тоҷикӣ), рубоби помирӣ, сурнай, думра, рубоби қумрӣ, сетор ва ғайра аз ҷониби собиқ сарҳадбон Степанов, ки солҳои зиёд дар ҳудуди Бадахшон

[1] Нуров, Г. З. Формирование и развитие музейного дела в Таджикистане (30-е годы XX-начало XXI вв.): Дисс… канд. истор. наук / Нуров Гулмахмад Зиёевич. – Душанбе, 2011. – С.29.
[2]Из истории культурного строительства в Таджикистане (1924-1941 гг.). – Душанбе: Ирфон, 1966. – Т.1. – С.412 .
[3]Бойгонии марказии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Ф.461. – Оп.1. – Д.17. – Л.3.

кор кардааст, аз ҳудуди Бадахшон ва Афғонистон ҷамъоварӣ шудаанд.[1] Мутаассифона дар мақола номи Степанов пурра дарҷ нагардидааст, ки ин албатта барои омӯзиши таърихи созҳои мусиқии осорхона муҳим аст. Аз эҳтимол дур нест, ки Степанов бо супориши Комитети тоҷикшиносӣ созҳои мусиқиро ҷамъоварӣ карда бошад. Дар китоби «Чароғи маърифат»-и Масов Р.М., Абулҳаев Р.А. қайд шудааст, ки "Музей аз олиму этнографи маъруф М. С. Андреев, ки солҳои зиёд дар Тоҷикистон зиндагӣ ва кор кардааст, экспонатҳои гаронбаҳо гирифт".[2] Маълум аст, ки М.С. Андреев солҳои 20-ум ва 30-юми қарни XX дар ҳудуди Бадахшони Тоҷикистон ва Бадахшони Афғонистон экспедитсияҳои мардумшиносӣ гузаронидааст ва эҳтимол меравад, ки шояд созҳои мусиқӣ аз ҷониби ин олими бузург ба осорхона дар пайи чунин сафарҳои илмӣ ҷамъоварӣ шуда бошанд.

Дар мавриди шиносоӣ бошад, ҳанӯз аз рӯзҳои нахустини фаъолитяи Осорхонаи таърих-кишваршиносӣ созҳои мусиқӣ дар толори махсуси ҳунарҳои милии тоҷикон пурра муаррифӣ карда мешуданд.

Аз коллексияи нахустини созҳои мусиқӣ имрӯз дар Осорхонаи миллӣ 39 адади он нигоҳдорӣ ва муаррифӣ карда мешаванд, ки 24 намудро дарбар мегиранд. Аз ҷумла созҳои нафасии сурнай (нигаред ба коллексияи 1.1.-Коллексия минбаъд мухтасаран бо ҳарфи "К" ишора мешавад – Н.Ҳ.), тутак (найи чӯпонӣ), карнай, созҳои торӣ-мизробии танбӯри бадахшонӣ, дутор (К-1.21), думбра, сетор, ёздаҳтор (К-1.30), тор, сетори хитоӣ (К-1.27), рубоби қумрӣ (К-1.10), рубоби бадахшонӣ, рубоби тоҷикӣ (афғонӣ) (К-1.8), созҳои торӣ-камонии ғижаки форсӣ (К-1.37), ғижаки бадахшонӣ (К- 1.38), қобуз (К- 1.40), созҳои торӣ-зарбии чанг (К-1.43), созҳои зарбии доира, табл, дарратабл (табли дурӯя), қӯшнағораи мисин (1 ҷуфт), чанбара ва ғайра.[3]

---

[1]Редчайшая коллекция: О приобретении коллекции музыкальных инструментов народов Горно – Бадахшан в Республиканским музеем Таджикистана // Коммунист Таджикистана – 1937. – 18 январь. – С. 4.
[2]Масов, Р. М., Абулҳаев, Р. А. Чароғи маърифат / Р. Масов, Р. А. Абулҳаев. – Душанбе: Ирфон, 1985. – С.60.
[3] Бойгонии ҷории Осорхонаи миллии Тоҷикистон, китоби воридотӣ №1. – Л.317.

Дар мавриди омӯзиши созҳои мусиқии фонди осорхонаҳо, махсусан коллексияи нахустини фонди Осорхонаи миллӣ, тавзеҳи заминаҳои таърихии созҳо бо истифода аз маводи бостоншиносӣ хело муҳим аст.

Сараввал таърихи созҳои нафасиии най, сурнай, тӯтак ва карнайро мухтасар бояд шарҳ дод.

Най ё ба истилоҳи қадимиаш ной (noy) сози нафасии бостонии тоҷикон аст, ки аз таърихи куҳан доштани он найҳои устухонии Тахти Сангин мансуб ба асри III-II то мелод низ шаҳодат медиҳанд.

Сурнай ҳам яке аз созҳои қадимаи тоҷикон буда, аз таърихи ин соз тасвири сурнайнавози деворнигораи Панҷакенти Қадим (асрҳои VII-VIII) гувоҳӣ медиҳад. Мафҳуми ин соз аз ду реша иборат буда, дар сарчашмаҳо ба маънои сур-шодӣ ва най худи мафҳуми ҳамон най аст, тавзеҳ гардидааст. Яъне найи шодӣ, хурсандӣ, ки дар маросимҳои ҷашнӣ аз қадим навохта мешуд. Аммо, мутаассифона, ин сози мусикӣ дар таҳқиқоти баъзе аз муҳаққиқон, ба монанди Т.М. Ҷонизода хато тавзеҳ ёфтааст. Муҳаққиқи номбурда яке аз сурнайҳои коллексияи А. Эйхгорнро бо номи “зурна” тавсиф намуда, чунин қайд кардааст, ки “зурна” (сурно-surno) аз решаи тоҷикии “зӯр” (ин ҷо ба маънои “қувва”) ва най аз қамиш, найшакар гирифта шуда, маънои “найи пурқувват”-ро дорад, ки ин ақида албатта хато аст. Дар ибтидо муаллиф номи сурнайро бо ҳамин ном ҳамчун истилоҳи форсӣ-тоҷикӣ баён кардааст, вале азбаски русҳо сурнайро зурна мегӯянд, бинобар ин Т.М. Ҷонизода низ мавҳуми “сур”- ро дар навиштааш ба “зур” табдил додааст.[1]

Тутак ё, ба иборае, найи чӯпонӣ низ яке аз созҳои қадимаи тоҷикон буда, бештар дар манотиқи Бадахшон ва Хатлон маъмул мебошад. Аз мушоҳидаҳо бармеояд, ки номи созҳои мусиқӣ аз ҳолати навозиш ва садояшон гирифта шудаанд. Махсусан, тутак, ки ҳангоми навохтан аз садои “ту” ё “тут” оғоз мешавад. Ин созро ба он хотир найи чӯпонӣ меноманд, ки бо ин соз бештар чӯпонҳо ҳангоми чӯпонӣ дар дашту саҳро

[1] Джани-заде, М. Т. Музыкальная культура Русского Туркестана / М.Т. Джани-заде. – М., 2013. – С.148.

мусиқинавозӣ мекунанд. Истифодаи васеи ин соз собит менамояд, ки дар қатори муғанниёни касбӣ мардуми оддӣ низ дар густариши фарҳанги гаронбаҳои мусиқии хеш саҳмгузор мебошанд.

Карнай низ яке аз созҳои қадимаи тоҷикон аст. Истилоҳи ин сози мусиқӣ аз калимаи паҳлавии "харной"[1] (carnoy – сози бузурги нафасӣ) гирифта шуда, маънои найи калон ё бузургро дорад. Истилоҳи "хар" маънои "бузург" ё "калон"-ро ифода мекунад.

Дар байни созҳои торӣ-мизробӣ созҳои мусиқии сетори хитоӣ ва рубоби қумриро иҷмолан шарҳ мебояд.

Сетори хитоӣ дорои 3 тори рӯдагин буда, ин истилоҳ дар забони хитоӣ "сансян" мебошад ва аз хазинаи гирда ва дастаи дароз (109см) иборат аст. Хазинаи он аз ду тараф бо пӯсти мор кашида шудааст. Ин соз дар дигар осорхонаҳои Тоҷикистон ба мушоҳида нарасид (К- 1.27).

Дар байни ин коллексия рубоби помирӣ мавқеи хосса дорад. Доир ба таърихи ин соз пажӯҳишгари ватанӣ Маҳмадамонов Х. маълумоти ҷолиб додааст. Чуноне, ки дар китобаш "Созҳои мусиқии Бадахшон" кайд кардааст: "Рубоби помирӣ дар қарни даҳи милодӣ ихтироъ шудааст. Дар китоби «Рисолаи мусиқӣ»-и Носири Хусрав, ки дастнависи он дар дасти сокинони деҳаи Чашмасори Барпанҷаи вулусволии Шуғнони Бадахшони Афғонистон Ғуломалишоҳ валади Шоҳлангар аст, Ҳаким Носири Хусрав созҳои мусиқии рубоб, қумрӣ, танбӯр, даф ва найро созҳои мусиқии «Дилрабо» номидааст"[2].

Ин соз яке аз аввалин сози мусиқӣ буда, ҳаҷман бузург аст. Сози дастакӯтоҳ аз косахона, хазина тана, сарпанҷа, торгирҳо, харак ва аз шаш гӯшак иборат аст. Дарозии дастаи он 80-85 см буда, он дорои 6 тор аст. Торҳои он аз зеҳи рӯдаи гӯсфанд тайёр карда мешаванд. Сарпанҷаи он андаке ба қафо фурӯхамида аст ва ба сари асп шабоҳат дорад. Даруни косааш ва хазинааш ба умқи 9-10 см тарошида мешавад ва ба рӯйи

---

[1] Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 2. Душанбе, 2008.- С. 247.
[2] Маҳмадамонов, Х. Созҳои мусиқии Бадахшон / Х. Маҳмадамонов. – Душанбе: Маориф, 2013. – С. 30

косааш пӯсти хеле хуб коркардашудаи говро бо шireши махсус васл мекунанд, дар баъзе мавридҳо аз меххои чӯбин истифода менамоянд.[1] Ҳоло созтарошон рубобро дар шаклҳои гуногун тарошида, дар баъзе мавридҳо косаи онро калонтар ва хазинаашро васеътар, танаашонро низ ғафстару андаке дарозтар месозанд. Ду тори ҷуфти рубоб **зил**, ду тори дигар **мухолиф,** тори сеюм **бам** ном доранд. Бо навои ин соз кӯдаконро ба хоби ноз ҳидоят намуда, бо навои он онҳоро аз хоб бедор менамоянд. Ин соз дар тамоми маъракаҳои халқӣ, маросимҳои мотамиву тӯй васеъ истифода шуда ва дар ансамбл онро бо созҳои қумрӣ, танбӯр, сетор, най ва даф менавозанд. Аслан ин соз сози якканавозист.

Рубоби помирӣ дорои панҷ тори асосӣ буда, тори шашум **зингак** ном дорад. Панҷ тор рубоби бадахширо бо панҷ сутуни хона ҳамқисмату ҳамрадиф меҳисобанд. Хонаи бадахшӣ аз қисмҳои зерин иборат аст.

1. Нишастгоҳ (санҷ): – дар зери панҷ сутуни хона се нишастгоҳ мавҷуданд: аз пешрӯйи оташдон таҷассуми олами ҷамодот б) суфаи поён–олами наботот, в) суфаи болоӣ таҷассуми олами ҳайвоноту инсонҳоянд.

2. Сутунҳо (ситан): – дар хона панҷ сутун рамзи панҷ фариштаи ҷовид: Суруш, Меҳр, Ноҳид (Ардабон), Замёд ва Озаранд.

Яке аз рубобҳои дигари қадимаи мардуми Бадахшон рубоби қумрӣ мебошад, ки ин соз ҳам такмилӣ аст. Рубоби қумрии коллексияи Осорхонаи миллӣ аз ду тори рӯдагин иборат буда, дарозии он 46 см ва ҳаҷми косаи он 13см-ро ташкил медиҳад. Дар қисмати поёнии дастаи соз дар наздикии сарҳади коса аз ду тарафи даста паррандаи қумрӣ ҳаккокӣ шудааст. Маҳз аз ҳамин сабаб он аз ҷониби созтарош рубоби қумрӣ номгузорӣ шудааст. Аксарият муҳаққиқон дар таълифоташон баъзан

---

[1] Кароматов, Ф., Нурджанов, Н. Музыкальное искусство Памира / Ф. Кароматов, Н. Нурджанов. – М.: Советский композитор, 1978. – Кн.1. – С. 14.

созҳои такмилии дигарро бо унвони қумрӣ таҳқиқ намуда, манзури хонандагон мегардонанд, ки ин андеша чандон дуруст нест ва хатои маҳз гӯем ҳам, ғалат нахоҳем кард (К-1.10).

Сози мусиқии қобуз (qobuz) дар байни коллексияи созҳои мусиқии осорхонаҳои Тоҷикистон танҳо дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон дида мешавад. Асосан дар байни мардуми тоҷик се намуд сози торӣ-камонии маъмулӣ вуҷуд дорад, ки инҳо ғижаки тоҷикӣ (форсӣ), ғижаки бадахшонӣ ва сато мебошанд. Ду адад қобузе, ки дар Осорхонаи миллӣ мавҷуданд, шояд аз қирқизони ноҳияи Мурғоби Бадахшон ҷамъоварӣ шуда бошанд. Чунки мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки ин намуд соз байни мардуми қирғиз маъруфияти бештар дорад.

Дар натиҷаи омӯзишу таҳқиқи маъхазҳои гуногун маълум гардид, ки созҳои зарбии мардуми тоҷик таърихи бостонӣ доранд ва созҳои зарбии таблу нағораҳои гилин асосан дар маросимҳои размӣ истифода мешуданд. Таблу нағораҳои коллексияи Осорхонаи миллӣ ҳамон шакли аслӣ ва таърихии онҳо мебошанд, ки дар “Шоҳнома”-и безаволи Фирдавсӣ зикр гардидаанд. Сози мусиқии таблро долнағора ҳам мегӯянд ва долнағора ҳаҷман каме бузург буда, аз 1 сози зарбӣ иборат аст (К-1.46). Қӯшнақора ё ҷуфтнағора аз ду нағораи хурдтар таркиб ёфтааст, вале яке аз ин созҳо боз нисбатан ба дигараш хурдтар мебошад ва он резнағора номида мешавад. Сози мусиқии қӯшнағора дар мисраъҳои назмии “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ бо номи “кӯс” қайд гардидааст, ки ин албатта номи қадимаи ин соз аст ва маънои “ҷуфт”-ро ифода мекунад. Санъатшинос Ҳакимов Н. дар китоби таълифнамудааш “Фарҳанги истилоҳоти мусиқии “Шоҳнома” сози мусиқии кӯсро чунин шарҳ додааст: “кӯс сози мусиқиест, ки аз ду тарафи он парда мекашанд.” Яъне сози зарбии дупардагӣ аст. Вале мо ба фикри пажуҳишгар Ҳакимов Н. розӣ буда наметавонем ва иброз медорем, ки мафҳуми “кӯс” ба маънои “ҷуфт” аст (К-1.47). Аслан сабаби қӯшнағора ном гирифтани чунин соз он аст, ки дар замонҳои гузашта дар набардҳои размӣ дар пушти филон созҳои мусиқии нағораҳои калонро ба ҳам баста ба набард мерафтанд ва

ин созҳо аслан воситаи хабардиҳиро иҷро менамуданд ва мисраъҳои зерини “Шоҳнома”-и низ Фирдавсӣ шоҳиди ин гуфтаҳост:

Ҳама кӯс бастанд бар пушти пил,
Замин шуд ба кирдори дарёи Нил.[1]

Сози мусиқии зарбии табли дурӯя дигар аст. Ин намуди соз дар арақаи ёдгории Ҳайратони назди шаҳри Тирмиз соли 1932 кашф гардидааст, ки ба асрҳои 2-и мелодӣ мансуб аст.[2] Чуноне ки дар боло қайд гардид, дар Осорхонаи миллӣ ду адад сози мусиқии дупардагӣ мавҷуд аст, ки танаи созҳо аз фулуз сохта шудааст ва ба хотири оне, ки пардаҳои ин намуди созҳо бо банд баста шудаанд, номи дарратаблро гирифтаанд. Аз сохтори ин намуди созҳо маълум мешавад, ки онҳо ба аскарони Армияи Сурх мансубият доранд (К-1.49).

Дигар намуд созҳои нодири зарбӣ ин чанбараҳои накшини мисин мебошанд, ки танҳо дар фонди Осорхонаи миллӣ мавҷуданд ва дар дигар осорхонаҳои Тоҷикистон дида намешаванд ва ҳанӯз аз охири асри XIX ва ибтидои асри XX аз истифода баромадаанд. Ин сози мусиқӣ аслан бо номи чиндаул машҳур аст ва муҳаққиқ Т.М. Ҷонизода мавҳуми ин созро чунин шарҳ додааст, ки чин-даул “китайский даул”.[3] Яъне истилоҳи “чин”-ро муҳаққиқ ба решаи номи кишвари Чин мансуб додааст, ки ин хато буда, он ба Чин ягон рабте надорад. Бо кадом сабаб чунин ном гирифтани ин соз то ҳол мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст. Ин соз яке аз созҳои қадимаи тоҷикон аст, ки бо номи чанбара маъруф мебошад ва таҳқиқи минбаъдаро тақозо менамояд (К- 1.48). Вобаста ба тавсифи ном ва таърихи созҳои дигари мусиқии коллексияи Осорхонаи миллӣ дар зер маълумот хоҳем дод.

5-уми майи соли 1947 дар ш. Сталинобод Осорхонаи давлатии санъати тасвирӣ ифтитоҳ меёбад, ки фаъолияти ин осорхона бо

---

[1] Хакимов, Н. Г. Фарҳанги истилоҳоти мусиқии «Шоҳнома» / Н. Г. Хакимов. – Худжанд, 1994. – 212 с.; Худжанд, 2002. – С.70.
[2] Массон, М. Археологическая разведка Айрытама на берегу Амударьи в 1933 г. / М. Массон // Из воспоминаний среднеазиатского археолога. – Ташкент, 1976. – С.70.
[3] Джани-заде, М. Т. Музыкальная культура Русского Туркестана / М.Т. Джани-заде. – М., 2013. – С.148.

осорхонаи таърихӣ-кишваршиносӣ робитаи зич дорад. Нақши Осорхонаи давлатии санъати тасвирӣ низ дар ҷамъоварӣ ва ҳифзу муаррифии созҳои мусиқӣ бениҳоят калон аст. Осорхона дар қатори мусаввараҳои гаронарзиш намунаи ҳунарҳои мардумӣ, махсусан созҳои мусиқиро низ ҷамъоварӣ менамуд ва созҳои мусиқии ҷамъоваришуда дар толори намунаҳои санъати амалӣ дар гӯшаи махсус ба намоиш гузошта мешуданд. Худи ҳамон сол (1947) барои пурра гардондани фонди Осорхона аз намоиши ҷумҳуриявии ҳунарҳои мардумии гӯшаву канори ҷумҳурӣ, ки дар шаҳри Сталинобод баргузор мегардад, аз ҷониби корманди Осорхона профессор Б.М. Каплан аз ҳунармандони Бадахшон 19 адад намунаҳои ҳунармандӣ, аз қабили тоқии бадахшонӣ, дастпӯшак, ҷӯроби бадахшонӣ ва ғ. бо маблағи 7335 рубл харида мешавад. Илова ба ин, аз байни ин мавод бо маблағи 1600 рубл аз созтароши машҳури Бадахшон сокини деҳаи Хуфи ш. Хоруғ Сафоев Муродалӣ (1898-1980) як рубоби бадахшонӣ ва як рубоби тоҷикӣ (афғонӣ) низ харидорӣ мешаванд[1]. Падари Муродалӣ Сафо дуредгари машҳури минтақа ва беҳтарин устои хонаҳои помирӣ буд. Сафоев М. аввал аз падараш касби дуредгариро пеша карда, баъдан ба созтарошӣ даст зад ва дар баробари эҳёи созҳои маъмулӣ созҳои такмилиро низ дар шакли нав сохтааст.

Соли 1954 бахшида ба 30-солагии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон директори Осорхонаи давлатии санъати тасвирӣ Маҷид Хошмуҳаммедов бо мақсади боз ҳам пурратару ғанитар намудани фонди Осорхона бо асарҳои рассомӣ ва дигар маводҳои санъати амалӣ-халқӣ ба Вазири маданияти ИҶШС расман муроҷиат менамояд. Баҳри амалӣ намудани ин иқдом моҳи апрели соли 1954 бо Фармони Вазири маданияти ҶШС Тоҷикистон № 490 аз Раёсати санъати назди Вазорати маданияти ҶШС Тоҷикистон ба директори Осорхонаи давлатии санъати тасвирӣ Маҷид Хошмуҳамедов 8 адад сози мусиқии рубоби тоҷикӣ (афғонӣ), рубоби бадахшонӣ, 1 адад сурнай, таблу нағораҳои гилин ва 2 адад таблаки (К-1.44) ҷӯбин барои нигоҳдории

[1]Бойгонии марказии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Ф.461. – Оп.2. – Д.38. – Л.63.

доимӣ супорида мешавад, ки имрӯз дар Осорхонаи миллӣ ҳифз ва муаррифӣ карда мешаванд[1]. Соли 1935 дар омӯзишгоҳи мусиқии шаҳри Хуҷанд устохонаи созҳои мусиқӣ бунёд карда мешавад, ки дар он ҷо созҳои миллӣ такмил дода шудаанд.[2] Дар бобати таблакҳои чӯбин қайд кардан бамаврид аст, ки ин намуди сози зарбӣ дар омӯзишгоҳи мазкур тавассути дастгоҳи чӯбтарошӣ сохта шудаанд.

Осорхонаи давлатии санъати тасвирӣ соли 1955 бахшида ба 500-солагии рассом ва минётурнигори шинохтаи тоҷик Камолиддин Беҳзод (1455-1535) номгузорӣ карда шуд[3].

Пас аз 2 сол, яъне соли 1957 аз Матлуботи ҳунармандӣ ба осорхона 5 адад созҳои мусиқии дутор, думбра ва доира ворид карда шудааст, ки то ҳол дар Осорхонаи миллӣ мавҷуд мебошанд. Илова бар ин, соли 1959 аз н. Шаҳринав ба осорхона як адад чанбараи нақшини миссин ворид гардидааст, ки хело ҷолиб мебошад.

Соли 1959 бо Фармони Вазири маданияти Тоҷикистони Советӣ №290 аз 4 декабр Осорхонаи давлатии санъати тасвирии ба номи Камолиддин Беҳзод ва Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносӣ муттаҳид карда шуда, унвони Осорхонаи муттаҳидаи таърихӣ-кишваршиносӣ ва санъати тасвирии ба номи Камолиддин Беҳзодро мегирад[4]. Осорхонаи мазкур аз 32 толор иборат буд. Муттаҳид намудани ду осорхона дар бинои нав ва афзун шудани толорҳои он зарурати ҳарчи бештар ҷамъоварӣ намудани созҳои мусиқиро низ пеш овард. Минбаъд барои ҳарчи бештар гирдоварӣ намудани намунаҳои ҳунарҳои мардумӣ экспедитсияҳои мардумшиносӣ созмон дода мешуданд. Махсусан солҳои 60-уми садаи XX тавассути экспедитсияҳои мардумшиносӣ ба Осорхона маводи арзишманди таърихӣ-мардумшиносӣ, аз ҷумла созҳои мусиқӣ низ ворид гардиданд.

---

[1]Ҳамон ҷо. Д.46. – Л.15.
[2] Бойгонии ҷории давлатии вилояти Суғд. – Б.№ 216. – Т.№1. – П.№1.
[3] Музей изобразительных искусств (Путеводитель). – Душанбе, 1981. – С.2.
[4]Нуров, Г. З. Формирование и развитие музейного дела в Таджикистане (30-е годы XX-начало XXI вв.): Дисс… канд. истор. наук / Нуров Гулмахмад Зиёевич. – Душанбе, 2011. – С.50.

Соли 1961 дар ҷараёни экспедитсияи мардумшиносӣ ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аз ҷониби кормандони осорхона аз деҳаи Гӯшаки ноҳияи Рӯшон як шаштор харида мешавад, ки хело ҷолиб аст[1]. Ин соз мисли танбӯри тоҷикӣ хазинаи тезбуни дарозрӯя ва лавҳаи чӯбин дорад. Аммо фарқияти ин соз дар он аст, ки аз ду хазина (хазинаи асосӣ ва хазинаи болои секунҷашакл) иборат буда, дар хазинаи болоӣ мисли танбӯри тоҷикӣ 4 адад ва дар даста 2 адад хаспарда дорад. Танбӯр аз шаш тори фулузин иборат аст. Эҳтимол меравад, ки ин танбӯр шояд дар асоси танбӯри тоҷикӣ такмил дода шуда бошад. Ин намуди соз дар Осорхонаи миллӣ ягона буда, дар дигар осорхонаҳои Тоҷикистон ба назар намерасад (К-1.29). Мутаассифона номи устое, ки ин созро сохтааст, дар китоби воридотии Осорхона дарҷ нагардидааст.

Соли 1963 коллексияи муҳими созҳои мусиқӣ аз оркестри созҳои миллии Филармонияи давлатии Тоҷикистон ба Осорхона ворид гардидааст, ки 28 ададро ташкил намуда, шумораи мазкур пурра дар Осорхонаи миллӣ нигоҳдорӣ ва муаррифӣ карда мешаванд. Дар оркестр қариб тамоми намуди созҳои миллӣ навохта мешуданд, ки имрӯз зиёда аз 10 намуди онҳоро, ба монанди сози нафасии най, созҳои тории рубоби тоҷикӣ (афғонӣ), рубоби помирӣ, тор, ҳафтор, ёздаҳтор, танбӯри бадахшонӣ, созҳои зарбии таблакҳои сафолин, сози зарбии худсадодиҳандаи сафолӣ дар Осорхонаи миллӣ вохӯрдан мумкин аст. Дар ин коллексия як адад найи такмилӣ нисбат ба дигар найҳои маъмулии тоҷикӣ ғафстар аст (К-1.2). Ин соз номи “найи майда” – ро дорад ва аслан дар оркестри созҳои халқӣ истифода мешавад. Яке аз такмилдиҳандагони ин соз устои устохонаи созҳои мусиқии Омӯзишгоҳи мусиқии ш. Хуҷанд М.И. Мунис ба шумор меравад.[2]

Сози мусиқии сафоил ё сафалӣ яке аз созҳои қадимаи худсадодиҳандаи тоҷикон буда, аз ду чӯбаки ба ҳам часпида ва ҳалқадор иборат аст, ки дар сурати шиддат додани чӯбакҳо ҳалқаҳои фулузин

---

[1] Бойгонии ҷории Осорхонаи миллии Тоҷикистон, китоби инвентарӣ №1. – Л.317.
[2] Ҳамон ҷо. – Л.15.

такон хӯрда ба чӯбакҳо мерасанд ва дар натиҷа зарби мусиқӣ ҳосил мешавад. Сози зарбии сафоил танҳо дар Осорхонаи миллӣ мавҷуд буда, дар дигар осорхонаҳои Тоҷикистон ба мушоҳида намерасанд (К-1.42).

Дар байни созҳои мазкур 4 адад дутор-бас (К-1.24), 2 адад дутор-контрабас (К-1.25) ва 4 адад ғижак-бас (К- 1.41) мавҷуд аст, ки солҳои 40-уми асри XX аз ҷониби А. Петросянс ва С.Е. Диденко такмил дода шудаанд.[1] Ин ҷо ба мафҳуми дутор-бас ё дутор-контрабас аҳамияти махсус дод. Дутор ҳамчун сози қадимаи тоҷикон дорои 2 тор мебошад, бинобар ин номи дуторро гирифтааст. Аммо созҳои мусиқии дутор-бас ва дутор-контрабас, ки дорои 4 тор буда, аз ҷониби А.И. Петросянс ҳамчун дутор-бас номгузорӣ шудаанд, мантиқан ғалат аст. Шояд А. Петросян аз мафҳуми дутор огаҳӣ надошта бошад, аз ин рӯ сози чортораро дутор-бас гуфтааст. Созҳои такмилии дутор-бас, дутор-контрабас ва ғижак-бас то соли 1963 дар оркестр истифода мешуданд. Азбаски созҳои мазкур садои ғафси паст доштанд, дар байни созҳои мусиқии миллии тоҷик иқтидори овозиашон гум шуд ва аз гурӯҳи созҳои миллии оркестр берун карда шуда, ба осорхона супорида шуданд.[2] Вале аз байни ин намуди созҳо дутор-бас ҳанӯз ҳам дар оркестри созҳои халқии Филармонияи давлатии Тоҷикистон ба номи Акашариф Ҷӯраев мавриди истифода мебошад.

Яке аз созҳои дигаре, ки дар боло зикр кардем, ин тори такмилӣ аст, ки дарозии соз 140 см ва васегии косаи соз 24 см-ро ташкил мекунад (К-1.31). Тор дорои панҷ гӯшак буда, панҷ тори фулӯзин кашида шудаст. Ин соз аз тарафи мусиқишинос ва ромишгари арманӣ Бунӣ Вартан Георгиевич (1888-1960)[3] такмил дода шудааст. Ҳангоми омӯзиши ин соз маълум карда шуд, ки дар яке аз гӯшакҳои соз Бунӣ В.Г. аксашро дар шакли хело хурд гузоштааст. Ин сози мусиқӣ низ дар оркестр роҳ

[1] Петросянс, А. И. Инструментоведение / А. И. Петросянс. – Ташкент, 1951. – С.73.
[2] Суҳбат бо роҳбари оркестри созҳои миллии Филармонияи давлатии Тоҷикистон Зокир Нишонов. – 2019. – 9 апрел.
[3]Буни Вартан Гиоргиевич [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://rus-big-biography-enc.slovaronline.com/14228 (санаи истифодабарӣ 09.04.2019)

наёфтааст.[1] Оркестри созҳои миллӣ соли 1938 дар баробари таъсис ёфтани Филармонияи давлатӣ ҳамчун як дастаи хурди навозандагон ташкил меёбад. Асосгузор ва муассисони оркестри номбурда А. С. Ленский (1910-1978) (роҳбари бадеӣ) ва Аъзам Камолов (1912-1971) буданд.

Соли 1964 бо ташаббуси корманди осорхона Баротов Набиҷон аз устои созҳои мусиқии Омӯзишгоҳи мусиқии шаҳри Ленинобод Қодиров Шокирбой як танбӯр ва аз шогирди ӯ Қодиров Рауф як дутор низ ҷамъоварӣ мешавад, ки созҳо махсусан аз тарафи Осорхона фармоиш дода шудаанд[2]. Созҳои мусиқии мазкур хело касбӣ сохта шуда, ороиш ёфтаанд ва барои омӯзиши ҳунари созтарошии тоҷик аҳамияти махсус доранд.

Сози зарбии таблак дар байни мардуми тоҷик, аз ҷумла мардуми фарҳангпарвари Хатлонзамин аз қадим садо медиҳад ва кулолгарони ин минтақа дар баробари омода намудани зарфҳои сафолин сози таблакро низ бо санъати баланд омода менамуданд. Яке аз чунин кулолгарони чирадаст сокини шаҳри Кӯлоб Достаков Саттор мебошад, ки дар баробари омода намудани дигар навъи зарфҳои сафолин созҳои зарбии таблак ва таблро низ эҳё кардааст. Соли 1965 аз ҷониби Осорхона аз ин кулолгари моҳир ду адад таблак ва як адад табли хурди сафолин ҷамъоварӣ карда шудааст, ки имрӯз созҳои мазкур дар Осорхона ҳамчун созҳои зарбии миллӣ ҳифз карда мешаванд. Табли хурди сафолини Достаков Саттор сарчашаи муҳимест, ки доир ба таърихи ҳунари таблсозии тоҷикон маълумот медиҳад. Чуноне, ки каблан ишора гардид, таблу нағораҳои гилину миссини солҳои сиюми асри 20 воридшудаи Осорхонаи миллӣ то ҳол макони сохташон маълум нест. Вале ин табли хурд тасдиқ менамояд, ки дар ҳудуди Тоҷикистони имрӯза ин созро месохтанд. Достаков Саттор ҳунари кулолгариро аз модараш Гулбӣ

[1] Музыкальная жизнь Советского Таджикистана (1919-1945 гг.). – Душанбе, 1974. – Вып.1. – С.15.
[2]Бойгонии ҷории Осорхонаи миллии Тоҷикистон, китоби инвентарӣ №1. – Л.415.

меомӯзад ва имрӯз дар ш. Кӯлоб писари ӯ Сатторов Ҷалол бо аҳли оилааш ҳунари аҷдодиашонро идома медиҳад.

Дар фонди Осорхонаи миллӣ як дутори то ҷое қадима ва ҷолиб мавҷуд аст, ки соли соли 1965 ҳангоми экспедитсияи мардумшиносӣ аз маҳаллаи Устоёни деҳаи Понғози ноҳияи Ашт бо ташаббуси корманди осорхона Фрумович Т.И. барои осорхона ҷамъоварӣ шудааст (К-1.23). Дутор ба асри XX мансуб буда, сохтори он ниҳоят содда аст. Коса ва як қисми дастаи соз аз чӯби яклухт тарошида шуда, қисмати болоии соз аз маркази даста дар алоҳидагӣ пайваст карда шудааст. Дар болои косаи соз лавҳаи тунукагин насб шудааст. Қисмати сари даста секунҷашакл буда, дорои ду гӯшаки хурд аст.

Доир ба аввалин марҳилаи ҷамъоварии созҳои мусиқии Сафоев Муродалӣ қаблан зикр шудааст. Солҳои 60-ум низ аз ин созтароши моҳир ба Осорхонаи муттаҳидаи таърихӣ-кишваршиносӣ ва санъати тасвирии ба номи Камолидин Беҳзод созҳои мусиқии зиёд ҷамъоварӣ шудаанд. Аз ҷумла, соли 1966 ҳангоми экспедитсияи мардумшиносӣ аз Сафоев Муродалӣ як адад даф бо маблағи 12 рубл харида мешавад, ки сози мазкур айни ҳол дар толори созҳои мусиқии Осорхонаи миллӣ ба маърази тамошо гузошта шудааст ва дар байни коллексияи созҳои мусиқии осорхона нодир ҳисоб меёбад[1] (К-1.50). Соли 1968 низ аз Сафоев М. Вазорати маданияти Тоҷикистон 13 адад созҳои мусиқии найи чӯпонӣ (тутак-2 адад), рубоби бадахшонӣ (3 адад), рубоби дулонӣ, танбӯри бадахшонӣ (К-1.36), баландмақом (К-1.18), сетор, доира, лабчанг (3 адад)-ро дар умум бо маблағи 1655 рубл харидорӣ менамояд, ки созҳои мазкур ҳоло дар Осорхонаи миллӣ ҳифз мешаванд[2].

Сафоев М. дар баробари сохтани созҳои маъмулии мардуми Бадахшон, ба мисли рубоби помирӣ, инчунин дар такмили рубоби баландмақом, ки ин сози мусиқиро аввалин бор Суфӣ Мубораккадами Вахонӣ (1843-1903- д. Ямги ноҳияи Ишкошим) сохтааст, саҳми арзанда

[1]Нурматзода, Ҳ. Мероси арзишманд: Оид ба коллексияи созҳои мусиқии Сафоев М. дар осорхонаҳо / Ҳ. Нурматзода // Адабиёт ва санъат. – 2016. – №43. – 27 октябр.
[2]Бойгонии ҷории Осорхонаи миллии Тоҷикистон, китоби инвентарӣ №3. – С. 201.

дорад. Рубоби такмилии баландмақоми Сафоев М. нисбат ба рубоби Мубораккадам андаке фарқият дорад.

Имрӯз дар фонди Осорхонаи миллӣ 2 адад тутаки найнавози деҳаи Зиракии шаҳри Кӯлоб Ҳасанов Сафар нигоҳ дошта мешавад, ки ҷиҳати муаррифӣ намудани фарҳанги мусиқии минтақаи Хатлон ин созҳо дорои аҳамияти калон мебошанд (К-1.3).

Солҳои 60-уми садаи гузашта, дар шаҳри Сталинобод дар тобеи Вазорати маданияти Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон корхонаи «Армуғон» (ҳоло номи «Созтарош»-ро ба худ гирифтааст) фаъолият менамуд, ки дар ин корхона ҳар гуна намунаҳои ҳунарҳои халқӣ, ба монанди армуғонҳо (бозичаҳо), зарфҳои сафолин ва махсусан, намудҳои гуногуни созҳои мусиқии дутор, думбра, тор, рубоби қошқарӣ, доира ва ғайра истеҳсол мешуд. Мақсади ташкили чунин корхона дастраси ҳамагон намудани дастовардҳои халқӣ, ба хусус созҳои мусиқӣ буд. Дар ин солҳо дар ин корхона устоҳои чирадаст, ба мисли Саид Носиров, Исмат Бораков, Амробек Беков, Мирзохаёт Фатхуллоев, Худоназар Андубеков, Бахшулло Малахов, Абдураҳим Собиров, Дона Зиёев ва ғайра фаъолият менамуданд. Созҳои сохташудаи корхона на танҳо дар дохили кишвар, балки берун аз Тоҷикистон дар намоишҳои умумиҷаҳонии Белгия, Испания, Германия, Канада, Афғонистон ва ғайра низ муаррифӣ ва фурӯхта мешуданд. Оҳиста-оҳиста созҳои мусиқии «Армуғон» дар осорхонаҳо ҳамчун дастоварди ҳалқӣ ба маърази тамошо гузошта мешуданд. Октябри соли 1967 аз корхонаи «Армуғон» ба Осорхонаи муттаҳида 3 адад сози мусиқӣ, аз ҷумла 1 думбра, 1 адад дутор ва 1 адад доира ворид мегардад. Моҳи октябри ҳамон сол дар Руминия намоиши бошукӯҳи истеҳсолӣ баргузор мегардад, ки созҳои мазкур ҳамчун намунаи созҳои миллии тоҷикон ва дастоварди фарҳангии халқӣ дар он ҷо ба намоиш гузошта шудаанд[1]. Сентябри 1967 ва феврали соли 1971 низ бо дархости Осорхона аз

[1] Бойгонии ҷории Осорхонаи миллии Тоҷикистон. Китоби санади экспонатҳо барои намоишҳои муваққатӣ, соли 1967. - С.52.

корхонаи «Армуғон» 21 адад сози мусиқӣ: дутор, думбра, доира ва рубоби қошқарӣ (К-1.9) харида шудааст[1]. Имрӯз 16 адад созҳои мусиқии аз «Армуғон» воридшуда дар Осорхонаи миллӣ ҳифз ва муаррифӣ карда мешавад.

Дар Осорхонаи миллӣ якчанд созҳое низ ҳифз ва муаррифӣ мешаванд, ки ба шахсиятҳои номвари мусиқии тоҷик тааллуқ доранд.

Яке аз чунин шахсиятҳо падари овозхони маъруфи тоҷик Одина Ҳошим Ҳофизи Халқии Тоҷикистон Қосимов Ҳошим (1889 – 1964) буда, сентябри соли 1971 аз ҷониби корманди Осорхона як адад танбӯри ӯ ба Осорхона ворид мешавад ва айни ҳол ин танбӯр дар Осорхонаи миллӣ нигоҳдорӣ карда мешавад[2] (К-1.33). Қосимов Ҳошим яке аз намояндагони маъруфи мусиқии мардумии тоҷик буда, ҳамчун ҳофиз, навозанда ва муаллифи оҳангу таронаҳои халқӣ дар рушду такомули мусиқии тоҷик саҳми бориз гузоштааст.

Инчунин, соли 1971 думбраи гурӯғлисарои машҳури тоҷик, Ҳофизи Халқии Тоҷикистон Ҳикмат Ризо (1894-1990) ба Осорхона ворид шуда, то ҳол нигоҳдорӣ мешавад. Ҳикмат Ризо бо ин думбра дар Даҳаи адабиёт ва санъати тоҷик дар ш. Москва (соли 1949) иштирок намуда, ҳунарнамоӣ кардааст ва номи «Ҳомери асри XX»-ро гирифтааст. Дар иҷрои ӯ зиёда аз сад ҳазор мисраъ байтҳои достони «Гӯрӯғлӣ» сабт гардидааст[3].

Сози дигари арзишманди коллексияи Осорхонаи миллӣ рубоби Ҳунарманди халқии Иттиҳоди Шӯравӣ Ҷӯрабек Муродов мебошад, ки соли 1981 ворид гардидааст. Воқеан, дар Осорхона муаррифӣ намудани рубоби Ҷӯрабек Муродов, ки ҳамчун сароянда беш аз 50 сол боз дар рушду нумӯи санъати мусиқии тоҷик саҳми арзанда дорад, хело боаҳамият аст. Ин сози мусиқӣ дар омӯзишгоҳи мусиқии ш. Ленинобод сохта шудааст.

---

[1] Ҳамон ҷо. Китоби фармонҳои вазири маданияти ҶШС Тоҷикистон, солҳои 1967-1968. – С.8.
[2]Бойгонии ҷории Осорхонаи миллии Тоҷикистон, китоби инвентарӣ №5. – С.155.
[3]Раджабов, А. Деятели таджикского традиционного музыкального искусства: история и современность / А. Раджабов // Таджикская музыка. – Душанбе, 2003. – С.96.

Охирин созҳои мусиқие, ки дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ ба Осорхона ворид гардидаанд, 2 адад дутор ва тори созтароши ш. Қӯрғонтеппа Қандилов Нусратулло мебошанд, ки бо Фармони махсуси Вазири маданияти ҶШС Тоҷикистон барои муаррифии доимӣ ба Осорхона интиқол дода шудаанд.[1] Қандилов Н. ҳамчун созтарош тӯли солҳои зиёд дар эҳёи созҳои мусиқӣ ва ҳунари созтарошии тоҷик хизмати арзанда кардааст.[2]

Созҳои мусиқии фонди Осорхона бо мақсади ҳарчи бештар муаррифӣ гаштанашон дар намоишҳои умумииттифоқӣ ва умумиҷаҳонии сайёр борҳо дар дохили кишвар ва давлатҳои гуногун дар намоишҳои бузург манзури тамошобинон карда шудаанд.

Махсусан солҳои 60-уми асри XX намоишҳои умумииттифоқӣ баргузор мегардиданд, ки тавассути чунин намоишҳо истеҳсолоти тамоми соҳаҳои ҳаёти мардуми Иттиҳоди Шӯравӣ ҳамчун дастовардҳои бузург ба намоиш гузошта мешуданд.

Соли 1964 дар Осорхонаи этнографии халқҳои Иттиҳоди Шӯравии шаҳри Санкт-Петербург намоиши ҳунарҳои мардумии халқҳои Иттиҳод баргузор мегардад ва дар ин намоиш гӯшаи "Санъати амалии мардумии Тоҷикистон" ташкил карда мешавад. Бо мақсади муаррифӣ намудани санъати амалии мардуми тоҷик дар намоиши мазкур тибқи Фармони Вазири маданияти Тоҷикистон (№96) аз Осорхонаи муттаҳида чун дигар арзишҳои халқӣ 6 адад сози мусиқии нахустин коллексияи Осорхона ба намоиши мазкур сафарбар мегардад[3].

Моҳи августи соли 1968 дар ш. Москва намоиши калони дастовардҳои санъати мардумии ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравӣ баргузор мегардад. Тибқи Фармони Вазири маданияти Тоҷикистон № 214 аз Осорхона 59 нигора (экспонат), аз қабили зарфҳои сафолин, зару зевари занона, либосҳои миллии тоҷикӣ, намунаҳои чӯбкорӣ ва се адад

[1] Бойгонии ҷории Осорхонаи миллии Тоҷикистон. Китоби воридотӣ №8. – Л.25.
[2] Сафаров, Т. Пайванди торҳо / Т. Сафаров // Ҳақиқати Кӯрғонтеппа. – 1986. – 10 январ.
[3]Бойгонии Осорхонаи миллии Тоҷикистон. Китоби рӯйхати экспонатҳо барои намоишҳо, солҳои 1962-1966. – С.16.

сози мусиқӣ, аз ҷумла як рубоби бадахшонӣ, як рубоби баландмақом, як танбӯри бадахшонӣ ба ин намоиш гузошта мешаванд, ки созҳои мазкур кори дастии Сафоев Муродалӣ буда, берун аз Тоҷикистон ҳамчун созҳои мусиқии миллии тоҷикон муаррифӣ шудаанд[1].

Соли 1969 дар Осорхонаи санъати тасвирӣ ва амалии шаҳри Новосибирск намоиши умумииттифоқии намунаҳои ҳунарҳои халқӣ баргузор мегардад, ки дар ин намоиш гӯшаи «Санъати амалии мардуми тоҷик» ташкил мешавад[1]. Бо мақсади пурра намудани гӯшаи мазкур аз Осорхонаи муттаҳидаи таъриху кишваршиносӣ ва санъати тасвирии ба номи Камолиддин Беҳзод намудҳои гуногуни санъати амалии мардуми тоҷик ба намоиш пешниҳод шуданд, ки дар байни онҳо дутори Қодиров Рауф низ ҳамчун намунаи созҳои миллии тоҷикон ба маърази тамошо гузошта мешавад.

Моҳи декабри соли 1970 дар шаҳри Смоленски Россия намоиши «Санъати амалии мардуми Тоҷикистон» баргузор мегардад[2]. Барои муаррифӣ намудани намунаҳои санъати амалии мардуми тоҷик аз 25 – октябри соли 1970 бо Фармони Вазири маданияти Тоҷикистон таҳти рақами 264 барои намоиши мазкур аз осорхона 207 адад намунаи ҳунарҳои мардумии Тоҷикистон интихоб гардида, барои намоиш пешниҳод мешаванд[3]. Дар миёни ин ганҷинаҳои мардумӣ 3 адад сози мусиқии думбура, дутор ва доира низ пешкаш мешаванд, ки созҳои номбурда маҳсули дасти устоҳои корхонаи «Армуғон» (Душанбе) буданд. Намоиши мазкур то 25 марти соли 1971 идома меёбад.

Ҳамзамон, тобистони соли 1971 дар ИМА намоиши умумииттифоқии истеҳсолоти санъати амалии халқҳои Иттиҳоди Шӯравӣ баргузор мегардад. Бо Фармони Вазири маданияти Ҷумҳурии

[1]Бойгонии ҷории Осорхонаи миллии Тоҷикистон. Китоби бозгашти экспонатҳо аз намоиши шаҳри Смоленскии Россия. – 1969. – Л.3.
[2]Бойгонии ҷории Осорхонаи миллии Тоҷикистон. Китоби инвентарӣ №6. – С.88.
[3]Бойгонии ҷории Осорхонаи миллии Тоҷикистон. Китоби содироти эспонатҳо барои нигоҳдошти муваққатӣ. – 1970 – С.2.

Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон таҳти рақами 172 аз 21 июл[1] аз Осорхона 39 адад намунаи санъати амалии мардуми тоҷик барои намоиши мазкур интихоб гардида, ба намоиш бурда мешаванд. Дар байни ашёҳои интихобшуда 1 адад рубоби бадахшонии созтарош Сафоев М. низ ба ин намоиши бузург бурда шудааст, ки ҳамчун муаррифгари намунаи беҳтарин созҳои мусиқии тоҷикон маҳсуб меёбад.

Аз омӯзиши фаъолияти Осорхонаи муттаҳидаи таърихӣ-кишваршиносӣ ва санъати тасвирии ба номи Камолиддин Беҳзод аз солҳои 30-ум то солҳои 80-уми асри XX нисбат ба кори гирдоварӣ, нигоҳдорӣ ва оммавигардонии созҳои мусиқӣ пайдост, ки осорхона дар самти ҷамъоварии созҳо фаъолияти назаррас дорад. Аммо дар самти номнавис ва омӯзиши созҳо якчанд норасоиҳо, аз қабили нодуруст ба қайд гирифтани номи созҳои мусиқӣ дар ҳуҷҷатҳои фонд, пурра дарҷ нагардидани сарчашмаи воридшавии созҳо, номукаммал тартиб додани шиносномаи илмии созҳо, тармим ва муаррифӣ накардани баъзе созҳои мусиқии нодир ба назар мерасанд.

Бо шарофати Истиқлолияти давлатӣ соли 1999 ба Осорхонаи ҷумҳуриявии таърихӣ-кишваршиносӣ ва санъати тасвирии ба номи Камолиддин Беҳзод номи Осорхонаи миллӣ дода шуд[2].

Дар 26 соли Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фонди Осорхонаи миллӣ намунаҳои гуногуни созҳои мусиқии миллӣ ворид гардиданд ва дар ҷамъоварии созҳо дар ин марҳила нақши кормандони осорхона бениҳоят назаррас аст.

Аввалин сози мусиқие, ки дар замони истиқлолият ба Осорхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод ворид гардидааст, ин дутори ороишиест, ки соли 1999 аз ҷониби Осорхона аз сокини шаҳри Душанбе Қобилҷонов Набиҷон ҷамъоварӣ шуда, айни

[1]Бойгонии ҷории Осорхонаи миллии Тоҷикистон. Китоби содироти экспонатҳо барои нигоҳдошти муваққатӣ. – 1971. – С.21-118
[2]Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи иваз кардани номи Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносӣ ва санъати тасвирии ба номи Камолиддин Беҳзод шаҳри Душанбе, аз 27 ноябри соли 1999 таҳти №473.

замон сози мазкур дар фонди Осорхонаи миллии Тоҷикистон маҳфуз аст[1].

Соли 2005 як адад сози мусиқии ғижаки бадахшонӣ ва як адад сози тории балалайкаи яке аз намояндагони барҷастаи мусиқии суннатии тоҷик, Ҳофизи Халқии Тоҷикистон Абдулло Назрӣ (1930-2006) ба осорхона ворид шуда, дар гӯшаи фарҳанги толори намоишии (экспозитсионӣ) шуъбаи таърихи нав ва навтарини Осорхонаи миллии ба номи К. Беҳзод то соли 2012 ба маърази тамошо гузошта шудаанд ва ҳоло дар фонди Осорхонаи миллӣ нигоҳдорӣ мешаванд. Абдулло Назрӣ ҳамчун ҳофиз ва навозандаи созҳои миллӣ дар рушди фарҳанги мусиқии тоҷик саҳми калон гузоштааст.

Баъд аз ба истифода додани бинои нави Осорхонаи миллии Тоҷикистон бо дастури Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Осорхонаи мазкур толори махсуси созҳои мусиқӣ созмон дода шуд ва дар ин толор наздики 50 намуд созҳои мусиқии мардуми тоҷик муаррифӣ карда мешаванд.

Соли 2011 шаш адад найи устухонӣ, ки як қисмашон шикастааст, аз Осорхонаи миллии бостонии Тоҷикистон ба Осорхонаи миллӣ ворид гардидаанд, ки дар экспозитсияи Осорхона ба маърази тамошо гузошта шуданд. Созҳои мазкур солҳои 70-уми садаи гузашта аз зери хок ҳангоми ковишҳои бостоншиносӣ аз Тахти Сангин ба миқдори 40 адад бозёфт гардиданд ва муаррифии онҳо дар осорхона барои омӯзишу таҳқиқии илмии таърихи фарҳанги мусиқии халқи тоҷик аҳамияти бузургро дорост[2].

Дар толори созҳои мусиқии Осорхонаи миллӣ танбӯри устодони санъати мусиқии классикии "Шашмақом" - Содирхон Бобошарифов (Содирхон Ҳофиз, 1847-1931) ба намоиш гузошта шудааст. Танбӯри Содирхон Ҳофиз декабри соли 1962 аз ҷониби Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон, артисти Театри мусиқӣ-мазҳакавии ба номи Камоли

---

[1]Бойгонии ҷории Осорхонаи миллии Тоҷикистон. Китоби воридотӣ №10. – Л.156.
[2]Литвинский, Б. А., Пичикян, И. Р. Эллинистический Храм-Окса / Б. А. Литвинский, И. Р. Пичикян. – М.: Восточная литература. РАН, 2000. – Т.1. – С.89.

Хуҷандӣ (он вақт ба номи Пушкин) Мухтор Самандаров ба Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносии шаҳри Хуҷанд супорида шудааст. Танбӯри мазкур то соли 2011 дар гӯшаи намоишии асрҳои XVIII-XIX-и Осорхона ба маърази тамошо гузошта шуда буд. Соли 2011 танбӯр ба Осорхонаи миллии Тоҷикистон ворид карда шудааст (К-1.34). Содирхон Ҳофиз дар солҳои охири ҳаёташ ба созтарошӣ даст задааст. Танбӯр, рубоб, ҳатто най ҳам сохтааст. Танбӯре, ки то давраи мо ба мерос мондааст, шояд маҳсули дасти худаш бошад. Чунки хело содда сохта шудааст. Вале муҳиммияти ин танбӯр дар он аст, ки доир ба ҳаёти мусиқии халқи тоҷик дар нимаи дуюи асри XIX ва аввали садаи XX ба мо маълумот медиҳад.

Дар воқеъ Содирхон Ҳофиз дар рушди мусиқии касбии тоҷик саҳми бузурге гузоштааст. Ӯ на фақат ҳофизи машҳур, балки такмилдиҳандаи "Шашмақом" ҳам мебошад. Вай бештари қисмҳои онро такмил дода, оҳангҳояшро дилнишинтар ва ба гуфти Зиёдулло Шаҳидӣ,-"маънои сухан, вазни сухан, задаи мантиқии суханро ба дилаш бор намуда, баъд ба оҳанг ҷӯр менамуду ба забон мегирифт ва маънои ҳақиқии онро кушода медод". Сарояндаи мумтози "Шашмақом" Содирхон Ҳофиз дар тӯли фаъолияти босамари хеш ҳамчун инсони дорои истеъдоди воло тавонист соҳиби мактаби хоси мақомхонӣ гардад. Ҳофизи нотакрор ба силсилаи мақомҳои тоҷикӣ як равияи хос, нодир ва нозукадоро ворид намудааст. То ба имрӯз асарҳои безаволи ӯ- «Ушшоқи Содирхон», «Синахурӯш», «Қашқарчаи Содирхон», «Сегоҳи ду», «Гулёр», «Шаҳноз» ва даҳҳо бахшҳои дигар дар байни аҳли эҷод ва мардуми оддӣ шӯҳрати баландро соҳибанд.

Танбӯри устоди дигари "Шашмақом" Бобоқул Файзуллоев (1897-1964) дар намоишгоҳи осорхона ба маърази тамошо гузошта шудааст. Бидуни шак, дар осорхонаҳо ҷамъоварӣ ва муаррифӣ намудани созҳои мусиқии чунин шахсиятҳои бузург барои омӯзиш ва муаррифии фарҳанги мусиқии тоҷикон басо муҳим арзёбӣ мегардад. Танбӯри Бобоқул Файзуллоев низ соли 2011 аз ҷониби Комиссияи фондӣ ва хариди Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод аз

омӯзгори Консерваторияи миллии Тоҷикистон Эшонқулов Мурот ба маблағи 5000 сомонӣ харидорӣ шудааст (К-1.34). Ҳофизи Халқии Тоҷикистон Файзуллоев Бобоқул ҳамчун устоди «Шашмақом» дар ташаккулу рушди мусиқии суннатии тоҷикон хизматҳои бесобиқа кардааст. Махсусан, солҳои 40 ва 60-уми асри XX бо Ш. Соҳибов ва Ф. Шаҳобов маҷмӯи суруду оҳанг ва матнҳои «Шашмақом»-ро аввалин бор ба нота гирифта, онро дар панҷ ҷилд ба табъ мерасонанд[1].

Ҷолибтарин созҳое, ки имрӯзҳо дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон нигоҳдорӣ ва муаррифӣ карда мешаванд, рубобҳои гуногуни бадахшонӣ, ба монанди рубоб бо навиштаҷоти "Оллоҳ", (К-1.11), гултор, торруд, масруд ( К-1.17), рубоби қумрӣ (К-1.13), рубоб дар шакли тоҷ ва нишони Ҷумҳурии Тоҷикистон (К-1.14), баландзиком, баландмақом*, рубоб дар шакли лира (К-1.16), ситор (К-1.15), рубоби бадахшонӣ (К-1.12) ва ғайра мебошанд, ки созҳои мазкур аз ҷониби созтароши деҳаи Андароби ноҳияи Ишкошим Масайн Масайнов сохта шудаанд. Созҳои мазкур дар ду марҳила, яъне бори нахуст соли 2010 бо дастури Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон 8 адад ва соли 2011 маротибаи дуюм ба миқдори 15 адад аз ҷониби Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод харидорӣ шудаанд ва ҳоло ҳифзу муаррифӣ карда мешаванд. Масайнов М. санъати созтароширо аз падараш омӯхта, аз хурдсолӣ ба ин касб мароқ зоҳир менамояд. Инкишофи фаъолияти созтарошии Усто Масайн аз солҳои 70-уми асри гузашта бо усули нав ва такмилдиҳӣ сурат мегирад. Махсусан, дар иҷрои ӯ созҳои тории баландмақом, баландзиком, гултор, торруд, масруд, масайнғижак ва ғ. ҳамчун созҳои қадимаи тоҷикон такмил дода шудаанд. Созҳои тарошидаи Масайнов М. на танҳо дар Тоҷикистон, балки берун аз кишвар низ шуҳрат пайдо кардаанд. Ба хусус бахшида ба 100-солагии адиби номвари тоҷик

[1]Литвинский, Б. А., Пичикян, И. Р. Эллинистический Храм-Окса / Б. А. Литвинский, И. Р. Пичикян. – М.: Восточная литература. РАН, 2000. – Т.1. – С.317.

Абулқосим Лоҳутӣ (1878-1957) ба шаҳри Москва сафари ҳунарӣ намуда, созҳои офаридаи хешро ба ҷаҳониён муаррифӣ намудааст[1].

Зикр кардан ба маврид аст, ки баъзан созҳои мусиқии такмилёфтаи М. Масайновро шарҳ додан муҳим аст.

Яке аз созҳои такмилии ӯ масруд мебошад. Масрӯд сози мусиқии торию мизробӣ буда, аз ду тана иборат аст. Ин сози мусиқиро устод Масайн солҳои 70- уми қарни XX сохтааст. Ин созро усто дар шакли инсони хокӣ офаридааст. Номи масруд аз ҷузъҳои «мас» – Масайн ва «рӯд» аз калимаи рӯдаи гӯсфанд таркиб ёфтааст. Ин соз аз косахона, хазина, ду тана (дастаҳо ба миён фурӯхамида дорад, сарпанҷаҳо шакли пойи инсонро доранд, торгирҳо, харакҳо, пардаҳо иборат буда, косахона шакли чеҳраи инсони хокиро дошта аз чашм, бинӣ, даҳон, лабҳо иборат аст. Дарозии танаҳо бо косаву хазина 80-см, чуқурии косааш 16-17 см, бар ва паҳноии косааш 20- 22 см мебошад. Танаи аввали ин соз садои рубоби помириро дошта, танаи дуюм садои танбӯрро дорад. Ҳар ду тана аз шаш торӣ иборатанд. Ҷамъи торҳои ин соз 12- ададанд. Торҳои 1-2-и танаи дуюм дар нотаи «Си», торҳои 3-4 дар нотаи «Фа», торҳои 5-6 дар нотаи «До» ҷӯр мешаванд. Торҳои 1-2-уми танаи аввал дар нотаи «Ля», торҳои 3-4 дар нотаи «Ми», торҳои 5-6 дар нотаи «Си» ҷӯр мешаванд.

Сози дигари такмилии усто Масайн торруд буда, ин сози торию мизробӣ аз се тана иборат аст. Танаи аввал овози рубоби помириро дошта, танаи дуюм овози рубоби бадахшониро дорад, танаи сеюм шабеҳи овози танбӯр аст. Ин соз аз чӯби тут сохта шудааст, дарозии танаи аввалаш 24 см, дарозии танаи дуюм 29 см, дарозии танаи сеюм 24 см аст. Паҳноии косахонааш 30 см, дарозиаш 25 см, чуқурии косааш 15-16 см косааш бо пӯсти тарафи шиками гӯсола пӯшида шудааст. Рӯи хазина бо тахтаи суфта шуда пӯшонида шудааст. Ин соз аз 16 тор иборат буда, торҳои танаи аввал зеҳӣ буда торҳои танаи дуюм филиззӣ,

---

[1]Ишкошим. – Душанбе: Нодир, 2011. – С. 301.

*Баландмақом истилоҳи вахонӣ буда, маънояш баландсадо мебошад. Ин намуди созро аввалин маротиба Сӯфӣ Муборакқадами Вахонӣ дар охири асри 19 ихтироъ кардааст.

торҳои танаи сеюм аз рӯдаи гӯсфанд тайёр карда шудаанд. Ин соз аз се тана, косахона, хазина, сарпанҷа, торгирҳо, харакҳо иборат аст. Ҷӯри торҳои 1- 2-уми дастаи аввал дар нотаи «Си», торҳои 3-4 дар нотаи «Фа», тори 5-ум дар нотаи «До» ҷӯр мешаванд. Ин сози мусиқӣ солҳои 70-уми садаи XX ихтироъ карда шудааст.

Найруд низ сози торию мизробӣ ва клавишӣ буда, аз чӯби дарахти тут сохта шудааст. Ин соз аз 6-тор иборат аст. Дарозии танаи он 80 см, дарозӣ ва бари косахонааш 12 см, чуқурии косахонааш 8-9 см аст. Сарпанҷааш андаке ба қафо фурӯхамидааст. Торҳояш филиззианд. Усто Масайн бори нахуст дар сози миллӣ, сози клавиатуриро пайвасткорӣ намудааст, ки он иборат аз якуним октава буда аз нотаи «До»-и октаваи якум сар шуда, то нотаи «Ми»-и октаваи дуюм тамом мешавад. Ин навҷӯйи самараи дилхоҳ дод. Найруд аз косахона, хазина,тана, клавиятура, сарпанҷа, торгирҳо ва харак иборат аст. Торҳои 1-2-уми ин соз дар нотаи «ЛЯ», торҳои 3-4-уми дар нотаи «СИ» ҷур мешаванд. Ин сози мусиқӣ охири солҳои 70-уми қарни XX ихтироъ шудааст.

Сози дигари мусиқии таблакрубоб торию мизробӣ ва зарбӣ буда, соли 2000 аз тарафи усто Масайн ихтироъ шуда аст. Сози таблакрубоб аз се сози мусиқӣ иборат аст. Овози аввали ин соз, овози тор, овози дуюм ва сеюми он овози таблакро дорад. Таблакрубоб 6 тор дошта, аз косахона, хазина, тана, сарпанҷа, харакҳо, торгирҳо, ва таблакҳо иборат аст. Косахонаи он 20-см, умқаш 10-см дарозии танааш 85 см аст. Косахонаи таблакрубоб бо пӯсти гӯсола пӯшида шуда, косаи таблакҳо бо пӯсти буз пӯшида шудааст. Таблакрубоб ба тариқи зайл ҷӯр мешавад. Торҳои 1-2 дар нотаи «Ля», торҳои 3- 4-ум дар нотаи «Ми», торҳои 5-6-уми дар нотаи «Си» ҷӯр мешаванд.

Гултор сози ториву мизробӣ буда, соли 2010-уми қарни XXI аз тарафи устои созтарош Масайн Масайнов сохта шудааст. Дарозии умумии танаи гултор бо коса ва сарпанҷааш 70 см, бе сарпанҷа 65 см. Дарозии косаи гултор 20 см, бари косааш 20 см, чуқурии косааш 12 см, хазинаи гултор хеле хуб гулкорӣ карда шудааст. Сарпанҷаи гултор ба

қафо фурӯхамидааст. Гултор 6 тори асосӣ дошта, 4 тори резонаторӣ дорад, 4 тори резонаторӣ дар бари хазинаи гулкоришудаи гултор ҷойгир шудааст. Гултор 2 адад торгирҳо ва харак дорад.

Ҳоло, ки Масайнов Масайн давлати пирӣ меронад, солҳои охир ин созтароши моҳир ба такмили созҳои миллӣ мароқи беш зоҳир намуда, то имрӯз зиёда аз 50 намуд созҳои гуногуннамуди миллиро сохтааст, ки хосияти ҳайратафзоӣ доранд. Албатта имрӯз такмил ва ихтирои нави созҳои гуногуни гултор, торруд, баландзикон, баландмақом, хушмақом, ситор, симруд, панҷруд ва ғ. ҳамчун намунаҳои созҳои нави тоҷикон барои рушди созтарошии тоҷик такони ҷиддӣ мебахшад. Аммо, аз ҷониби дигар, баъзан созҳои сохтаи ӯ, ба монанди масруд, рубоби дудаста, рубоби седаста, найруд, таблак-рубоб (К-1.19), дилруд (К-1.20), тақак ва ғ. барои навохтан то ҷое номувофиқ мебошанд. Ба пиндори мо, имрӯз созшиносону санъатшиносонро зарур аст, ки барномаи махсуси созтароширо таҳия ва таълиф намоянд, то созтарошони ҷумҳурӣ аҳамияти такмилдиҳии созҳои мусиқиро хуб дарк кунанд ва ба сифати ҳунарашон таҳким бахшанд.

Дар фонди Осорхонаи миллӣ баландмақом ва рубоби мунаққаши бадахшонии созтароши деҳаи Ямги ноҳияи Ишкошим Бандишоев Мубораккадам низ маҳфуз мебошанд ва созҳои мазкур соли 2012 бо ташаббуси муовини директори Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод Иброҳимзода Зафаршо ҷамъоварӣ шудаанд. Бандишоев Мубораккадам дар тӯли ҳаёту фаъолияташ зиёда аз 100 сози мусиқӣ сохтааст ва ба ин хотир байни мардум бо номи Мубораккадами рубобсоз машҳур гардидааст. Аз ҷониби дигар, мавсуф навозандаи моҳир низ будааст.

Дар толори созҳои мусиқии Осорхонаи миллии Тоҷикистон 1 адад сози мусиқии тор, 5 адад думбра (намуна, К-1.2) ва 2 адад сози зарбии таблак ба намоиш гузошта шудаанд, ки аз ҷониби созтароши моҳири ноҳияи Ховалинг Усто Ғуломи Қодир бо санъати баланди касбӣ таҳия шудаанд ва созҳои мазкур моҳи марти соли 2013 барои ғанӣ гардидани

коллексияи созҳои мусиқии миллӣ ба Осорхонаи миллӣ ворид карда шудаанд. Усто Ғулом ҳунари созтароширо қаблан аз падараш Усто Қодир, амакаш Усто Карим ва тағояш Усто Абдураҳмон омӯхтаст. Соли 1988 дар зодгоҳи ҳунарманд Осорхонаи ҳунар ва созҳои миллии усто дари худро ба рӯи тамошобинон боз намуд. Усто Ғулом иштирокдори ифтихории озмунҳои фарҳангии «Ғунчаҳои санъат», «Дурдонаҳо аз эҷодиёти халқ», «Сайри гули лола», «Ганҷҳои Хатлон», «Андалеб» ва чандин чорабиниҳои фарҳангӣ-фароғатии сатҳи ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ ва ноҳиявӣ мебошад. Соли 1988 бо унвони «Устои шоистаи Тоҷикистон» тақдир шудааст[1].

Дар толори созҳои мусиқӣ 8 адад сози нафасии карнай (К-1.4), буқ (К-1.6), говдум (каҷкарнай – К-1.5) ва шайпур (К-1.7) низ муаррифӣ мешаванд, ки созҳои мазкур бо пешниҳоди директори Осорхона Шарифзода Абдувалӣ аз ҷониби мисгари истаравшанӣ Мансуров Илҳом солҳои 2012-2013 сохта шудаанд ва соли 2013 ба Осорхона ворид гардидаанд. Соли 2009 бори аввал чунин намуди созҳоро Мансуров И. бо машварати созшинос, доктори илмҳои таърих Ҳакимов Наим (1959-2016) барои Коллеҷи санъати ба номи Содирхон Ҳофизи шаҳри Хуҷанд сохтааст. Қобили зикр аст, ки таърихи пайдоиши баъзе намуди ин созҳо, ба мисли говдум (каҷкарнай) аз замони ҳахоманишиҳо (558-330 то мелод) сарчашма мегирад. Созҳои карнай, шайпур ва буқ бошад, дар замони Сосониён (224-659) хеле маъмул буданд. Доир ба таърихи созҳои мусиқии ин давра санъатшинос, профессор Аскаралӣ Раҷабов дар як таълифоташ маълумоти ҷолиб додааст[2]. Мансуров Илҳом ҳунари карнайсозиро аз падараш Сабуров Мансур ба мерос гирифтааст. Маҳсули ҳунарии Мансуров И. бурун аз Тоҷикистон низ, махсусан дар кишварҳои Ҳиндустон ва Япония, ҳамчун намунаи ҳунари амалии тоҷикон муаррифӣ шудааст.

[1]Хошимзода, Ш. Саргузашти Усто Ғуломи Қодир / Ш. Хошимзода. – Душанбе, 2014. – С.15.
[2]Раҷабов, А. Созҳои мусиқии замони Сосониён / А. Раҷабов // Искусство таджикского народа. – Душанбе: Дониш, 1979. – Вып.4. – С.188-201.

Дар Осорхонаи миллӣ мероси арзишманди яке аз устодони машҳури санъати «Шашмақом», яъне танбӯри Ҳунарманди мардумии Ҷумҳурии Тоҷикистон Боймуҳаммад Ниёзов (1927-2009) ҳифз карда мешавад, ки соли 2015 бо ташаббуси муаллифи ин сатрҳо ба Осорхонаи миллӣ ворид карда шудааст. Боймуҳаммад Ниёзов ҳамчун мақомсаро ва сарояндаи сурудҳои халқӣ дар инкишофи мусиқии касбии тоҷик хизмати шоиста карда, зиёда аз 200 суруду таронаҳои рӯҳафзоро ба матни шоирони классику муосир эҷод намудааст, ки маҳсули эҷодии он дар хазинаи тиллоии Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳфуз аст[1].

Ҳунармандони ноҳияи Нуробод низ дар офариниши ҳунарҳои халқӣ, ба хусус созҳои мусиқӣ маҳорати баланди касбӣ доранд. Созҳои мусиқии сокини ҳамин ноҳия Ваҳобов Отаҷон бо нафосату шакли ҷолибашон дар Осорхонаи миллӣ ҳифзу муаррифӣ мешаванд. 27-уми сентябри соли 2016 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни сафари кориашон ба н. Нуробод 8 адад созҳои мусиқии миллӣ, аз қабили: думбра, дутор (К-1.22), сетор (К-1.28), сеҷӯр (К-1.32), чорҷӯр, ҳаштҷӯр, соз ва ғижаки (К-1.39) Усто Ваҳобро аз намоиши дастовардҳои сокинони ноҳия харидорӣ намуда, ба Осорхонаи миллии Тоҷикистон хадя намуданд, ки ин созҳо тухфаҳои арзишманди Пешвои миллат маҳсуб меёбанд. Бояд зикр намуд, ки ғижаки чӯбини бадахшонӣ, соз ва сетори Усто Ваҳоб дар байни созҳои мусиқии Осорхона ягона ба шумор меравand.

Дарвоқеъ, дар даврони истиқлолияти давлатии Тоҷикистон дар баробари рушди дигар соҳаҳои ҳаёти кишвар, аз ҷумла ҳунармандӣ, дар фаъолияти созтарошони тоҷик ва махсусан фаъолияти эҷодии усто Ваҳобов Отаҷон низ дигаргуниҳои хос ба назар мерасанд.

Санаи 22-юми декабри соли 2017 аз ҷониби Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Рахмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии

[1]Ҳакимов, Н. Шашмақом дар қарни XX / Н. Ҳакимов. – Хуҷанд, 2005. – 317.

Тоҷикистон соли 2018 соли «Рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон гардид. Бо мақсади ҳарчӣ бештар эҳё ва муаррифӣ намудани ҳунарҳои мардумӣ, ба хусус созҳои мусиқӣ, дар тамоми гӯшаву канори ҷумҳурӣ ҳунармандон машғули эҷод ҳастанд. Бахшида ба ин сол ҳунарманди шаҳри Кӯлоб Ҳайдаров Саиднодир як доираи бузургро бо андозаи 1,5х1,5 сохтааст. Санаи 18-уми майи соли 2018 бахшида ба Рӯзи байналмилалии осорхонаҳо ва соли «Рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон чорабинии бошукӯҳи иқдомоти «Шабе дар осорхона» баргузор гардид, ки фарогири барномаҳои гуногун ва намоишҳои ҷолиб буд. Намоиши ҳунарҳои мардумӣ меҳвари асосии чорабинии мазкурро дарбар мегирифт. Дар намоиши ҳунарҳои мардумӣ созҳои мусиқии созтарошони гӯшаву канори ҷумҳурӣ низ муаррифӣ шуданд. Дар байни созҳои ба маърази тамошо гузошташуда доираи созтароши моҳири шаҳри Кӯлоб Ҳайдаров Саиднодир мақоми махсусро дошт ва таваҷҷуҳи тамошобинонро ба худ ҷалб намуд. Доира баъд аз намоиш аз ҷониби Осорхонаи миллӣ ба маблағи 5000 сомонӣ харидорӣ шуд ва айни ҳол дар толори созҳои мусиқии осорхонаи миллӣ ба намоиш гузошта шудааст. Инчунин, аз ҷониби Ҳайдаров С. ба осорхона як адад лабчанг ва як ғижаки тунукагини сохти бадахшонӣ туҳфа гардидааст, ки ин созҳои мусиқӣ низ дар фонди осорхона нигоҳдорӣ карда мешаванд.

Соли 2018 дар натиҷаи сафари ҳизматӣ ба минтақаи Кӯлоб аз тарафи муаллифи диссертатсия аз кулолгари шаҳри Кӯлоб Сатторов Ҷалол як таблак ба фонди осорхона ворид карда шуд.

Соли 2019 ба фонди Осорхонаи миллӣ як адад тор аз Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, корманди ансамбли “Шашмақом”-и Филармонияи давлатии Тоҷикистон ба номи Акашариф Ҷӯраев Тоҳирҷон Ҷӯраев, як адад доира аз ҳунармандони шаҳри Самарқанд дар доираи ин намоиши ҳунарҳои миллӣ ва як адад думбра аз созтароши корхонаи “Созтарош”- и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба осорхона ворид карда шуд.

Дар Осорхонаи миллӣ дар баробари ҷамъоварӣ, ҳифз ва экспозитсиякунонии созҳои мусиқии миллӣ инчунин дар чорабиниҳои гуногун бо ҷалби навозандагони моҳир созҳои мусиқӣ низ навохта мешаванд. Яке аз чунин намудҳои муаррифии созҳои мусиқӣ дар осорхона тавассути чорабинии ҳамасолаи «Шабе дар осорхона» сурат мегирад. Чорабинии мазкур ҳар сол бахшида ба Рӯзи байналмилалии осорхонаҳо (18-май) дар Осорхонаи миллӣ ботантана таҷлил мегардад ва дар доираи он бо ҷалби навозандагони касбӣ созҳои мусиқии миллӣ навохта мешаванд. Ба хусус, соли 2013 дар чорабинии «Шабе дар осорхона» барномаи «Навои созҳои миллӣ» таҳия гардид, ки дар барнома навозандагони ансамбли фолклории «Само»-и назди Осорхонаи созҳои мусиқии миллии Г.Завқибекови шахри Душанбе Шавқмуҳаммад Пулотов ва Ғуломшо Сафаров дар толори созҳои мусиқии Осорхонаи миллӣ навозиши якчанд созҳои мусиқӣ, махсусан рубобҳои бадахшониро ба тамошобинони наврас нишон доданд ва иштирокдорони ин барнома аз он як ҷаҳон лаззати маънавӣ ва фароғатӣ- фарҳангӣ гирифтанд.

Аз соли 2015 ҳамасола карнайнавозон ва доирадастони Консерваторияи миллии Тоҷикистон дар чорабинии «Шабе дар осорхона» ҷалб карда шуда, қабл аз ифтитоҳи чорабинӣ карнайнавозӣ мекунанд. Яъне ин ҳамон анъанаи қадимаи тоҷикон аст, ки дар даврони истиқлолият эҳё шудаву ташаккул меёбад. Аз ҷониби дигар, дар чорабинии «Шабе дар осорхона» санъаткорони муассисаҳои фарҳангӣ ба чорабинӣ ҷалб карда шуда, баҳри тамошобинон сурудҳои ватандӯстӣ месароянд. Солҳои 2015-2017 дар ин чорабинӣ бо дастгирии директори Филармонияи давлатии Тоҷикистон Ҳунарманди халқии Тоҷикистон Афзалшоҳ Шодӣ сарояндагони ансамбли «Тарона ва рақс»-и филармония Ҳунарманди халқии Тоҷикистон Хосияти Зарафшонӣ, Ҳунарманди шоистаи Тоҷикистон Баҳрулло Абдуллоев, Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Тоҳирҷон Ҷӯраев ва дигарон ба осорхона ҷалб карда шуда, дар назди даромадгоҳи осорхона сурудҳои ватандӯстӣ сароидаанд. Соли 2016 ба ин чорабинӣ хонандагони мактаби

махсуси мусиқии ба номи Миратулло Атоев ва донишҷӯёни Коллеҷи мусиқии ба номи Аҳмад Бобоқулов даъват карда шуданд, ки аз ҷониби наврасону ҷавонон навозиши созҳои мусиқӣ ба роҳ монда шуда, сурудҳои ҷолиб хонда шуд.

Ҳамасола дар ин чорабинӣ ҳунармандони Иттифоқи ҳунармандони Тоҷикистон ҷалб карда шуда, намунаи ҳунарҳои мардумии хешро манзури тамошобинон мегардонанд. Созҳои мусиқӣ як ҷузъи ин намоишро ташкил медиҳанд. Махсусан дар ин намоиш созтарошон аз корхонаи «Созтарош»-и назди Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Дона Зиёев, созтароши ш. Душанбе Азим Убайдуллозода ҳамасола созҳои сохтаи худро, аз қабили дутор, рубоби қошқарӣ, тор, соз, сетор, барбат, най, доира, таблак ва ғ. ба намоиш мегузоранд. Ин амал низ яке аз омилҳои оммавигардонии созҳои мусиқӣ дар осорхона маҳсуб меёбад.

Соли 2016 бо иқдоми директори Осорхона Шарифзода Абдувалӣ 2 намоиш: «Табиат ва фарҳанги Яғноб дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон» ва «Анъана ва рӯзгори яғнобиён дар Осорхонаи миллӣ» манзури тамошобинон гардонида шуд, ки аз ҷониби муаллифи диссертатсияи мазкур дар ифтитоҳи ин намоишҳо бо истифода аз навозиши сози мусиқии тор ба забони яғнобӣ (суғдӣ) сурудҳо сароида шуданд. Яъне дар ин маврид низ нақши Осорхонаи миллӣ дар муаррифии фарҳанги мусиқии тоҷик муассир аст.

Зимни ин аз соли 2014 то имрӯз бо мақсади васеътар муаррифӣ намудани созҳои мусиқӣ аз тарафи муаллифи ин таҳқиқот беш аз 40 маротиба ба воситаи барномаҳои телевизионӣ, алалхусус барномаи "Гулбонг"-и ТВ Тоҷикистон доир ба созҳои мусиқии Осорхонаи миллӣ ва ҳунари созтарошии мардуми тоҷик суханрониҳои илмӣ манзури тамошобинон гардонида шудааст.

Қобили ёдоварист, ки солҳои пеш тақрибан наздики 50% созҳои мусиқии фонди Осорхонаи миллӣ таъмирталаб буданд. Махсусан, ба ин гурӯҳ созҳои мусиқие, ки аз нахустин рӯзҳои фаъолияти Осорхона то

солҳои 80-уми қарни гузашта ворид гардиданд, шомил мебошанд. Дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ ягон маротиба ин созҳо тармим нашуда буданд. Танҳо соли 2016 бо ташаббуси директори Осорхона Шарифзода Абдувалӣ донандаи мусиқии касбӣ Зокиров Назир ба осорхона ба кор ҷалб карда шуда, то имрӯз номбурда созҳои мусиқии осорхонаро тармим карда истодааст. Баъд аз тармим якчанд созҳои мусиқии дорои аҳамияти таърихӣ ба намоишгоҳи осорхона гузошта шуданд.

Дар маҷмӯъ аз омӯзиши коллексияи созҳои мусиқии Осорхона маълум гардид, ки воқеан ҳам фаъолияти Осорхонаи миллии Тоҷикистон чун дигар арзишҳои миллӣ дар кори гирдоварӣ ва ҳифзу муаррифии осори мусиқии мардуми тоҷик нақши калидӣ дорад. Вале минбаъд созҳои мусиқии кӯшнай, барбат, сато ва қонунро, ки ҳамчун созҳои қадима то замони мо такмил ёфта, омада расидаанд, ҷамъоварӣ намуда, дар радифи дигар созҳои мусиқии миллӣ муаррифӣ намудан зурур мебошад.

Зимни ин дар толори созҳои мусиқии Осорхона бояд навои созҳои миллии тоҷикон ва ҳунари созтарошони тоҷик тавассути наворҳои видеоӣ манзури тамошобинон гардонида шаванд.

Барои омӯзиши таърихи созҳои мусиқии тоҷик таҳқиқи осори мусиқии бостоншиносии Осорхонаи миллии бостонии Тоҷикистон хело муҳим аст. Аввалин нигораҳои Осорхона соли 1934 дар асоси бозёфтҳои бостоншиносии Базаи Тоҷикистонии Академияи Илмҳои ИҶШС ҷамъ оварда шуда, ба номоиш гузошта шуда буданд. Он ҳамагӣ 530 номгӯйро дарбар мегирифт. Имрӯз дар бойгонии Осорхона зиёда аз 100 ҳазор бозёфтҳои бостоншиносӣ мавҷуд аст, ки аз аҳди санг то охири асрҳои миёнаро фаро мегирад. Осорхонаи мазкур дар назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Дониши АИ ҶТ 4 апрели соли 1996 бо кӯшиши академик Раҳим Масов ташкил ёфта, соли 2001 дари худро ба рӯи тамошобинон боз намудааст.

Дар Осорхонаи мазкур асосан осори бостонӣ нигоҳдорӣ ва муаррифӣ карда мешавад ва дар қатори дигар ашё ва коллексияи

таърихӣ инчунин дар он созҳои мусиқӣ низ нигоҳдорӣ ва муаррифӣ карда мешаванд.

Дар ошёнаи дуюми Осорхона дар толори мансуб ба бозёфтҳои Бозор-Дара қисмҳои рубоб, аз қабили харак (торгир) ба намоиш гузошта шудаанд, ки мутаалиқ ба асрҳои IX-X буда, аз ёдгории таърихии Бозор-Дара соли 1973 бозёфт шудаанд.[1] Тибқи таҳлилҳои муҳаққиқ М.А.Бубнова рубоб дорои чор тор мебошад ва яке аз сокинони ин маҳал ба суруду мусиқӣ рағбат доштааст.[2] Дар Осорхонаи мазкур инчунин як қисми болоии дастаи рубоб нигоҳдорӣ карда мешавад, ки аз Чилҳуҷра бозёфт шуда, ба асрҳои IV-VI мелодӣ мансуб аст.[3]

Ҳамчунин соли 1979 дар натиҷаи ҳафриёти бостоншиносӣ аз Тахти Сангин найҳои устухонии мансуб ба давраи Юнону Бохтарӣ бозёфт гардидаанд, ки дар ошёнаи якуми осорхона дар толори Тахти Сангин ба намоиш гузошта шудаанд. [4]

Дар омӯзиши таърихи созҳои мусиқии мардуми тоҷик таҳқиқи коллексияи созҳои мусиқии Осорхонаи мардумшиносии (этнографияи) Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгоҳи махсус дорад. Осорхонаи мазкур бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти 112 аз 4-уми апрели соли 1979 таъсис ёфтааст. Осорхона фаъолияти худро аз сентябри соли 1981 дар сохтори шуъбаи мардумшиносии институти болозикр оғоз намудааст. Дар осорхонаи мазкур имрӯз беш аз 11 000 маводи мардумшиносӣ нигоҳдорӣ карда мешавад. Дар байни коллексияи гуногуни мардумшиносӣ 76 адад сози мусиқӣ низ нигоҳдорӣ ва муаррифӣ карда мешаванд. Маводи этнографии осорхона, аз ҷумла созҳои мусиқӣ асосан зимни экспедитсияҳои мардумшиносӣ ба

[1]Бубнова, М. А. Результаты раскопок поселения Базар-Дара в 1973 г. / М. А. Бубнова // Археологические работы в Таджикистане - Душанбе: Дониш, 1977. – Вып.XIII (1973 год). – С.207.
[2]Ҳамон ҷо.
[3]Древности Таджикистана: каталог выставки. – Душанбе: Дониш, 1985. – С.262.
[4]Литвинский, Б. А., Пичикян, И. Р. Эллинистический Храм-Окса / Б. А. Литвинский, И. Р. Пичикян. – М.: Восточная литература РАН, 2000. – Т.1. – С.89.

минтақаҳои Тоҷикистон аз ибтидои солҳои 40-уми асри XX сар карда то имрӯз ҷамъоварӣ шудаанд.

Дар кори ҷамъоварии маводи фаровони фонди осорхона А. К. Писарчик (1907-1995), Н.Н. Ершов, А. Давидович, И. Муҳиддинов, О. Муродов. З. Широкова, Н.Ҳ. Нурҷонов ва дигарон хизмати беназир кардаанд.

Соли 1943 аз тарафи филиали Тоҷикистонии Институти таърих, забон ва адабиёти Академияи илмҳои Иттиҳоди Шӯравӣ бо роҳбарии М.С. Андреев экспедитсияи васеи мардумшиносӣ нисбат ба омӯзиши рӯзгор ва анъанаҳои сокинони ноҳияи Панҷ ташкил карда шуд. Дар ин экспедитсия А.К. Писарчик, Е.А. Мончадская, Т.В. Саглина низ иштирок намуданд[1]. Дар натиҷаи ин экспедитсия маводи зиёди мардумшиносӣ гирдоварӣ шуд, ки ҳоло як қисми ин мавод дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон ва 174 адади он дар Осорхонаи мардумшиносии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз ва муаррифӣ карда мешаванд.

Аз пажӯҳишҳо маълум мегардад, ки дар байни коллексияи мардумшиносии аз ҷониби М.С. Андреев ҷамъоваришуда созҳои мусиқӣ низ мавҷуд буданд ва онҳо аз ду адад тутак ва як лабчанг иборат мебошанд. Як адад тутак аз деҳаи Роҷис, як адад тутак аз деҳаи Шардшод ва як адад лабчанг аз деҳаи Парҷуди Ванҷи Боло дар натиҷаи экспедитсияи мазкур ҷамъ оварда шудааст.

Соли 1947 бо ташаббуси М.С. Андреев дар сохтори Институти таърих, забон ва адабиёти филиали Тоҷикистонии Академияи илмҳои Иттиҳоди Шӯравӣ бахши мардумшиносӣ таъсис дода шуд. Ҳамчунин соли 1948 бо ташаббуси М.С. Андреев Осорхонаи хурди мардумшиносӣ

[1]Бобомуллоев, С., Васитов, Н. Осорхонаи миллии бостонӣ ва Осорхонаи мардумшиносӣ / С. Бобомуллоев, Н. Васитов // Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. 60 сол. – Душанбе, 2014. – С. 105.

дар асоси коллексияи мардумшиносии қаблан ҷамъоваринамудаи худи М.С. Андреев таъсис гардид.[1]

Ташкил гардидани бахши мардумшиносӣ барои омӯзиши анъана ва рӯзгори мардуми тоҷик имкониятҳои васеъро фароҳам овард ва аз соли 1948 сар карда ходимони илмии бахши мардумшиносӣ ба омӯзиш ва ҷамъоварии мавод доир ба рӯзгор, расму оин ва анъанаҳои маҳаллии минтақаҳои Тоҷикистон сафарҳои хизматиро оғоз бахшиданд.

Солҳои 1948-1949 бо роҳбарии А.К. Писарчик ва бо иштироки Б. Кармишева, Н.Х. Нурҷонов, М.Р. Раҳимов, Р.Л. Неменова, Р.А. Амонов, Л.И. Минакова дар минтақаи Кӯлоб экспедитсияи мардумшиносӣ гузаронида мешавад.[2] Дар раванди ин экспедитсия аз ҷониби А.К.Писарчик аз ноҳияи Ховалинг як адад думбра ҷамъоварӣ карда мешавад, ки мутаассифона аз кӣ ҷамъварӣ шудани ин соз номаълум аст.[3]

Баъд аз таъсиси Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1951 барои тараққиёту рушди минбаъдаи ҳама самтҳои ҳаёти ҷумҳурӣ, махсусан соҳаи мардумшиносӣ заминаҳои мусоид фароҳам оварда шуд. Маҳз таъсиси Академияи илмҳо имконият дод, ки Институти таърих дар ҳамкорӣ бо Донишгоҳи давлатии Осиёимиёнагӣ аз соли 1951 то соли 1957 дар муддати 6 сол дар ҳудуди ҷануби Тоҷикистон экспедитсияи васеи мардумшиносиро роҳандозӣ намояд.

Соли 1953 аз ҷониби А.К. Писарчик аз фонди М.С. Андреев ба Осорхонаи мардумшиносӣ 126 адад маводи мардумшиносӣ, ба хусус 4 ададсози мусиқии сетор, думбра, қобиз ва лабчанг (К-2.19) супорида шудааст.[4] Дар китоби воридотии осорхона номи ду адад сози мусиқӣ хато навишта шудааст. Яъне думбра – дутор ва қобиз-рубоб сабт шудаанд, ки ин ғалат ҳатман бояд ислоҳ карда шаванд. Аз ҷониби дигар дар китоби воридотии осорхона ҳамгоми қабули маводи мазкур дар

[1]Додхудоева Л. Отдел этнографии: становление и развитие. Институт истории, археологии и этнографии им. А.Дониша. 60 лет. – Душанбе. 2014. – С. 230.
[2] Додхудоева Л. Отдел этнографии: становление и развитие. Институт истории, археологии и этнографии им. А.Дониша. 60 лет. – Душанбе. 2014. – С.233.
[3] Бойгонии ҷории Осорхонаи мардумшиносӣ. Китоби воридотӣ №1 лист 21.
[4] Ҳамон ҷо. - лист 3.

бораи аз кучо чамъоварӣ намудани чунин мавод аз чониби М.С. Андреев ягон маълумот қайд карда нашудааст. Ҳол он ки сабти ҳама гуна маълумоти дақиқ доир ба маводи гирдоваришуда яке аз омили муҳими кори дурусти осорхонаҳо нисбат ба қайди расмии осори таърихӣ дар осорхона ба шумор меравад.

Соли 1954 бо роҳбарии Ершов Николай Николаевич ва бо иштироки номзади илмҳои таърих М.Р. Раҳимов, ходими илмии институти таърих З.А. Широкова, лаборант И. Муҳиддинов ва рассом М.Р. Габе ба минтақаи Дарвоз экспедитсияи мардумшиносӣ таъсис дода шуда буд.[1] Дар раванди экспедитсия 264 адад маводи мардумшиносӣ, аз чумла 1 думбра ва 1 дутор чамъоварӣ карда шудааст.[2] Созҳои мусиқӣ аз деҳаи Пшихарв гирд оварда шудаанд. Аммо, мутаассифона дар китоби воридотии осорхона вобаста бо номи шахсоне, ки созҳои мусиқӣ аз онҳо чамъоварӣ шудааст, маълумоте вучуд надорад. Соли 1956 аз чониби З.А.Широкова феҳристи пурраи маводи экспедитсияи мазкур дар шакли китоб нашр карда мешавад, аммо дар ин феҳрист низ созҳои мусиқӣ бе нишондоди соҳибони аслӣ чой дода шудаанд. Имрӯз барои таҳқиқи ҳамачонибаи таърихи фарҳанги мусиқии точик, махсусан созҳои мусиқӣ, сабти навиштани номи ашхосе, ки созҳои мусиқиро менавохтанд ё месохтанд, аз нигоҳи илмӣ ниҳоят аҳамияти бузургро молик мебошад.

Соли 1956 боз бо роҳбарии Н.Н. Ершов дар минтақаи Дарвоз экпедитсияи мардумшиносӣ ташкил карда мешавад. Дар натичаи экспедитсия маводи зиёди мардумшиносӣ, аз чумла 2 адад рубоби помирӣ ва 1 шаштор чамъоварӣ шудааст. Муҳимияти ин мавод дар он зоҳир мегардад, ки чамъоварандагон номи устоҳоеро, ки созҳои мусиқиро сохтаанд, низ зикр кардаанд. Чуноне ки дар санадҳои фондӣ қайд карда шудааст, 1 рубоби помирӣ (К-2.6) аз чониби усто Калим Саидов ва рубоби дигар аз чониби усто Наботов Амирсултон сохта

[1]Известия Отделение общественных наук, вып. 10-11 (материалы сектора этнографии Института истории, археологии и этнографии АН Таджикской ССР). – Сталинабад, 1965. – 223 с.

[2] Широкова, З. А. Этнографические коллекции Института истории, археологии и этнографии АН Таджикской ССР. (Дарвазская этнографическая коллекция сбора 1954 г.) / З. А. Широкова. – Сталинабад, 1956. - Вып.1. – С.1.

шудаанд.[1] Аммо соҳиб ва макони ҷамъовариии шаштор дақиқ маълум нест.

Дар идомаи ин экспедитсия бо роҳбарии А.К. Писарчик соли 1956 аз деҳаи Қумизи ноҳияи Ҷиргатол (ҳоло ноҳияи Лахш) 1 сетори такмилии секунҷашакл ҷамъоварӣ шудааст. Пас аз як сол дар натиҷаи ҳамин экспедитсия аз деҳаи Каспони Ғарм аз Усто Тавар Саидов як думбраи ороишӣ ва аз деҳаи Сарипулак аз ҷониби Сафарова Ҷафармо як ғижаки хурди ҷолиб ба Осорхона ворид карда шудаанд.[2] Ҷолибияти ин ғижак дар он аст, ки хазинаи соз (косахона) аз доираи хурди андозааш 20х20см сохта шуда, дастаи соз ба маркази доира мегузарад. Дар як тарафи доираи ғижак пӯсти тунук кашида шудааст (К-2.15). Дарвоқеъ, ин соз ба тарзи бениҳоят содда таҳия шуда, яке аз созҳои такмилӣ ба ҳисоб меравад. Ҳангоми ҷамъоварии ғижак камбудӣ дар он зоҳир мегардад, ки навозанда ё сароянда будан ё набудани Сафарова Ҷ. дар мавод қайд нагардидааст. Маҷмӯи умумии маводи ҷамъоваришудаи натиҷаи экспедитсия дар давоми 2 сол хеле зиёд буда, он 595 ададро ташкил мекунад.

Соли 1958 бо ташаббуси Н.Н. Ершов дар минтақаи Қаратоғ экспедитсияи мардумшиносӣ гузаронида мешавад. Зимни омӯзиш аз ин минтақа 105 адад маводи мардумшиносӣ ҷамъоварӣ карда шудааст ва сентябри ҳамон сол ба Осорхонаи мардумашиносӣ ворид гардидааст. Дар қатори маводи воридшуда 3 сози мусиқӣ, аз қабили як таблак ва як сурнайи сафолин (К-2.3) аз сафолгар усто Ҳалим Муқимов ва 1 сози нафасии сафолини буғи осиё (К-2.4) аз кулолгар усто Бобо Саид Расулов низ ҷамъоварӣ шудаанд. Сурнай дар байни мардуми водии Ҳисор, махсусан Қаратоғ «меҳтар» номида мешавад. Соли 1984 аз ҷониби Н.Н. Ершов феҳристи маводи ҷамъоваришуда нашр карда шуд.[3] Чуноне ки Н.Н. Ершов дар ин китоб аз ҷараёни экспедитсия қайд кардааст: «Буғи

[1] Бойгонии ҷории Осорхонаи мардумшиносӣ. Китоби воридотӣ №2. – Л.2.
[2] Ҳамон ҷо. – КВ.№2 (1956-1958). – Л.124.
[3] Ершов, Н. Н. Каратаг и его ремесла (историко-этнографический очерк) / Н. Н. Ершов. – Душанбе: Дониш, 1984. – 120 с.

осиё дар Қаратоғ воситаи хабардиҳиро адо мекунад. Яъне тибқи анъанаи мардуми ин ҷо ҳангоми холӣ шудани осиёб бо ин сози мусиқӣ хабар медоданд, ки осиёб холӣ аст ва шахси навбатӣ метавонад гандумашро оварда орд кунад».[1]

Созҳои мусиқии осорхона на танҳо аз дохили Тоҷикистон балки берун аз ҳудуди он, ба хусус аз сарзамини аҷдодии тоҷикон шаҳри Бухоро низ ҷамъоварӣ шудаанд. Соли 1959 аз устои ш. Бухоро Маҳмудов Г. як танбӯри орошӣ ба осорхона ворид карда шудааст, ки аҳамияти баланди таърихӣ дорад (К-2.13).

Соли 1959 бо роҳбарии М.Ҳ. Ҳамидҷонова дар водии Зарафшон экспедитсияи мардумшиносӣ ташкил карда мешавад, ки дар натиҷаи ин экспедитсия 232 адад маводи мардумшиносӣ, аз ҷумла 1 адад сози мусиқии дутор низ аз деҳаи Рошнии Поёни н. Айнӣ ҷамъоварӣ шудааст. Дутор дар асноди фондӣ ҳамчун танбӯр сабти ном гирифтааст, ки ин ғалат аст. Ин соз аз чӯби арча сохта шуда, торҳои он аз сими фулуз кашида шудаанд. Шояд навозандаи ин соз онро ба он хотир танбӯр номгузорӣ карда бошад, ки сози мазкур бо мизроб ё нохун навохта мешуд. Аммо, ба ҳар ҳол, соз шакли дуторро дорад.

Дар таҳқиқи анъанаи сознавозӣ ва созтарошии мардуми тоҷик, махусан минтақаи Помир коллексияи созҳои мусиқии ҷамъоваринамудаи санъатшиноси машҳури тоҷик Н.Ҳ. Нурҷонов, ки дар Осорхонаи мардумшиносӣ мавҷуд аст, аҳамияти хосса дорад.

Соли 1959 таҳти роҳбарии Н.Ҳ. Нурҷонов ба минтақаи Помир экспедитсияи санъатшиносӣ гузаронида мешавад. Дар рафти экспедитсия 27 адад маводи мардумшиносӣ, махсусан 7 адад сози мусиқии тутак (найи чӯпонӣ), рубоби помирӣ, шаштор, ғижаки тунукагӣ, танбӯри бадахшонӣ, 2 адад даф ҷамъоварӣ карда шудаанд. Санъатшинос Қабилова Б.Т. дар яке аз мақолаҳои худ дар натиҷаи таҳлили маводи бойгонии мусиқии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ ба номи Аҳмади Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон доир

[1] Ҳамон ҷо. – С.99.

ба ин экспедитсия чунин маълумот додааст: «Ин нахустин экспедитсияи санъатшиносӣ ба минтақаи Бадахшон буда, мақсади ин экспедитсия ҷамъоварии мавод доир ба мероси мусиқии фолклории мардуми кӯҳистони кишвар мебошад».[1] Рафти экспедитсия дар шакли рӯзнома бо дастхати худи Н. Нурҷонов қайд карда шудааст, ки ин рӯзнома дар Осорхонаи мардумшиносӣ маҳфуз буда, барои омӯзиши созҳои мусиқии ҷамъоваринамудаи ӯ аз минтақаи Помир ба муаллифи диссертатсия ҳамчун манбаи муҳим кӯмаки калоне расонид. Муҳимияти ин рӯзнома, пеш аз ҳама, дар он мебошад, ки дар он хусусиятҳои хоси ҳар як сози мусиқӣ шарҳ дода шудааст. Сози нафасии тутак дар рӯзномаи мазкур сурнай номгузорӣ шудааст ва тутакро дар Бадахшон, махсусан ноҳияи Рӯшон, сурнай ном мебаранд. Чуноне муҳаққиқ Н. Нурҷонов дар рӯзнома қайд кардааст, тутак одатан дар ин минтақа фаслҳои баҳор ва тобистон навохта мешавад ва гӯё дар ин мавсим овози соз форам мегардидааст ва навозанда ба кӯҳҳо рафта ин созро менавохтааст. Дар поёнтари тавсифномаи соз Н. Нурҷонов зикр кардааст, ки бо ин соз омӯзгор Саидқадамов Мамадназар оҳангҳои фалак, рубоӣ, даргилик, лалаик ва ғ-ро. менавозад. Аммо дақиқ зикр накардааст, ки сози мазкур аз они ӯст. Инчунин, тибқи навиштаҳои рӯзномаи мазкур, рубоби помирӣ низ аз ҷониби устои ҳунарманди деҳаи Баррӯшон соли 1948 сохта шудааст, вале дар сабт номи усто зикр нагардидааст. Рубоб аз чӯби зардолу сохта шуда, болои хазинаи он пӯсти асп кашида шудааст.

Сози мусиқии сетор аз ҷониби созтароши деҳаи Вамари ноҳияи Рӯшон усто Мунаввар Мамадаков аз чӯби тут сохта шудааст. Одатан дар минтақаи Бадахшон сози мусиқиии сетор, чортор, панҷтор, шаштор, ҳафттор ва ғ. сетор ном бурда мешаванд, ки ин аслан ғалат аст. Сози мусиқие, ки аз ҷониби Н. Нурҷонов ҷамъоварӣ шудааст, шаштор аст, аммо сетор номгузорӣ шудааст. Вале ин соз ҳамчун шаштор бояд сабти ном гирад, зеро он шаш тор дорад.

---

[1] Кабилова, Б. Т. Музыкальный архив Института истории, археологии и этнографии им. А. Дошиш / Б. Т. Кабилова // Мероси ниёгон. – 2015. - №17. – С.32.

Този дигаре, ки тавсиф шудааст, ин танбӯри бадахшонӣ буда, он соли 1939 аз ҷониби устои деҳаи Шидзи н. Рӯшон Шомирзо сохта шудааст. Танбӯр аз чӯби тут сохта шуда, болои хазинаи он пӯсти гов кашида шудааст. Чуноне ки Н. Нурҷонов қайд кардааст, танбӯрро танҳо дар шаби ҷумъа менавозанд ва мадҳияхонӣ мекунанд. Чунки ин шаби бузург аст. Ҳатто танбӯрро дар рӯзи фавти одамон менавозанд.

Дар байни коллексияи ҷамъоваринамудаи Н. Нурҷонов ду адад даф низ тавзеҳ шудааст. Созҳои мазкур маҳсули ҳунари сокини деҳаи Матравни (Язғулом) н. Ванҷ Азизшоева Бибиозар буда, соли 1958 тайёр карда шудаанд. Созҳои мусиқӣ дар рӯзнома «дуф» навишта шуданд ва шояд даф дар лаҳҷаи сокинони маҳаллӣ «дуф» номгузорӣ шудааст. Яке аз ин дафҳо «пирвизек» ном дошта, сохташ калон аст ва ҳангоми бо се даф ҳамроҳ навохта шуданаш навозандаи ин соз дар қатори аз ҳама пеши навозандагон меистад. Този дигар «гирдонак» ном дошта, нисбатан хурд аст ва ҳангоми бо ҳамроҳии се - чор даф навохта шуданаш навозандаи он аз ҳама ақиб меистад.[1]

Солҳои 60-уми асри XX низ бо роҳҳои гуногун ба Осорхонаи мардумшиносӣ созҳои мусиқӣ зиёд ворид гардидаанд. 21 июли соли 1960 аз созтарош Собиров Абдураҳим Ҷалилович 1 дутор (К-2.10),1 думбра (К-2.12), ва 1 доира ҷамъоварӣ шудааст. Аммо маълум нест, ки ин созтарош сокини кадом минтақаи Тоҷикистон аст.

Соли 1961 бо роҳбариии Давидов А. дар ноҳияи Айнӣ экспедитсияи мардумшиносӣ гузаронида мешавад ва дар натиҷаи ин экспедитсия 69 адад маводи мардумшиносӣ, аз ҷумла як сози нафасии буқ (К-2.5) ҷамъоварӣ карда мешавад, ки ин сози мусиқӣ аз тарафи сокини деҳаи Урметан Хоҷаев Раҳмат супорида шудааст. Чуноне дар боло зикр гардид, буқ асосан дар ин давра дар осиёб воситаи хабардиҳиро иҷро менамуд.

[1] Нурджанов, Н. Х. Экспедится на Памир / Н. Х. Нурджанов // Текущий архив этнографического музея. Полевая книга а (р. Рушан и Вандж). 1959 г.

Соли 1962 аз тарафи Ғуломов Сулаймон ба осорхона як табли хело нодир супорида шудааст (К-2.20). Бо зикри Ғуломов С. ин соз дар зиндони амири Бухоро воситаи хабардиҳиро иҷро мекард. Яъне ҳар зиндоние, ки агар ҳоҷате пайдо кунад, бо ин соз ба посбонони зиндони амир хабар медодааст.[1]

Соли 1964 ҳангоми экспедитсия дар деҳаи Сари Ҷӯи ноҳияи Норак аз усто Ёқубов Маҳмадмуроди 59 - сола як тутак ҷамъоварӣ шудааст. Инчунин худи ҳамин сол аз сокини Деҳнав Халилов Бадал як таблак ва як буқ ҷамъоварӣ шудааст, ки шояд ин созҳо низ воситаи хабардиҳиро иҷро мекарданд.

Соли 1968 дар минтақаи Кӯлоб экспедитсияи мардумшиносӣ гузаронида мешавад, ки аз ноҳияи Московский (имрӯза Ҳамадонӣ) 1 тутак ва аз Фархор аз Давлатов С. як думбра ҷамъоварӣ шудааст.

Яке аз экспедитсияҳои муҳими дигаре, ки дар ҷамъоварии созҳои мусиқӣ нақши бориз дорад, ин экспедитсияи соли 1972 ба минтақаи Кӯлоб мебошад. Дар рафти ин экспедитсия аз сокини Кӯлоб Хонов Гадо як тутак, аз Мирзоев Абдуғаффор як думбра, аз усто Холов Достӣ як думбраи такмилӣ дар шакли дил аз каду (К-2.11) ва як ғижаки тунукагӣ (К-2.11) аз санъаткор Боев Ҷавонихуб як шаштор, ки ин шаштор дар Ванҷ сохта шудааст, аз кулолгар Достаков Саттор 2 таблаки сафолӣ ҷамъоварӣ шудааст.[2] Мутаассифона дар китоби воридотии осорхона доир ба касбу ҳунари баъзе шахсиятҳо, ба монанди Давлатов С., Хонов Гадо, Мирзоев Абдуғаффор, ки созҳои мусиқӣ аз онҳо ҷамъоварӣ шудаанд, маълумот мавҷуд нест.

Ҳамчунин солҳои 70-уми асри гузашта ба осорхона бо роҳи харид ва тавассути экспедитсияҳои мардумшиносӣ низ созҳои мусиқии ҷолиб ворид гардидаанд. Соли 1973 аз мисгари ш. Истаравшан усто Мансур Собиров як карнайи ороишӣ, аз созтароши ш. Хоруғ Сафоев Муродалӣ 1 рубоби баландмақом (К-2.7), соли 1974 аз Усто Давлатмиров

[1] Бойгонии ҷории Осорхонаи мардумшиносӣ. Китоби санадҳо №5 (с. 1951-1962). – Л.60.
[2] Ҳамон ҷо.. - №8. – Л.162.

Давлатбек як рубоби тоҷикӣ (К-2.8), аз сокини деҳаи Хостоу (Қалъаи Хумб) Юнус Зокиров як рубоби такмилӣ, соли 1979 аз Достаков Саттор як таблак (К-2.21) ҷамъоварӣ шуда,[1] соли 1980 аз ҷониби Мензурнова Тамара Ивановна аз бозори Кӯлоб як тутак харидорӣ шудааст.[2]

Соли 1981 бо роҳбарии муҳаққиқи мардумшинос Ҳомидҷонова М. А. дар ноҳияҳои Шуғнон, Рӯшон ва Ишкошим экспедитсияи мардумшиосӣ гузаронида шудааст. Дар натиҷаи экспедитсия аз деҳаи Хуфи Рӯшон як тутак, як ғижаки тунукагӣ, аз созтароши деҳаи Андароби ноҳияи Ишкошим Масайнов Масайн як сози мусиқии такмилёфтаи масрудии дудаста, аз созтароши деҳаи Сохчарфи ноҳияи Шуғнон Амонбеков Нафасбек як рубоби помирӣ, як рубоби такмилёфтаи бадахшонӣ ва як дутори такмилёфта низ ҷамъоварӣ шудааст.[3]

Соли 1983 ба осорхона як сози хело муҳим бо номи барбат (К-2.17) ворид мегардад. Ин соз аз ҷониби Абдукаримов Муродулло ба Амриддин Каримов тӯҳфа шудааст ва дар Озарбойҷон сохта шудааст. Сози мазкур бо машварати санъатшинос, доктор илмҳои таърих, Аскаралӣ Раҷабов ҳамчун сози қадимаи мардуми тоҷик, ки дар аҳди Сосониён (224-659) хело маъмул буд, харидорӣ шудааст.[4]

Инчунин соли 1984 аз устоҳои номии ш. Тошкент Мирзо Шариф як қӯшнай ва соли 1895 аз усто Усмон як ғижак барои Осорхонаи мардумшиносӣ харидорӣ шудааст.

Соли 1987 дар натиҷаи экспедитсия бо роҳбарии Абдураҳмонов Раҳматулло дар минтақаи Кӯлоб аз Дашти Ҷум як дав ва аз деҳаи Арабободи ноҳияи имрӯза Ҳамадонӣ аз Баротов Бадомат як даф ва соли 1987 бо роҳбарии ҳамин шахс аз деҳаи Ёли Кӯлоб як думбра ҷамъоварӣ шудааст.[5]

---

[1] Ҳамон ҷо. - №10. – Л.111-201.
[2] Ҳамон ҷо. - №11. – Л.93.
[3] Ҳамон ҷо. - №13. – Л.2.
[4] Ҳамон ҷо.
[5] Ҳамон ҷо. - №15. – Л.3.

Ҳамчунин соли 1989 аз созтароши чирадасти шаҳри Душанбе Хоҷаев Ширин сози 1989 созҳои мусиқии ғижак, рубоби қошқарӣ ва чанг харидорӣ шудаанд, ки то имрӯз нигоҳдорию муаррифӣ карда мешаванд.

Дар даврони истиқлолият низ ба Осорхона созҳои мусиқӣ ҷамъоварӣ шудаанд, аммо ба миқдори хеле кам. Танҳо соли 2010 аз корхонаи «Созтарош»-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ду думбра (маҳсули дасти усто Мирзо), ду доира (намуна, К-2.22), як даф, як най, як думбра (маҳсулоти дасти Зиёев Муҳаммадсаид) бо маблағи умумии 782 сомонӣ харидорӣ карда шудаанд[1] ва то ҳол, гарчанде ки дар даврони соҳибистиқлолӣ низ эспедитсияҳои мардумшиносӣ зиёд буданд, ба ин осорхона сози мусиқӣ дигар ворид нашудааст.

Дар мавриди муаррифӣ ҳанӯз дар рӯзҳои нахустини фаъолияти осорхона созҳои мусиқӣ дар гӯшаи алоҳида ба таври мукаммал ба намоиш гузошта шудаанд, ки таҳлили мақолаҳо доир ба намоишгоҳи осорхона ба ин гуфтаҳо далел шуда метавонад.[2] Имрӯз низ дар Осорхонаи мардумшиносӣ созҳои мусиқӣ дар гӯшаи алоҳида муаррифӣ карда мешаванд. Дар экспозитсияи осорхона 11 адад сози мусиқӣ, ба мисли даф, доира, ғижак, рубоби қошқарӣ, рубоби такмилии помирӣ, барбат, масруд, дутори такмилӣ, рубоби афғонӣ (бадахшонӣ), шаштор ва чанг муаррифӣ карда мешаванд.

Дар маҷмӯъ аз пажӯҳиши созҳои мусиқии Осорхонаи мардумшиносӣ бармеояд, ки дарвоқеъ, созҳои мусиқии Осорхонаи мазкур аҳамияти муҳими таърихӣ дошта, ифодагари хусусиятҳои хоси фарҳанги мусиқии фолклории минтақаҳои Тоҷикистон буда, аз ҳунари баланди созтарошии устоҳои тоҷик гувоҳӣ медиҳанд. Вале аз натиҷаҳои омӯзиш дар ин самт аён мегардад, ки дар баробари дастовардҳо дар ин ҷода камбудиҳои зерин низ мавҷуданд:

---

[1] Ҳамон ҷо.

[2] Ҳомидҷонова, М. Хазинаи ганҷина: Дар бораи музеи этнографии Институти таърихи ба номи А. Дониши АФ ҶШС Тоҷикистон дар Душанбе / М. Ҳомидҷонова // Занони Тоҷикистон. – 1982. – №9. – С.20-21.

1. Як қисми созҳои мусиқии фонди Осорхонаи мардумшиносӣ таъмирталаб мебошанд ва барои дуруст муаррифӣ кардан онҳо ба таъмир эҳтиёҷ доранд.
2. Баъзан созҳои мусиқӣ дар ҳуҷҷатҳои фондии ин осорхона, махсусан китобҳои воридотӣ нодуруст сабти ном шудаанд ва аз ҷониби кӣ ҷамъоварӣ шудани мавод маълум нест.
3. Талаботи фонди осорхонаи мазкур барои нигаҳдории маводи мардумшиносӣ, ба хусус созҳои мусиқӣ ҷавобгӯ нест ва бо сабаби номувофиқ будани вазъи бинои фонд барои ҳифзи мавод, аз ҷумла намнокии бинои фонд, баъзе созҳои мусиқӣ дар ҳолати азбайнравӣ қарор доранд.

Доир ба беҳбуди вазъи кори Осорхонаи мардумшиносӣ нисбат ба омӯзиш ва муаррифии созҳои мусиқӣ пешниҳодҳои зерин бояд ба назар гирифта шаванд:

1. Дар масъалаи ҳуҷҷатнигорӣ шиносномаи ҳар як сози мусиқӣ бояд тартиб дода шавад.
2. Аз ҷониби кормандони осорхона маводи зарурӣ доир ба касбу ҳунар, махсусан ҳолномаи шахсоне, ки созҳои мусиқиашон дар осорхона маҳфузанд, таҳия гардида, дар натиҷаи ин феҳристи созҳои мусиқии осорхона тартиб дода шавад.
3. Дар ҷараёни экспедитсияҳои минбаъдаи мардумшиносӣ корҳо дар самти гирдоварии созҳои мусиқии созтарошон ва ҳунармандони мардумӣ дуруст роҳандозӣ карда шаванд.
4. Мероси фарҳанги мусиқии фолклории тоҷик, махсусан навои созҳои мусиқӣ дар шакли наворҳои видеоӣ дар гӯшаи созҳои мусиқии осорхона бояд гузошта шавад.
5. Созҳои мусиқии фонди Осорхонаи мардумшиносӣ мавриди пажӯҳишу таҳқиқи мунтазам қарор гирифта, дар матбуоти даврӣ ва нашрияҳои ҷумҳурӣ ва берун аз он бояд чоп шаванд.

Соли 1978 воқеъ дар кӯчаи Саид Носири ноҳияи Исмоили Сомонии пойтахт - шаҳри Душанбе бо мақсади ҳифзи мероси адабии Сардафтари

адабиёти муосири тоҷик, Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ (1878-1954) Осорхонаи адабӣ-ёдгории Садриддин Айнӣ бунёд гардид.[1] Дар осорхона баробари мероси пурарзиши устод Айнӣ инчунин мероси яке аз устодони мусиқии классикии “Шашмақом” танбӯри Ҳоҷӣ Абдулазизи самарқандӣ (1850-1936) нигоҳдорӣ мешавад, ки ин сози мусиқӣ аз ҷониби Ҳоҷӣ Абдулазиз ба устод С. Айнӣ такдим шудааст. Танбӯр бо санъати хоси танбӯрсозии устоҳои тоҷик таҳия шуда, дарозии он 119 см, бари хазинаи он 12,5 ва умқи он 10 см мебошад (К-3.1).

Устод С. Айнӣ беш аз сӣ сол бо Ҳ. Абдулазиз иртиботи қавии дӯстӣ ва эҷодӣ доштанд. Махсусан баъд аз Инқилоби Октябри соли 1917, ки устод Айнӣ бо баҳонаи islоҳотхоҳӣ аз ҷониби амири Бухоро ба зиндон афтоду 75 дарра дар тахтапушташ зарб хӯрда, бо ёрии аскарони Аримияи Сурх озод гардид, ба Самарқанд ҳиҷрат карда, чанд соли ҳаёти худро дар он ҷо гузаронид.[2] Аввалин омиле, ки тани хастаҳоли С. Айниро табобат кард буд, созу навои Ҳоҷӣ Абдулазиз буд, ки дар ин бора худи устод чунин иброз намудаанд: “Фақат мумкин аст, ки ба воситаи нағмаи мусиқӣ ва нолаи хонанда шаммае аҳволи пурмалоли маро хабар ёбад. Ин аст, ки ман аз шунидани ғазали “Натавон кард”-и Камоли Хуҷандӣ бо нағмаи дутори Ҳоҷӣ Абдулазизи самарқандӣ бағоят дар ҷӯшу хурӯш меоям, зеро байтҳои ин ғазал шарҳи ҳоли ман аст, ки аз ғайри касби ман ва хоҳиши ӯ ба гӯши нози ӯ мерасад”.

Ҳоҷӣ Абдулазиз муаллифи зиёда аз 200 суруду оҳанг буда, ғазалу рубоӣ, соқиномаҳои классикони адабиёти форсии тоҷикиро иҷро намуда, дар рангомезии шаклу анвои шеърию мусиқӣ, рушди анъаноти асили овозхонии мардумию устодона, махсусаи санъати мақом ва макомхонӣ кори бузурги хунарӣ намудааст. Қисми, шохаҳои овозию созии «Шашмақом» ва сурудҳои классикии «Ушшоқ» (бо таронаҳояш), «Уфари Ушшоқ», «Рост», «Панҷгоҳ», «Ироқ», «Ироқи Гулёр», «Абдураҳмонбегӣ», «Қашқарчаи Ушшоқ», «Гулъузорам», «Қашқарчаи

---

[1] Табарава, М. Осорхонаи адабии Устод Айнӣ / М. Табаров // Мероси ниёгон. – Душанбе, 2018. – №20. – С.121.
[2]Латифӣ, О., Рабиев, А. Рӯзгори соҳибдилон / О. Латифӣ, А. Рабиев. – Душанбе: Ирфон, 1985. – С.135.

Ироқ», «Талқинчаи Сабо», «Ушшоқи Самарқанд», «Уфари Бебокча», «Бозургонӣ», «Таронаи Ушшоқ», «Муноҷот», «Санам», «Мискин», «Субҳи висол» ва ғ.-ро бо тозакориҳои эҷодӣ, ҳунарӣ иҷро намудааст. Дар студияи сабти овози Рига зиёда аз 13 сафҳаи овозиашро (карта) нашр карда, солҳои 1930-32 пажӯҳишгарон дар иҷрои Ҳоҷӣ Абдулазиз 20 намунаҳои баргузидаи мусиқиро дар овозаш сабт намуданд.[1] "Ушшоқи Самарқанд" яке аз маҳбубтарин суруди Ҳоҷӣ Абдулазиз ба шумор меравад, ки то имрӯз дар иҷрои ҳунармандон садо медиҳад. Эҷодгараш худи Ҳоҷӣ Абдулазиз буд, аз ин рӯ ушшоқи номбурда ҳамчун "Ушшоқи Ҳоҷӣ Абдулазиз" низ ба забон гирифта мешуд.

Дар веҳеъ мавҷудияти танбӯри устоди бузурги санъат Ҳоҷӣ Абдулазиз дар Осорхонаи адабӣ-ёдгории устод Садриддин Айнӣ барои омӯхтани таърихи фарҳанги мусиқии тоҷик дар садаи XIX ва ибтидои садаи XX имрӯз аҳамияти бузурги таърихӣ дорад.

Дар Тоҷикистон чун дар дигар давлатҳои дунё баробари таъсиси осорхонаҳои таърихӣ-кишваршиносӣ осорхонаҳои соҳавӣ-мусиқӣ низ фаъолият мекунанд, ки Осорхонаи ҷумҳуриявии фарҳанги мусиқии ба номи Зиёдулло Шаҳидӣ (1914-1985) аз зумраи онҳост.

Осорхонаи ҷумҳуриявии фарҳанги мусиқии ба номи Зиёдулло Шаҳидӣ воқеъ дар шаҳри Душанбе дар ҷумҳурӣ байни осорхонаҳои соҳавӣ ягона осорхонаест, ки унвони ҷумҳуриявӣ гирифтааст ва таъсиси чунин осорхона дар кишвар хеле муҳим мебошад.

Осорхонаи мазкур бо қарори Совети депутатҳои ш. Душанбе аз 25-уми феврали соли 1987 таҳти рақами 99 таъсис дода шуд[2]. Дар бинои осорхонае, ки имрӯз қарор дорад, тӯли 35 сол композитори машҳури тоҷик Зиёдулло Шаҳидӣ зиндагӣ намуда, беҳтарин асарҳояшро дар ин

---

[1] Донишномаи «Шашмақом». Азизӣ Ф., Абдурашидов А., Раҷабов А., Ҳакимов Н. Душанбе, 2009. С. 373.

[2]Решение Душанбинского городского совета народных депутатов «О возмездной передаче домостроения по ул. К. Маркс, 108 на баланс Академии наук Таджикской ССР для организации Дом-музея и выделение квартиры семье Шахиди». – Душанбе, 1987. - № 94. – 25 феврал.

хона эҷод намудааст[1]. Дар ин хона бо иштироки адибон Муҳаммадҷон Раҳимӣ (1901-1968), Мирзо Турсунзода (1911-1977), Боқӣ Раҳимзода (1910-1980), Мирсаид Миршакар (1912-1993), Абдусалом Деҳотӣ (1911-1962), Аминҷон Шукӯҳӣ (1923-1979), арбобони номвари санъати тоҷик Акашариф Ҷӯраев (1896-1966), Шоҳназар Соҳибов (1908-1973), Фазлиддин Шаҳобов (1911-1974), Туҳфа Фозилова (1917-1984), Фозил Солиев (1914-1976), Аҳмад Бобоқулов (1931-1990), Ҳанифа Малонова (1924-2010 ), Барно Исҳоқова (1927-2002) ва бисёр дигарон маҳфилҳои адабӣ баргузор мешуд[2]. Бо дарназардошти хизматҳои бузурги композитор, Артисти Халқии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи давлатии ҶСС Тоҷикистон ба номи Рӯдакӣ бо пешниҳоди Вазорати маданияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иттифоқи композиторон, Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи иҷроияи шаҳри Душанбе ва Қарори Совети Вазирони ҶСС Тоҷикистон хона-музей аз 25 январи соли 1989 «Осорхонаи фарҳанги мусиқии ба номи З. Шаҳидӣ» номгузорӣ гардид[3]. Осорхона бо Қарори Шӯрои Вазирони Тоҷикистон аз 27 сентябри соли 1990 таҳти рақами 216 бо унвони Осорхонаи ҷумҳуриявии фарҳанги мусиқии ба номи З. Шаҳидӣ ба мувозинати Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил гардид. Осорхона аз 28-уми декабри соли 2006 то ин ҷониб бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 604 Муассисаи давлатии Осорхонаи ҷумҳуриявии фарҳанги мусиқии ба номи З. Шаҳидӣ номгузорӣ мешавад.

Дар осорхона 5 воҳиди корӣ: директори осорхона, ходими калони илмӣ, ходими хурди илмӣ, сарбойгон ва фаррош фаъолият доранд.

Осорхона аз 5 хонаи намоишӣ иборат буда, дар ин хонаҳо 2706 экспонат мавҷуд аст, ки аз ин шумора 2122 адад китоб, 400 адад

[1]Олимпур, М. Осорхонаи мусиқӣ: Осорхонаи фарҳанги мусиқии ба номи Зиёдулло Шаҳидӣ / М. Олимпур // Адабиёт ва санъат. – 1989. – 4 май.
[2]Олимпур, М. Осорхонаи мусиқӣ: Осорхонаи фарҳанги мусиқии ба номи Зиёдулло Шаҳидӣ / М. Олимпур // Адабиёт ва санъат. – 1989. – 4 май.
[3]Постановление Совет Министров Таджикской ССР «О присвоении имени З. Шахиди Музею музыкальной культуры». – Душанбе, 1989. – № 23. – 25 январ // Бойгонии ҷории Осорхонаи ҷумҳуриявии фарҳанги мусиқии ба номи З. Шаҳидӣ

пластинкаҳои сабти овоз, 102 адад асари нотавӣ, 43 адад сози мусиқӣ, 20 адад ашёи рӯзгор (этнографӣ) ва 19 адад дипглому ҷоиза ва ордену медалҳоро (марбут ба эҷодиёти З. Шаҳидӣ) дарбар мегирад.

Боздиди аввалини тамошобин аз хонае, ки доир ба ҳаёту фаолият ва эҷодиёти З. Шаҳидӣ ҳикоя мекунад, сурат мегирад. Дар ин хона аксҳои З. Шаҳидӣ дар ҳолати ҳунарнамоӣ, грамотаҳои фахрӣ, унвону ҷоизаҳои давлатӣ, фиттаву асарҳои мансуб ба З. Шаҳидӣ ба маърази тамошо гузошта шудаанд. Дар ин хона инчунин дар витринаи алоҳида 8 адад сози нафасӣ, аз ҷумла 6 адад най (намуна, К- 4.1), 2 адад тутак (К- 4.2) ва 1 адад дунай (қӯшнай) (К- 4.3) низ муаррифӣ мешаванд, ки созҳои мазкур аз З. Шаҳидӣ мерос мондаанд. Дар байни ин созҳо як адад найи хело ҷолиб аст, ки ин сози мусиқиро З. Шаҳидӣ тақрибан дар синни 12-солагиаш аз қамиш сохтааст[1]. Зиёдулло Шаҳидӣ аз хурдӣ ба навохтани созҳои мусиқии най, дутор, танбӯр, рубоб ва ғ. шавқи беандоза дошт. Инчунин дар хонаи ба эҷодиёти З. Шаҳидӣ бахшидашуда 1 дутор ва як рубоби хурди қошқарӣ ба намоиш гузошта шудаанд, ки ин созҳоро З. Шаҳидӣ менавохт. З. Шаҳидӣ аз байни ҳамсолони худ яке аз донандагони мусиқии “Шашмақом” ба шумор мерафт. Аз соли 1932 З. Шаҳидӣ дар Сталинобод зиндагӣ мекард, дар синни 25-30-солагӣ ҳамчун иҷрокунандаи мусиқии касбӣ ва оҳангсози бомаҳорат шӯҳратёб шуд. Ҳама он маҳсули эҷодии З. Шаҳидӣ дар ҳуҷраи якум муаррифӣ карда мешаванд.

Созҳои мусиқии осорхона маводи асосии онро ташкил дода, дар хонаи алоҳида ба намоиш гузошта шудаанд, ки ин созҳо аз дӯстону пайвандон ва чеҳраҳои номвари санъати мусиқии тоҷик ҳадя шудаанд. Қисми зиёди созҳои мусиқӣ соли 1989 баъди ба Осорхонаи фарҳанги мусиқии ба номи З. Шаҳидӣ номгузорӣ гардидани хона-музей тақдим гардидаанд. Дар байни созҳо танбӯри Бобоқул Файзуллоев (1897-1974) (К- 4.6) низ маҳфуз нигоҳ дошта мешавад, ки соли 1989 аз ҷониби

[1] Суҳбат бо духтари композитор Мунира Шаҳидӣ дар Осорхонаи ҷумҳуриявии фарҳанги мусиқии ба номи Зиёдулло Шаҳидӣ. – 2017. – 23 октябр.

писараш-Ҳунарманди Халқии Тоҷикистон Аҳмад Бобоқулов (1930-1991) ба ин осорхона туҳфа шудааст. Имрӯз дар намоишгоҳ танбӯри (К-4.7) Шоҳназар Соҳибов (1903-1972)-донандаи машҳури Шашмақом, овозхон ва оҳангсози беназир ба маърази тамошо гузошта шудааст, ки аз ҷониби писараш Телман Соҳибов ба осорхона тақдим гардидааст. Таъкид ба ёдоварист, ки ин танбӯр бо дасти Усто Тоҳир (1883-1953), ки дар даргоҳи амири Бухоро хизмат мекард, сохта шудааст.

Маҳз рисолати бузурги осорхонаҳо дар кори ҳифз ва муаррифии осори мусиқӣ ба хусус созҳои мусиқии устодони санъати мусиқии касбии тоҷик мебошад, ки то имрӯз танбӯрҳо аз Шоҳназар Соҳибов, Бобоқул Файзуллоев ва дигарон ҳифз шудаанд ва ин созҳо дар омӯзиши таърихи фарҳанги халқи тоҷик сарчашмаи муҳимме мебошанд. Ҳамчунин, дар намоишгоҳ танбӯри овозхони машҳури халқӣ Акашариф Ҷӯраев (К-4.7) муаррифӣ карда мешавад, ки Акашариф Ҷӯраев бо ин танбӯр дар рушди “Шашмақом” нақши муассир гузоштааст. Яъне мусиқидони мардумӣ  Акашариф Ҷураев, таҳти таъсири пурбори анъаноти эҷодию иҷроии мақомҳо ба таснифи асарҳои мақоминиҳоде чун «Талқини Дарвоз», «Ироқӣ Дарвоз», «Ушшоқӣ Дарвоз»  ва «Чорзарб» ва амсоли ин комёб шудааст. Илоба бар ин дар осорхона ғижаки (К-4.10) оҳангсоз, Ҳунарманди халқии ҶШС Тоҷикистон Фозил Солиев (1914-1976) ва дутори ҳунарпешаи театри Лоҳутӣ Муҳаммадҷон Халилов дар маърази тамошо мебошанд. Духтари оҳангсоз Мунира Шаҳидӣ дар маълумотномаи оид ба Осорхонаи З. Шаҳидӣ нашргардида қайд кардааст, ки танбӯр бо дасти Ф. Солиев сохта шудааст.[1] Соли 1929 дар ш. Хуҷанд техникуми мусиқӣ кушода мешавад ва дар ин техникум устохонаи такмили созҳои мусиқӣ низ амал менамуд. Дар ин устохона сози мусиқии ғижак низ такмил дода шудааст. Солиев Фозил яке аз аввалин хатмкунандагони ин техникум буд[2] ва албатта шояд ғижаки ӯ

[1] Шаҳидӣ, М., Табарова, Д. Осорхонаи фарҳанги мусиқии Зиёдулло Шаҳидӣ / М. Шаҳидӣ, Д. Табарова. – Душанбе, 2006. – С.8.
[2] Музыкальная жизнь Советского Таджикистана (1919-1945 гг.). – Душанбе: Дониш, 1974. – Вып.1. – С.14.

дар ин техникум сохта шуда бошад. Дутори Муҳаммадҷон Халилов соли 1989 аз ҷониби ҳамсараш ба осорхона ҳадя гардидааст. Артисти Халқии Тоҷикистон Гурминҷ Завқибеков (1929-2003) низ яке аз дӯстони наздики З. Шаҳидӣ буд ва як адад танбӯри бадахшонӣ (К-4.5) ва як рубоби бадахшонии (К4.4) ин ҳунарманд низ ба ин осорхона эҳдо гардидааст.

Саҳми писари композитор Толиб Шаҳидӣ низ дар пурранамоии фонди Осорхона аз маводи фарҳанги мусиқӣ, махсусан созҳои мусиқӣ назаррас аст. Имрӯз 1 доира ва 1 карнайи туҳфакардаи Толиб Шаҳидӣ дар осорхона муаррифӣ карда мешаванд.

Дар радифи созҳои миллӣ инчунин аз Сафоратхонаҳои Ҳиндустон ва Туркия созҳои мусиқӣ ва асбобҳои мусиқии барқӣ ба осорхона ҳадя гардидаанд. Соли 1995 аз ҷониби сафири Ҳиндустон дар Тоҷикистон Бондал Ҷай Шанкар 7 адад сози мусиқӣ, аз қабили 1 адад ситор, 1 адад сантур (К-4.12), 2 адад сози зарбии табла (К-4.13-14), 1 адад аккордеон (гармоникаи ҳиндӣ), 1 адад мандолина, 1 гитара туҳфа гардидаанд. Аз Сафоратхонаи Туркия 1 соз (К-4. 11) ҳадя шудааст.

Мутаассифона, бо сабаби сари вақт тартиб надодани китоби воридотии осорхона аз ҷониби масъулини он, чӣ гуна ва аз ҷониби кӣ ба осорхона ҳадя шудани якчанд созҳои мусиқӣ, аз ҷумла: 3 адад ғижак, 1 тор, 1 шаштор, 3 думбра (намуна, К-4.9), 1 чанг, 2 доира, маълум нест ва то кунун аз ҷониби ходимони илмии осорхона ин масъала омӯхта нашудааст ва кормандони осорхонаи мазкурро зарур аст, ки барои равшан намудани сарчашмаи воридшавии созҳо чораҳои зарурӣ андешанд. Аз ҷониби дигар, азбаски осорхона мақоми ҷумҳуриявӣ дорад, беҳтар мебуд, ки масъулони он осори марбут ба ҳаёти эҷодӣ, махсусан созҳои мусиқии шахсиятҳои маъруф Боймуҳаммад Ниёзов (1927-2009), Ҳусейн Насриддин, Одина Ҳошим (1937-1993), Зафар Нозимов (1940-2010), Абдулло Султон ва дигар навозандагону сарояндагони ҷумҳуриро ба осорхона ҷамъоварӣ намоянд ва дар муаррифии онҳо саҳмгузорӣ намоянд.

Дар осорхона бойгонии мусиқӣ мавҷуд аст, ки ин бойгонӣ 400 адад пластинкаҳои сабти овозии мусиқиро дарбар мегирад. Дар ин бойгонии мусиқӣ сабтҳои осори классикҳои тоҷику Аврупо, ки осорхона онҳоро аз мағозаи дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ сӯхтаистодаи «Мелодия» наҷот дода буд, гирд оварда шудаанд. Он сабтҳо ҷузъи коллексияро, ки аз намунаҳои мусиқии ҷаҳон иборат мебошанд, ташкил медиҳад ва дар толори алоҳида ба намоиш гузошта шудаанд.

Дар қатори «Шашмақом», «Фалак» инчунин дигар жанру шаклҳои мусиқии классикӣ, халқӣ ва орифона, аз қабили силсилаи «Ганҷина», мусиқии Ҳисор, Бадахшон, Хатлон, водии Зарафшон ва дигар навоҳии Тоҷикистон дар фонотекаи Осорхонаи фарҳанги мусиқии ба номи З. Шаҳидӣ ҳифз мешаванд.

Аммо қисми зиёди пластинкаҳои сабти овозӣ ба фарҳанги мусиқии дигар миллатҳо мансуб мебошанд ва оид ба фарҳанги мусиқии тоҷикон пластинкаҳои сабти овозӣ хело каманд. Аз ҷониби дигар, дар давоми 10-солаи охир фиттаву наворҳои суруду таронаҳои санъаткорони тоҷик ба осорхона ҷамъоварӣ нашудааст.

Барои беҳбуди кори осорхона кормандони онро зарур аст, ки қаблан пластинкаҳои сабти овозии осорхонаро, ки бо забонҳои гуногун маҳфузанд, омӯхта, гурӯҳбандӣ намоянд ва муҳимтарини онҳоро ба самъи тамошобинони осорхона расонанд. Аз ҷониби дигар, барои ғанӣ гардонидани фонди ин осорхона масъулинро зарур аст, ки ба шахсиятҳои маъруфи санъати тоҷик ва идораву муассисаҳои дахлдори соҳаи фарҳанг ва мусиқӣ расман мурочиат намуда, сабту наворҳои марбут ба фарҳанги мусиқии тоҷиконро ҷамъоварӣ намуда, онҳоро нигоҳдорӣ ва тарғиб намоянд ва феҳристи осорхонаро таҳия созанд.

Дар осорхона фонди китобҳо мавҷуд аст, ки 2122 ададро ташкил намуда, як қисми онҳо бо ташаббуси Зиёдулло Шаҳидӣ ҷамъоварӣ шудаанд ва дар хонаҳои алоҳидаи осорхона нигоҳдорӣ карда мешаванд. Китобҳо қисми зиёди фонди осорхонаро дарбар гирифта, ҳамагӣ наздики 20% онҳо марбут ба мусиқӣ мебошанд. Китобҳо ба забонҳои

гуногун, аз қабили тоҷикӣ, русӣ, англисӣ, туркӣ, олмонӣ ва ғ. нашр гардидаанд ва онҳо оид ба композиторони ҷаҳон, фарҳанг, фалсафа ва забону адабиёти тоҷик ва дигар миллатҳо маълумот медиҳанд. Дар фонди китобҳои осорхона китобҳои ғайрисоҳавӣ хело зиёд ба назар мерасад. Аз ин лиҳоз кормандони осорхонаро лозим аст, ки китобҳои ғайрисоҳавии осорхонаро ҷудо намуда, аз дохили фонди асосии осорхона берун кунанд ва китобхонаи дигареро дар назди осорхона ташкил намоянд.

Илова бар ин, дар Осорхонаи фарҳанги мусиқии ба номи З. Шаҳидӣ 102 асари нотавӣ нигоҳдорӣ ва муаррифӣ карда мешаванд, ки мавҷудияти чунин асарҳо барои ин осорхонаи соҳавӣ ниҳоят муҳим маҳсуб меёбад.

Соли 1992 бо машварати Раиси Шӯрои Олии ҷумҳурӣ Ғоибназар Паллаев ва бо ташаббуси номзади илмҳои филологӣ, духтари оҳангсоз Мунира Шаҳидӣ Бунёди байналмилалии Зиёдулло Шаҳидӣ (ББЗШ) таъсис ёфт[1]. Он дар бинои осорхона воқеъ гардида, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон номнавис шудааст.

Моҳи майи соли 1996 таҳти роҳбарии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон Шӯрои ҷамъиятӣ созмон дода шуд. Бунёди байналмилалии З. Шаҳидӣ узви ин созмон гашт ва соли 1997 дар қатори дигар аъзои Шӯрои ҷамъиятӣ ба Созишномаи сулҳ имзо гузошт.

Аз 14 то 19-уми майи соли 2004 ин Бунёди байналмилалӣ дар ҳамкорӣ бо Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сафорати Фаронса ва Маркази фарҳангии «Бохтар» нахустин Фестивали байналмилалии мусиқии муосирро бахшида ба 90-солагии Зиёдулло Шаҳидӣ ва 80-солагии шаҳри Душанбе баргузор намуданд[2].

Нақши Бунёди номбурда дар таҳкими худшиносии миллии шаҳрвандони Тоҷикистон ва инкишофи ғояҳои ахлоқиву инсондӯстии онҳо басо калон аст. Махсусан дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ тавассути

[1]Фонду Зиядулло Шахиди-15 лет: Музей им. З. Шаҳиди // Народная газета. – 2007. – 22 мая.
[2]Шаҳидӣ, М., Табарова, Д. Осорхонаи фарҳанги мусиқии Зиёдулло Шаҳидӣ / М. Шаҳидӣ, Д. Табарова. – Душанбе, 2006. – С.15.

Бунёд дар осорхона консертҳо, семинарҳо, мизҳои мудаввар ва конференсияҳои байналмилилӣ доир мешуданд, ки ин анъана то имрӯз идома дорад. Дар чунин чорабиниҳо бисёр донишҷӯён, мактаббачагон, олимон, сиёсатмадорон ва ходимони фарҳангу санъаткорон иштирок кардаанд.

Композиторон Толиб Шаҳидӣ, Фирӯз Баҳор, Талабшо Сатторов, овозхонон Одина Ҳошим, Давлатманд Холов, адибон Лоиқ Шералӣ, Гулрухсор Сафиева, олимон Акобир Аҳмадов, Ишонхон Нуъмонов, Муҳаммад Осимӣ, Аслиддин Низомов, Абдураҳмон Абдуманнонов дар байни онҳое буданд, ки солҳои душвортарини 1992-1997 дар ин чорабиниҳо шират варзидаанд.

Бунёд ҳамчунин робитаҳои васеъро бо марказҳои илмиву фарҳангии Россия, Шветсия, Қазоқистон ва дигар кишварҳо барқарор намуд ва дар кори семинар ва чорабиниҳои минтақавию байналмилалӣ оид ба масъалаҳои рушди ҳамкориҳо дар соҳаи фарҳанг ва гуфтугӯи фарҳангҳо имрӯзҳо низ фаъолона иштирок мекунад[1].

Чуноне ки Мунира Шаҳидӣ дар яке аз маълумотномаҳо оид ба Осорхонаи мазкур ишора кардааст: «Вазифаи аввалиндараҷаи Бунёд ҳамчун созмони ғайриҳукуматӣ ин дастгирӣ ва васеъ намудани фаъолияти Осорхона буд»[2]. Албатта ташкили чорабиниҳо, ҷаласаву конференсияҳои гуногун доир ба рушди фарҳангӣ миллӣ аз ҷониби корманди осорхона (собиқ директори осорхонаи мазкур солҳои 1987-2015) ва таъсисдиҳандаи Бунёд Мунира Шаҳидӣ ва иштироки ӯ дар чорабиниҳои байналмилалӣ қобили таҳсин аст. Аммо, аз ҷониби дигар, бо дарназардошти ҳадафи таъсиси Бунёд, ки ҷоннок гардонидани фаъолияти осорхона аст, бояд, пеш аз ҳама, мушкилоти асосии осорхона бартараф карда шавад:

1. Бо ҷалби мусиқишиносон ва мутахассисони забондон маводи Осорхонаи фарҳанги мусиқии ба номи З. Шаҳидӣ мавриди таҳлилу

[1] Шаҳидӣ, М., Табарова, Д. – Душанбе, 2006. – С.17.
[2] Ҳамон ҷо. - С.9.

омӯзиш қарор дода шуда, вобаста ба он бо такя ба хулосаҳои мутаҳассисин аз ҷониби кормандони осорхона дар асоси маводи мавҷуда асару мақолаҳо бояд нашр гарданд.

2. Азбаски осорхонаи мазкур мақоми ҷумҳуриявиро соҳиб аст, бо ҷалби санъатшиносон, осорхонашиносон ва дизайнерон экспозитсияи осорхона комилан вобаста ба ҳама паҳлуҳои ҳаёти мусиқии тоҷик («Шашмақом», «Фалак», санъати халқӣ, композиторӣ) созмон дода шавад.

Бо мақсади ҳарчи бештар муаррифӣ намудани фарҳанги миллӣ, алалхусус мусиқии касбии тоҷик дар назди осорхона саҳнаи баргузории барномаҳои консертӣ ва семинару конференсияҳо созмон дода шудааст ва тавассути чорабиниҳои гуногун санъаткорон дар ин саҳна ҳунарнамоӣ мекунанд.

Саҳнаи ҳунарӣ бахшида ба ҷашни 100-солагии композитор З. Шаҳидӣ тибқи қарори ЮНЕСКО ташкил гардидааст ва аз лиҳози илмӣ-бадеӣ ороиш дода шудааст. Яъне дар атрофи деворҳои саҳна акси созҳои қадимаи тоҷикон гузошта шудааст. Махсусан, дар якчанд аз ин аксҳо бонувони чангнавоз, руднавоз, ва таблнавози мансуб ба асрҳои 2 то мелод тасвирёфта, ки дар арақаи Ҳайратон ҳаккокӣ шудаанд, ба намоиш гузошта шудаанд. Дигар аксҳои созҳои мусиқӣ, ки дар минётураҳои асрҳои миёна тасвир ёфтаанд, ба тамошо гузошта шудаанд, ки ин омил метавонад ба зеҳни тамошобин оид ба қадима будани фарҳанги мусиқӣ таъсири амиқ гузорад.

Ҳамасола борҳо вобаста ба баргузории ҷашнҳои миллӣ дар осорхона низ барномаҳои консертӣ баргузор карда мешаванд, ки ин ҷо метавон яке аз чунин барномаҳои рангинро мисол овард. Дар таърихи 14 майи соли 2014 бахшида ба 100-солагии устод З. Шаҳидӣ дар осорхона шоми ёдбуди устод гузаронида шуд. Меҳмонон, мусиқинавозон, нависандагону шоирон, сафирон ва донишҷӯёни донишкадаву донишгоҳҳои гуногуни пойтахт, ҳамкасбон ва ҳаводорони суруду навоҳои устод, аз ҷумла Нигина Амонқулова, Соҳиба Давлатшоева,

Иқбол Завқибеков ва дигарон иштирок намуда, ҳунарнамоӣ карданд. Ҳамин тариқ, то имрӯз ин саҳнаи ҳунарӣ маркази чорабиниҳои ҷолиби фарҳангӣ ба шумор меравад, ҳар тамошобине, ки аз осорхона дидан менамояд, инчунин метавонад иҷроиши навои мусиқиро дар саҳнаи ин макон бишнавад ё тамошо кунад. Вале барои боз ҳам бештар гузаронидани чорабиниҳои фарҳангӣ дар осорхона кормандони онро зарур аст, ки бо мактабҳои мусиқӣ, Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов, Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода ва ансамблҳои созӣ-овозии муассисаҳои дахлдори ҷумҳурӣ робитаҳои ҳамкориро боз ҳам ҷонноктар намоянд.

Ба ибораи дигар, таъсис ва фаъолияти Осорхонаи ҷумҳуриявии фарҳанги мусиқии ба номи З. Шаҳидӣ барои ҳифзу муаррифии осори мусиқии тоҷикон нақши калон дорад. Аммо, аз ҷониби дигар, ғановати фарҳанги мусиқии тоҷиконро наметавон дар як осорхонаи хурде, ки аз 5 ҳуҷра иборат буда, 165м$^2$ масоҳат дорад ва қариб, ки пурра дар ин осорхона эҷодиёти З. Шаҳидӣ муаррифӣ мешавад, инъикос намуд. Имрӯз санъатшиносону фарҳангшиносон, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар масъулини соҳавиро зарур аст, ки ҳарчи зудтар барои таъсиси Осорхонаи мукаммали фарҳанги мусиқӣ тадбирҳои муасссирро роҳандозӣ намоянд. Зеро миллате, ки фарҳанги бойи мусиқӣ дорад ва таърихи мусиқиаш аз ҳазорсолаҳои қабл аз мелод дарак медиҳад, бояд осорхонаи бузурги фарҳанги мусиқӣ дошта бошад, то мисли З. Шаҳидӣ ҳазорҳо номварони санъаташро муаррифӣ намояд ва дар ин замина наслашро дар рӯҳияи санъатдӯстии миллӣ тарбия кунад.

Таърихи 22 июни соли 1990 бо ташббуси Артисти Ҳалқии Тоҷикистон Гурминҷ Завқибеков (1929-2003) Осорхонаи созҳои мусиқии Шарқ расман ифтитоҳ ёфт[1], ки нақши ин осорхона дар ҳифзу тарғиби созҳои мусиқии миллии тоҷик назаррас аст. Дар маросими ифтитоҳи

[1]Нуров, Г. З. Формирование и развитие музейного дела в Таджикистане (30-е годы XX-начало XXI вв.): Дисс… канд. истор. наук / Нуров Гулмахмад Зиёевич. – Душанбе, 2011. – С.114.

осорхона намояндагони давлатӣ, шоирону нависандагон, ҳофизон, рӯзноманигорон ва дигар меҳмонон аз кишварҳои гуногун иштирок намуданд. Дар рӯзи ифтитоҳи осорхонаи мазкур дар назди меҳмонон дастаи ҳунарии Ғуломмададов Алиакбар, Муборакшо Мирзошоев, Далери Назар ва Хурмои Ширин ҳунарнамоӣ карда буданд. Зери навои мусиқии тоҷикӣ русу фаронсавӣ, туркману араб, эрониву афғон, олмониву ҷопон мерақсиданд[1]. Имрӯз дар пойтахти Тоҷикистон бе чунин осорхона ҳифз намудани созҳои миллӣ ғайриимкон аст. Гурминҷ Завқибеков 32 намуд созҳои мусиқиро менавохт[2]. Бинобар ин, аз ифтитоҳи осорхона то поёни умр Гурминҷ Завқибеков ба тамошобинони осорхона ҳама намуди созҳоро менавохт. Гоҳ-гоҳ дар осорхона барномаҳои консертӣ таъсис медод. Аммо ӯ дар ташкили барномаҳои консертӣ танҳо набуд. Нобовар Чиноров, писараш Иқболшоҳ, ғижакнавоз Худоёр Курбонбеков, дафнавоз Мавлонназар Ғуломҳусенов ӯро ҳамроҳӣ намуда, дар назди меҳмонон сурудхонӣ мекарданд. Ҳатто бо ин шахсиятҳо ӯ дар бисёр чорабиниҳои сатҳи давлатӣ баромад намудааст.

Оройиши толорҳои Осорхонаи Г. Завқибековро театршинос, омӯзгори Омӯзишгоҳи рассомии ба номи Мирзораҳмат Олимов Меҳринигор Назарова бо шогирдонаш Ҳамлет Солиев, Нуъмон Абдуллоев ва Аделина Гаҷиева ройгон созмон доданд[3].

Дар осорхона беш аз 110 адад созҳои мусиқӣ нигоҳдорӣ ва муаррифӣ карда мешаванд. Дар осорхона созҳои нафасӣ мавқеи хосаро касб мекунанд, ки беш аз 30 ададро: аз ҷумла, намудҳои тутак (К-5.1), най (К-5.2), қӯшнай, соксафон, флейта дарбар гирифта, қисми зиёди онҳоро Гурминҷ Завқибеков менавохт. Илова ба ин, намоишгоҳи осорхонаро рубоби помирии Шавқмуҳаммад Пулотов (К-5.3), рубоби

[1]Абдурахмонов, А. Музей музыкальных инструментов Гурминджа / А. Абдурахмонов // Чумхурият. – 2004. – 6 июл. – С.4.
[2]Раҳмонқулов, А. Санъаткори моҳир ва ҳунарманди асил / А. Раҳмонқулов // Паёми Душанбе. – 2011. - №79 (1629). – 23 сентбр.
[3]Абдурахмонов, А. Музей музыкальных инструментов Гурминджа / А. Абдурахмонов // Чумхурият. – 2004. – 6 июл. – С.4.

қумрии Усто Боқӣ Соҳибназаров (К-5.4), рубоби баландзикоми қадимаи Раҳмат Фармонбеков (К-5.5.), рубоби қадимаи аз Мазори Шарифи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон эҳдогардида (К-5.6), дутори корхонаи созтарошии «Армуғон» мансуб ба солҳои 60-уми асри ХХ (К-5.7), дутори қазоқии эҳдошуда аз доктори санъатшиносӣ Людмила Шкилёва аз вилояти Куйбишеви Федератсияи Россия (К-5.8), тори озарӣ (К-5.9), танбӯри бадахшонии усто Гулбек Баҳриев (К-5.10), ғижаки давраи донишҷӯйии Гурминҷ Завқибеков (К-5.13) ва ғижаки навозандаи ноҳияи Ҳамадонӣ Раҳимов Абдусалом (К-5.14) ва даҳҳо созҳои мусиқии дигар устоҳои чирадасти тоҷик оро додаанд.

Бо ташаббуси 1400-солагии ромишгари моҳир ва муғаннии машҳури Шарқ Борбади Марвазӣ Гурминҷ Завқибеков созҳои мусиқии хешро дар назди тамошобиноне, ки аз ҳар гӯшаву канори ҷаҳон ташриф оварда буданд, ба маърази тамошо гузошт ва мулоҳизоту андешаҳои меҳмонони ташрифоварда дар китоби қайди меҳмонон дарҷ гардидааст.

Осорхона аз якчанд хона иборат аст. Дар хонаи якум аксҳои худи Гурминҷ Завқибеков ва дӯстони ӯ ба намоиш гузошта шудаанд. Дар хонаи дуюм созҳои зарбӣ, дар ҳуҷраи сеюм созҳои торӣ, дар хонаи чорум созҳои нафасӣ ва дар ҳуҷраи панҷум осори атиқа ба намоиш гузошта шудаанд[1].

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, чуноне ки болотар низ ишора рафт, мулоҳизоти хешро ба тариқи зайл дар дафтари хотироти тамошобини осорхона баён кардаанд: «Осорхонаи созҳои мусиқии акаи Гурминҷро тамошо карда як олам тассурот гирифтам. Ин дар Тоҷикистон ягона осорхонаест, ки дар он асбобҳои гуногуни мусиқии аз ниёгон баёдгормонда бо ташаббус ва саъю талошҳои ин ҳунарманди тавоно гирд оварда шудаанд. Зиёда аз он мо дар осорхона намунаи асбобҳои мусиқии халқҳои гуногуни ҷаҳонро

[1]Нуров, Г. З. Формирование и развитие музейного дела в Таджикистане (30-е годы XX-начало XXI вв.): Дисс… канд. истор. наук / Нуров Гулмахмад Зиёевич. – Душанбе, 2011. – С.115.

низ мебинем. Ин осорхона дар тарбияи эстетикии ҷомеа, ба хусус ҷавонон хизмати босазо мекунад»[1].

Дар дафтари хотирот сайёҳе аз Аврупо чунин навиштааст: «Дар ҷаҳон беш гаштам, осорхонаҳои зиёде дидаам, вале боз мегӯям, ки музеи Шумо-Гурминҷ Завқибеков яке аз беҳтаринҳост».

«Осорхонаи Гурминҷ ба хотири мо Борбади Марвазиро меорад. Ин маконест, ки аз он ҳамвора мусиқӣ, садои наю тори ниёгони форсу тоҷик ба гӯш мерасад», - қайд намудааст дар дафтари хотирот донишманди машҳури Эрон, собиқ сафири Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон Муҷтаҳид Алиашраф Шабистарӣ.

Котиби ҷамъияти дӯстии Фаронса ва Тоҷикистон Ҷ.Ш. Кристиан Турнеро аз осорхона чунин таассуроте бардоштааст: «Агарчи осорхонаи Шумо масоҳати хурд дорад, аммо ба эҳсоси ҳарорати қалби одамоне, ки онро ташкил кардаанд, вай ғановати зиёде пайдо кардааст. Ин далели маданияти волои миллии Шумо, ҳиссиёти хешшиносии Шумо, муносибати ғамхоронаи Шумо ба мероси ҳунарии гузаштагонатон мебошад. Барои ин боздиди гуворо аз самими қалб миннатдорам».

Гурӯҳи мутрибони Лаос ҷуфте аз таблҳои миллӣ, ҳунарпешаи кинои Афғонистон хонум Заргуна таблаке аз рӯи катибааш ба 1300 соли ҳиҷрӣ маҳсуббуда, ҳофизи мумтози ин кишвари ба мо дӯст Муҳаммад Сайфиддин (сарояндаи суруди машҳури авғонии «Маъсума») сетори афғонӣ, Сафоратхонаи Амрико саксофон ва бoншои америкоӣ, Сафоратхонаи Туркия соз, қомуз, камонча ва дутанаи туркӣ, сафоратхонаи Хитой табли дутарафа ва зангӯлаи мусиқӣ, сокини шаҳри Уфаи Бошқирдистон Маунс Гизатулин лабчанги бошқирдӣ ва гармонияи тоторӣ, дӯсти наздики Гурминҷ Алмаш аз Бишкек- қомуз, лабчанг ва найи сафолин, доктори санъатшиносӣ Людмила Шкилёва аз вилояти Куйбишеви Федератсияи Россия – думбраи қазоқӣ ва дигарон

[1]Раҳмонов, Э. Таассурот аз боздиди Осорхонаи созҳои мусиқии Гурминҷ Завқибеков / Э. Раҳмонов // Баҳори Аҷам. – 1998. – №7. – декабр.

даҳо созҳои торӣ ва нафасиро ба Осорхонаи Гурминҷ Завқибеков эҳдо намудаанд.

Осорхонаро инчунин ситори ҳиндӣ, гитараи испанӣ, мандалина, балалайка ва гармони русӣ, дутор ва найи эронӣ, гуслии белорусӣ, аккордиони олмонӣ, танбӯр ва дутори дупардагии ӯзбекӣ, тор ва камончаи қадимаи озарӣ, ғижжак ва сурнайи ветнамӣ, ғижжаки арабӣ, скрипкаи итолиёӣ ва чандин созҳои торию нафасӣ ва зарбӣ оро додаанд.

Бисёр созҳои осорхона чун ҳадяҳои дӯстон, ҳамдиёрон ва хешу таборони Гурминҷ, аз ҷумла дутори ҳадянамудаи Т. Ӯлҷабоев, сетори ҳунарманди мардумии Иттиҳоди Шӯравӣ Ғуломҳайдар Ғуломалиев, тамбӯри устоди шашмақом Фазлиддин Шаҳобов ва ғайра муаррифӣ мешаванд.

Тафовут байни Осорхонаи Г. Завқибеков ва дигар осорхонаҳо дар он аст, ки ин ҷо ҳамаи созҳои мусиқӣ гӯёанд, яъне ба таври ҳамешагӣ омодаи навозиш мебошанд.

Солҳои охир бо иқдоми писари Гурминҷ Завқибеков дар осорхона коллексияи овозҳо (овози паррандагон, садои чашмасорони табиат, садои шаҳрҳо) таъсис дода шудааст. Имрӯз дар осорхона зиёда аз 1000 овозҳои гуногун ҷамъоварӣ гардидаанд[1].

Дар Осорхонаи Г. Завқибеков созҳои мусиқӣ тавассути дастаҳои ҳунарӣ навохта ва муаррифӣ мешаванд. Пас аз вафоти Гурминҷ Завқибеков соли 2006 дар назди осорхона бо роҳбарии яке аз устодони санъат Шанбе Мамадаминов ансамбли «Само» ташкил карда шудааст. Дастаи ҳунарӣ аз 5 нафар иборат буд. Файзимамад Назариев дар рубоби бадахшонӣ, Шанбе Мамадаминов - ғижак, Шавқмуҳаммад Пулотов - сетор, танбӯр, Далер Паллаев - даф, Қурбоннасим Алишоев - таблак ҳунарварӣ мекарданд. Аввалин барномаи консертии ин ансамбл дар Хонаи кинои ш.Душанбе моҳи декабри соли 2006 баргузор гардид. Иштирокчиён ҳамчун мутахассиси касбӣ аз Консерваторияи миллии

[1]Басанова, А. Музей Гурминджа создает коллекцию звуков / А. Басанова // Asia-Plus. – 2011. – 2 ноябр. – С.7.

Тоҷикистон ба номи Сатторов Т., аз Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода ва ғ. даъват шуда буданд. Барномаи консертӣ дар шакли албом ба Институти Исмоилиёни Лондон фиристонида шуда, сазовори ҷои намоён гардид.

Албоми аввалин бо номи «Бишнав аз най» манзури мухлисон гардид. Асосан дар ансамбл сурудҳо аз ашъори шоирони классик, махсусан аз Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ ва Ҳофизи Шерозӣ суруда мешуданд. Фалак, лалаик ва даргилик ҳамчун намунаҳои қадимтарин жанрҳои санъати фолклории Бадахшон тавассути ансамбли «Само» дар ҳузури тамошобинони осорхона иҷро мегардид.

Дастаи ҳунарии «Само» ба Амрикову Фаронса низ сафари ҳунарӣ намуда, ганҷинаҳои фолклории моро муаррифӣ намудааст. Дар барномаҳои консертӣ бештар инчунин аз ашъори шоирони классик, ба монанди Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, Ҳофиз, Рӯдакӣ истифода мешуданд.

Моҳи декабри соли 2016 дар Ҷумҳурии Исломии Эрон Фестивали дуюми умумиҷаҳонии Ҳазрати Муҳаммад баргузор гардид, ки дар ин ҳамоиш ансамбли мазкур иштирок намуда, ҳунармандони ин дастаи хунарӣ мадҳияхонӣ намудаанд. Дар ин фестивал ҳунармандон аз Тоҷикистон, Эрон, Гурҷистон, Қирғизистон ва Покистон ширкат доштанд. Аммо санъати мадҳияхонии дастаи ҳунарии «Само» аз Тоҷикистон диққати ҳамаро ба худ бештар ҷалб намуд.

Мутаассифона, бо сабаби мавҷуд набудани манзили истиқоматӣ дар Душанбе гурӯҳи ҳунарӣ, аз ҷумла чанд нафар аъзои ин дастаи ҳунарӣ, ба мисли Шанбе Мамадаминов, Файзимамад Назариев, Далер Паллаев тарки Душанбе намуданд ва Шавқмуҳаммад Пулотов бо Қурбоннасим Алишоев то ҳол фаъолият доранд. Имрӯз санъаткори варзида Шавқмуҳаммад Пулотов чун шахси масъул фаъолияти осорхонаро пеш мебарад ва ба мисли Гурминҷ Завқибеков созҳои мусиқии ин макони фарҳангиро ба хотири тамошобинон дар ҳар мавриди муносиб менавозад.

Осорхона аз соли 2018 то имрӯз дар кӯчаи Шота Руставелии ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе фаъолият дарад ва аз 5 хонаи намоишӣ иборат аст. Вале дар ин бино низ фаъолияти осорхона номувофиқ буда, зарурати таъсиси осорхонаи махсуси замонавӣ барои ин мероси мусиқии гаронарзиш ба миён омадааст. Мушкилоти дигари осорхона дар он аст, ки бо сабаби мавҷуд набудани воҳиди кории давлатӣ ва таъмин набудани он бо мутахассисани соҳавӣ то ҳанӯз феҳристи созҳои мусиқии осорхона тартиб дода нашудааст ва ҳатто китоби воридотии созҳои мусиқӣ ташкил нагардидааст, ки ин албатта барои омӯзиши таърихи созҳои мусиқии Осорхонаи Г. Завқибеков монеа эҷод мекунад.

Дар радифи осорхонаҳои шаҳри Душанбе нақши осорхонаҳои ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ низ дар гирдоварӣ, нигоҳдошт ва омӯзишу оммавигардонии созҳои мусиқии миллӣ бориз аст. Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносии ноҳияи Шаҳринав моҳи октябри соли 1997 дар арафаи ҷашни 70-солагии ноҳия бо қарори раиси ноҳия Қаландар Ҳайдаров ташкил карда шудааст. Осорхона соли 2006 ба бинои нав кӯчонида шуд ва аз 11 толори намоишӣ иборат аст.

Дар осорхона толори санъат созмон дода шудааст, ки дар ин толор фарҳанги мусиқии ноҳия инъикос меёбад. Махсусан дар ин толор гӯшаи ҳунармандон Ҳусейн Насриддинов, Абдуҷаббор Назаров, Абдураҳмон Азимов, Убайдуллои Кароматташкил карда шудааст. Дар ин толор 12 адад созҳои мусиқӣ муаррифӣ карда мешаванд, ки аз созтарошон, навозандагон ва сарояндагони маҳаллӣ ҷамъоварӣ шудаанд. Аввалин сози мусиқӣ - сурнайи усто Муҳиддинов Рабӣ ба осорхона соли 1990 бо ташаббуси корманди осорхона Бӯриев Мирзо ҷамъоварӣ шудааст (К-6.1). Соли 2009 Ҳунарманди халқии Тоҷикистон Ҳусейн Насриддинов бо ташаббуси худ як ғижаки тунукагини бадахшониро ба Осорхона тақдим мекунад, ки дар толор ба намоиш гузошта шудааст (К-6.6). Якчанд созҳои мусиқӣ аз созтароши деҳаи Қадиҷӯйбор Усто Маҳмуд низ, аз қабили 1 рубоби қошқарӣ, 1 дутор (К-6.2), як панҷтор (К-6.3) ва 1 тор (К-6.5) муаррифӣ карда мешаванд, ки соли 2010 ба ин даргоҳ аз ҷониби

Бӯриев Мирзо ҷамъоварӣ шудаанд. Инчунин соли 2010 бо ташаббуси Буриев М. 1 думбраи зиёда аз 100-сола аз сокини деҳаи Ҷардии поёни ноҳияи Муъминобад Абдуллозода Мирзовалӣ ба осорхона ҷамъоварӣ мешавад, ки ҳанӯз дар намоиш аст[1]. Бино ба маълумоти мавҷуда, думбраи мазкурро падари Абдуллозода Мирзовалӣ сарояндаи моҳир Абдуалиев Мирзо менавохтааст. Дар радифи созҳо 1 доира (К-6.7) мавҷуд аст, ки ин созро Бӯриев Мирзо аз хонаи худ овард, ба Осорхона ҳадя кардааст. Вале чор сози мусиқии дигар, аз ҷумла ёздаҳтор (К-6.4), рубоби қошқарӣ ва ду думбра ба кӣ мансуб буданашон маълум нест.

Экспозитсияи осорхона хуб созмон дода шудааст, аммо нисбат ба ҳуҷҷатгузории фонд, махсусан бақайдгирии экспонатҳо дар китоби воридотӣ камбудиҳои зиёд ҳастанд. Бояд китоби воридотии экспонатҳо аз нав тартиб дода шавад ва шиносномаи илмии созҳои мусиқӣ низ таҳия карда шаванд. Инчунин бо ҷалби навозандагони ноҳия дар чорабиниҳои оммавии осорхона барномаҳои консертӣ баргузор карда шавад. Якчанд созҳои мусиқии осорхона тармимталаб буда, минбаъд ҷиҳати муаррифии дурусти онҳо бояд тармим карда шаванд.

Яке аз осорхонаҳои дигаре, ки дар гирдоварию муаррифии созҳои мусиқӣ мавқеи назаррас дорад, ин Осорхонаи таърихӣ – кишваршиносии ноҳияи Рӯдакӣ мебошад, ки соли 2007 бахшида ба 80-солагии ноҳия расман ифтитоҳ меёбад. Дар Осорхона дар қатори дигар маводи таърихӣ ҳамчунин аз Осорхонаи созҳои мусиқии Гурминҷ Завқибеков намудҳои гуногуни созҳои мусиқӣ низ барои муаррифии доимӣ оварда шудаанд. Дар мавриди оммавигардонии созҳои мусиқӣ бошад, аввалин бор созҳои мусиқӣ, аз қабили 1 адад танбӯр дар ифтитоҳи осорхона аз ҷониби омӯзгори Коллеҷи фарҳанги ноҳия Ҳалимов навохта шудааст. Созҳои мусиқӣ аввалин маротиба берун аз Осорхонаи таърихӣ – кишваршиносии ноҳияи Рӯдакӣ соли 2007 дар намоиши ҳунарҳои мардумӣ, ки дар Боғи Ирам баргузор гардида буд, ба намоиш гузошта

[1] Суҳбат бо ходими илмии Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносии ноҳияи Шаҳринав Бӯриев Мирзо. – 2018. – 9 июн.

шудаанд. Баробари ба намоиш гузоштани созҳо дар ин чорабинӣ инчунин созҳои мазкур аз ҷониби донишҷӯёни Коллеҷи фарҳанги ба номи Буйдоқови н. Рӯдакӣ навохта шуданд. Созҳои мусиқии ин осорхона дар ҷашнвораҳои миллӣ, аз қабили Наврӯз, Истиқлолият, Ваҳдат ва ғ., ки дар осорхона баргузор гардидаанд, борҳо аз ҷониби кормандони Хонаи фарҳанги ноҳия ва донишҷӯёни Коллеҷи фарҳанг навохта шудаанд.

Соли 2015 Муассисаи давлатии Осорхонаи шаҳри Ҳисор бо қарори Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Ҳисор таҳти рақами 1315 аз 18.08.2015 бахшида ба 3000 – солагии ш. Ҳисор ифтитоҳ ёфтааст. Дар толори ҳунарҳои миллии осорхонаи мазкур гӯшаи махсуси созҳои мусиқии миллӣ созмон ёфтааст. Дар толори мазкур созҳои мусиқии ҳунармандони маҳаллӣ, ба монанди сурнайи созтароши деҳаи Тӯда Усто Турсунмурод (К-7.1), найи Холмурод Тағоев, карнай аз ансамбли карнайчиёни шуъбаи фарҳанги ноҳияи Ҳисор (К-7.2), дутори Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон Латиф Камолӣ, тори сароянда Шеров Фатҳулло, ҳаштори сароянда Одилҷон Ғаниев, рубоби тоҷикии (афғонӣ) ҳунарманд Нуров Шомаҳмад, барбати навозанда Нуралиев Додарбек (К-7.6) ва дигар созҳои мусиқии ғижак (К-7.7), думбра, рубоби қошқарӣ ва рубоби бадахшонӣ (К-7.3) ҳифз ва муаррифӣ мешаванд. Дар осорхона гӯшаи доимоамалкунандаи арбоби намоёни давлатӣ, шоир ва нависандаи Ҳисор Ҳабибуло Назаров ташкил карда шудааст, ки дар радифи дигар осори ӯ дар ин гӯша дутор (К-7.4) ва думбрааш(К-7.5) ҳифз ва муаррифӣ карда мешаванд. Ин созҳо соли 2016 аз ҷониби духтари шоир Муаллимаи хизматнишондодаи ҷумҳурӣ, Корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Адолат Назарова  ба осорхона ворид карда шудаанд[1].

[1]Қодиров, Ю., Қодирова, М. Осорхонаҳои мактабӣ / Ю. Қодиров, М. Қодиров // Оид ба таъсис ва фаъолияти осорхонаҳои мактабии н. Ҳисор. – Душанбе, 2012. – С.25.

Мутаассифона дар экспозитсияи осорхона созҳои мусиқии тармимталаб низ ба чашм мерасанд, ки ин ҳолат аҳамияти таърихӣ ва бадеии созҳоро коста мегардонад.

Дар Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносии ба номи М. Турсунзодаи шаҳри Турсунзода низ дар радифи дигар арзишҳои таърихӣ созҳои мусиқӣ дар гӯшаи алоҳида бо шумораи 7 адад аз ҷумлаи най, меҳтар (сурнай), думбра, рубоби қошқарӣ, сетор, ғижак ва доира ба намоиш гузошта шудаанд. Аммо бо сабаби дар китоби воридотии осорхона сари вақт қайд накардани созҳо ҳангоми воридшавӣ ба кӣ мансубият доштани созҳо номаълум мондаанд.

22 сентябри соли 2015 дар бинои нави Кохи фарҳанги шаҳри Ҳисор Осорхонаи созҳои мусиқии миллӣ ифтитоҳ ёфт, ки дар ин осорхона 22 адад созҳои мусиқии гуногун ҳифз ва муаррифӣ мешаванд. Як қисми ин созҳои мусиқӣ аз ҳунармандону созтарошони шаҳри Ҳисор чун туҳфа ворид шудаанд ва 7 адади он аз корхонаи «Созтарош»-и назди Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, амсоли танбӯр, дутор, рубоби қошқарӣ, рубоби прима, соз, ва тор ба осорхона харидорӣ шудаанд. Созҳои мазкур аз ҷониби устоҳои чирадасти корхонаи «Созтарош» Исмат Бораков, Дона Зиёев, Муҳаммадсаид Зиёев, Мирзошариф Нуров сохта шудаанд. 13 адад созҳои дигаре, ки дар осорхонаи номбурда ба намоиш гузошта шудаанд, аз ҷониби ҳунармандони ансамбли ҳунарии ш. Ҳисор Давлатмуроди ғижакчӣ, Холмурод Тағоеви найчӣ, Қиёмиддин Одинаеви таблакӣ, Ҳикматулло Атимови карнайнавоз ва ғ. эҳдо гардидаанд. Зикр кардан ҷоиз аст, ки ҳама созҳо дар ҳолати хуб қарор доранд ва навохтани онҳо имконпазир мебошад.

Дар омӯзиши таърихи фарҳанги халқи тоҷик Осорхонаи шахсии таърихӣ-кишваршиносии «Кӯҳсори Аҷам»-и деҳаи Ҷафри ноҳияи Рашт ҷойгоҳи хоссаро касб кардааст. Осорхонаи мазкур 3000 арзишҳои таърихию мардумшиносиро дарбар мегирад, ки бо ташаббуси коллексионер Акобиров Мирзошоҳ аз соли 1981 то ин ҷониб ҷамъоварӣ

шудаанд. Дар баробари дигар осори таърихӣ дар осорхона созҳои мусиқии дутор, думбра, доира, соз, таблак, шаштор низ муаррифӣ карда мешаванд. Яке аз созҳои таърихии осорхона, дутори падари Мирзошоҳ-Акобир мебошад, ки падари Мирзошоҳ бо ин дутор таронаҳои қаландарӣ мехонд. Мактаби қаландарихонии минтақаи Рашт то имрӯз идома дорад ва ин анъанаро Акобиров М. бо дигар ҳунармандони ин минтақа идома дода истодааст. Махсусан ин дутор ва дигар созҳои мусиқии болозикр аз қониби Акобиров М. навохта мешаванд ва намунаҳои санъати қаландарихонии водии Рашт тавассути навозиши созҳои мусиқии миллӣ ба мардум, махсусан ба сайёҳон муаррифӣ мешаванд.

Ба истиснои Осорхонаи шахсии таърихӣ-кишваршиносии «Кӯҳсори Аҷам» дар дигар осорхонаҳои ин ноҳия созҳои мусиқӣ ба чашм намерасад ва бояд дар дигар осорхонаҳо махсусан Осорхонаи маркакзии таърихӣ-кишваршиносии н. Рашт низ созҳои мусиқӣ ҷамъоварӣ шуда, муаррифӣ карда шаванд.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳқиқи коллексияи созҳои мусиқии осорхонаҳои шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ муайян карда шуд, ки дар осорхонаҳои болозикр нодиртарин намунаҳои созҳои мусиқии мардуми тоҷик нигоҳдорӣ ва муаррифӣ карда мешаванд, ки бархе аз онҳо аз ҷумла таблу нағораҳои гилини Осорхонаи миллии Тоҷикистон таърихи беш аз садсола доранд. Илова бар ин дар осорхонаҳо, созҳои мусикие низ мавҷуданд, ки соҳибони онҳо дар рушди фарҳанги мусиқии халқи тоҷик хизматҳои шоёне кардаанд. Вале дар баробари ин ҳама комёбиҳо аз ҷониби муаллифи диссертатсия якчанд мушкилоту норасоиҳои осорхонавӣ дар ин самт ошкор карда шуданд, ки бартараф намудани онҳо ба манфиати кор хоҳад буд:

1.Ҳангоми ҷамъоварии созҳои мусиқии ба осорхонаҳо санаи воридшавии аксар созҳои мусиқӣ дар ҳуҷҷатҳои фонди осорхонаҳо ба қайд гирифта нашудааст. Ин омил дар осорхонаҳи ҳирфавии соҳаи

мусиқӣ аз ҷумла, Осорхонаи ҷумҳуриявии фарҳанги мусиқии ба номи З. Шаҳидӣ ба назар мерасад.

Илова бар ин дар ин самт то ҳол доир ба созҳои мусиқии дар Осорхонаи созҳои мусиқии Гурминҷ Завқибеков мавҷудбуда руйхати мушаххас вуҷуд надорад ва ин ҳолат дар бисёр осорхонаҳои ноҳияҳои тобеи марказ низ ба назар мерасад.

2. Дар мавриди ҳифзу нигоҳдории созҳои мусиқии Осорхонаи мардумшиносии Институти таърих, бастоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва янчанд осорхонаҳои тобеи марказ бояд тазаккур дод, ки маводи онҳо ба тармиму барқарорсозӣ ниёз доранд. Махсусан созҳои мусиқие, ки нодир ҳасатанд бояд ҳарчи зудтар тармим карда шуда, ба намоиш баровarda шаванд.

3. Ҳарчанд ки бинои қаблии Осорхонаи мардумшиносии Институти таърих, бастоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2018 баъд аз тармим дубора ба фаъолият шурӯъ намудааст, аммо фонди он дар зербинои муассиса воқеъ буда, ин номувофиқӣ барои ҳифзу нигоҳдории осори таърихӣ, махсусан созҳои мусиқӣ мусоидат намекунад. Зеро баъд аз дубора мавриди истифода қарор додани осорхона дар ин бино барҳо ашёи осорхонавии фонди он зери об мондаанд. Чунки осорхона на дар бинои алоҳида, балки дар бинои истиқоматии баландошёна фаъолият дорад. Дар раванди омӯзиши созҳои мусиқии осорхонаи мазкур мушоҳида гардид, ки таъсири рутубатнокии бино ба маҳвшавии созҳои мусиқӣ оварда расонида истодааст ва бо роҳи таъмини таҷҳизоти техникии гармидиҳанда ва ҳароратсанҷ бояд ҳарорати фонд муътадил нигоҳ дошта шавад.

4. Дар муаррифии созҳои мусиқӣ низ камбудиҳои зиёд ҷой доранд ва дар аксар ҳолат дар зернавишти созҳои мусиқии толорҳои намоишии осорхонаҳо номи созҳо нодуруст сабт шудаанд.

5. Ба истиснои Осорхонаи миллии Тоҷикистон ва Осорхонаи мардумшиносии Институти таърих, бастоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии дар дигар осорхонаҳои шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ шиносномаи илмии созҳои мусиқӣ тартиб дода нашудааст. Саривақт тартиб надодани шиносномаи илмии созҳои мусиқӣ боиси мушкил гардидани кори омӯзишии созҳои мусиқӣ мегардад.  Аз ҷониби дигар, дар мавриди омӯзишии созҳои мусиқии осорхонаҳои мазкур то кунун феҳристи созҳои мусиқии осорхонаҳои мазкур тартиб дода нашуда, дар маҷмӯъ, коллексияҳои созҳои мусиқии осорхонаҳои зикргардида аз ҷониби ихтисосмандони соҳа мавриди таҳқиқи ҷиддӣ қарор нагирифтааст.

Бо дарназардошти ин далелҳо пешниҳод мегардад, ки минбаъд фаъолияти осорхонаҳои номбурда бояд дар ҷамъоварӣ, ҳифз, экспозитсиякунонӣ, омӯзиш ва оммавигардонии созҳои мусиқии халқи тоҷик ва муаррифии таърихи фарҳанги ғановатманди мусиқии тоҷикон беҳтар ба роҳ монда шавад.

## 2.2. Коллексияҳои созҳои мусиқӣ дар осорхонаҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғд ва Хатлон.

Доир ба омӯзиши таърихи фарҳанги мардуми тоҷик ба вижа таърихи пайдоиши созҳои мусиқии тоҷикон дар осорхонаҳои гуногуни Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва вилоятҳои Суғду Хатлон маводи фаровоне низ маҳфуз мебошанд, ки ҳамчун сарчашмаи муҳим, таҳқиқоти диссертатсионии моро мукаммал мегардонанд. Созҳои мусиқии зиёди такмилӣ ва ҷолибро бештар дар осорхонаҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дидан мумкин аст.

Пеш аз ҳама, бояд қайд намуд, ки санъати мусиқӣ, ба хусус созтарошию сознавозӣ дар Бадахшон дорои таърихи куҳан мебошад ва ҳаёти ҳамарӯзаи мардуми Бадахшонро бе мусиқӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Махсусан, рубобҳои бадахшонӣ басо рамзӣ буда, далели таърихӣ будани ин намуди созҳоро миқдори зиёди тасвирҳои рубоб дар сангнигораҳои деҳаи Лангари ноҳияи Ишкошим низ тасдиқ мекунанд.[1]

Доир ба мусиқӣ ва созҳои мусиқии мардуми Бадахшон таҳқиқоти зиёде аз ҷониби санъатшиносон ва муаррихони варзида, ба мисли Ф.Кароматов, Н. Ҳ. Нурҷонов,[2] Т. Визго,[3] Б.Т. Қобилова,[4] Х. Низомов,[5] Х.Маҳмадамонов,[6] Н. Ҳакимов,[7] Г. Юсуфӣ[8] ва даҳҳо нафари дигар анҷом дода шудаанд. Аммо нақш ва фаъолияти осорхонаҳои ин минтақа дар ҷамъоварӣ, ҳифз ва муаррифии созҳои мусиқии мардуми тоҷик ҳамчун сарчашмаи муҳим ба таври пурра таҳқиқ нашудааст ва ин мавзӯъ бори аввал мавриди омӯзиш қарор мегирад. Аз ин рӯ омӯзиши

---

[1]Ранов, В. А. Бегущие по скалам: Наскальные рисунки Памира / В. А. Ранов. – Душанбе: Дониш, 2016. – 416 с.
[2]Кароматов, Ф., Нурджанов, Н. Музыкальное искусство Памира / Ф. Кароматов, Н. Нурджанов. – М.: Советский композитор, 1978. – Кн.1.
[3]Вызго, Т.С. Музыкальные инструменты Средней Азии / Т. С. Вызго. – М.: Музыка, 1980. – 191 с.
[4]Нурджанав, Н., Кабилова, Б. Музыкальное искусство Памира / Н. Нурджанав, Б. Кабилова. – 2014. - №4-5.
[5]Низомов, Х. Созшиносӣ / Х. Низомов. – Душанбе: Адиб, 2016. – 132 с.
[6]Маҳмадамонов, Х. Созҳои мусиқии Бадахшон / Х. Маҳмадамонов. – Душанбе: Маориф, 2013. – 127 с.
[7]Хакимов, Н. Г. Музыкальный инструментарий таджиков / Н. Хакимов // Таджикская музыка (коллектив авторов). – Душанбе, 2003. – 296 с.
[8]Юссуфи, Г. Памирская традиционная инструментальная культура: Автореф. дисс… канд. искусст / Юссуфи Гулджахон. – М., 2003. – 27 с.

фаъолияти осорхонаҳои Бадахшон дар инъикоси таърихи фарҳанги мусиқии мардуми Бадахшон як паҳлуи мавзӯи таҳқиқотии муаллифи диссертатсия ба шумор меравад.

Дар натиҷаи сафарҳои махсуси пажӯҳишии муаллифи диссертатсия маълум карда шуд, ки дар осорхонаҳои Бадахшон аз 5 то 44 адад созҳои мусиқӣ ҳифз ва муаррифӣ карда мешаванд ва ин маводи мусиқӣ аз созтарошон, сарояндагони машҳури ин минтақа ба мерос мондааст.

Мавриди зикр аст, ки созҳои дар осорхонаҳо ба намоиш гузошташуда ба ҳамдигар монанд набуда, ҳар яке вобаста ба номаш шаклу намуд ва сохти хоси худро дорад. Маъмултарин созҳое, ки дар осорхонаҳо муаррифӣ мешаванд рубоби помирӣ, танбӯри помирӣ, торруд, тор, сетор, баландмақом, баландзиком, рубоби қумрӣ, симруд, панҷруд, масайнғижак, масруд, найруд, хушмақом, дилруд, дутор, думбра, ғижак, лабчанг, даф, доира, таблак, табли дурӯя, қошуқ ва ғ. мебошанд, ки то ба имрӯз дар ҳама гуна ҷашну маросимҳои миллӣ ба таври васеъ истифода мешаванд.

Аввалин осорхонае, ки дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба фаъолият шурӯъ намудааст, ин Осорхонаи вилоятии таърихӣ-кишваршиносии шаҳри Хоруғ аст, ки 6 сентябри соли 1944 бо қарори Комитети Шӯрои депутатхои ВМКБ бо мақсади хифз ва тарғиб намудани ёдгорихои таърихиву сарватҳои табиӣ, муваффакиятҳои бадастовардаи меҳнаткашон дар солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ, инчунин инъикос намудани корнамоиҳои ватандӯстона дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар шаҳри Хоруғ таъсис ёфтааст. Баъди таъсис додани осорхона сарварии ин муассисаро муваққатан ходими сиёсӣ ва давлатӣ Қирғизбек Хушқадамов ба уҳда дошт[1]. Бо қарори раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Ниёзмамадов аз 21 декабри соли 1998 таҳти рақами 169 Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносии вилоят ба номи Қирғизбек Хушкадамов гузошта шуд.

[1]Шоҳнаврӯзов, Ш., Амирбек, А. Хоруғи зебо / Ш. Шоҳнаврӯзов, А. Амирбек. – Душанбе: Поромоушн, 2009. – К.1. – С.263.

То моҳи апрели соли 2016 ин осорхона дар бинои қаблии худ қарор дошт ва аз 22 толори экспозитсионӣ иборат буд. Аз моҳи апрели соли 2016 ин ҷониб Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносии ба номи Қирғизбек Хушкадамови ВМКБ дар бинои Театри давлатии мазҳакавии ш. Хоруғ ба номи М. Назаров фаъолият дорад, ки экспозитсияи он аз як толор иборат аст.

Дар Осорхонаи вилоятии таърихӣ-кишваршиносии ш. Хоруғ 44 адад созҳои мусиқии гуногун ҳифз ва муаррифӣ карда мешаванд, ки ҷамъоварии баъзеи ин маводи мусиқӣ ба солҳои аввалини фаъолияти осорхона рост меояд. Аввалин сози мусиқие, ки ба осорхона ворид гардидааст, як адад сетори ҷолибе мебошад, ки соли 1945 аз ҷониби корманди он Нуряздонов Юсуф ҷамъоварӣ шудааст. Инчунин соли 1947 бо иқдоми ин шахс 1 адад най ва 1 адад танбӯри бадахшонӣ ба осорхона ҷамъоварӣ мешавад, ки созҳои мазкур аз ҷониби осорхона ба маблағи 45 рубл[1] харида шудаанд ва имрӯз созҳои мазкур дар ин макон ҳифз ва муаррифӣ мешаванд. Аммо маълумот дар бораи аз кӣ ҷамъоварӣ гардидани созҳо мавҷуд нест.

Сафоев Муродалӣ яке аз созтарошони моҳири ш. Хоруғ буда, созҳои ӯ низ дар ин осорхона мақоми хосса доранд. Аз ин созтароши ҳунарманд  солҳои 1947, 1950 ва 1967 осорхона 5 адад сози мусиқӣ, аз ҷумла 1 рубоби помирӣ (К-8.1), 2 баландмақоми такмилӣ (К-8.2), 1 танбӯри помирӣ ва 1 дафро дар умум бо маблағи 325 рубл харидорӣ менамояд, ки чанде аз ин созҳо аз ибтидои воридшавӣ то ин ҷониб дар экспозитсияи Осорхонаи вилоятии таърихӣ-кишваршиносии ш. Хоруғ муаррифӣ мешаванд[2]. Дар сохти созҳои мусиқии Сафоев М. бештар нодиракорӣ ба чашм мерасад ва онҳо бо як шаклу услуби хосае сохта шудаанд. Рубобҳои баландмақоми Сафоев М. дар асоси баландмақоми Мубораки Вахонӣ такмил дода шудаанд.

---

[1]Бойгонии ҷории Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносии шаҳри Хорӯғи ба номи Қ. Хушқадомови ВМКБ. – Л.14.
[2] Ҳамон ҷо. – Л.14.

Шанбезода Нодир яке аз шоирони шинохтаи шаҳри Хоруғ буда, аз соли 1947 то соли 1953 дар осорхона ба ҳайси роҳбар фаъолият кардааст ва дар муддати фаолияташ дар ин макон 28 декабри соли 1948 як адад доираро бо маблағи 80 рубл ва соли 1951 як ғижакро бо маблағи 35 рубл ба осорхона ҷамъоварӣ намудааст, ки аз ҷониби осорхона харидорӣ шудаанд[1]. Созҳои мазкур имрӯз дар экспозитсияи осорхона ба намоиш гузошта шудаанд. Вале ба кадом санъаткор ё навозанда мансубият доштани созҳои гирдовардаи Шанбезода Н. ҳам номаълум мондааст.

Соли 1982 аз созтароши деҳаи Баррӯшони ноҳияи Рӯшон Раҷаббеков Давлатбек ба осорхона 5 адад сози мусиқӣ, аз қабили ғижак (К-8.12.), рубоби помирӣ, сетор, танбӯр ва ғижаки такмилӣ бо номи давлатбекғижак ворид карда шудаанд, ки то ҳол муаррифӣ карда мешаванд. Дар байни созҳои мусиқӣ сози такмилии давлатбекғижак ҷолиб аст. Ин соз аз дигар ғижакҳо бо сохташ куллан тафовуд дорад. Ин соз андаке мурудшакл буда, косахонааш он қадар чуқур нест. Танааш ва сарпанҷаи он ба рубоби помирӣ монанд аст (К-8.12). Бари косахонааш 12 см, дарозии косахонааш 18 см ва дарозии умумии соз 85 см мебошад. Ин соз чаҳор тор дошта, камончаи он аз чӯби бед ва мӯйинаи камончааш аз мӯйи думи асп тайёр карда шудааст. Ин соз бори аввал ибтидои солҳои 50-уми қарни XX сохта шудааст.

Дар такмили созҳои мусиқии халқи тоҷик, махсусан минтақаи Бадахшон саҳми сокини деҳаи Сохчарви ноҳияи Шуғнон Амонбеков Нафасбек назаррас мебошад. Якчанд созҳои мусиқии сохтаи ӯ, аз ҷумла рубоби такмилӣ дар шакли гули лола (К-8.10), рубоби такмилии тоҷикӣ (К-8.3 ) ва шаштори (К-8.7) ӯ имрӯз дар Осорхонаи Хоруғ нигоҳдорӣ ва муаррифӣ карда мешаванд, ки барои омӯзиши таърихи созҳои мусиқии тоҷик аҳамияти хосса доранд.

Имрӯз дар намоишгоҳи Осорхонаи шаҳри Хоруғ ҷевони махсус гузошта шудааст, ки дар ин ҷевон 7 адад созҳои мусиқии тамбӯри

[1] Бойгонии ҷории Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносии шаҳри Хорӯғи ба номи Қ. Хушқадомови ВМКБ. – Л.14.

помирӣ (К-8.11), тор (К-8.9), рубоб, думбра (К-8.5), дутор (К-8.6), ёздаҳтор (К-8.8) ва ғижаки Ҳофизи халқии Тоҷикистон (1962), зодаи шаҳри Хоруғ Наврӯзшоҳи Қурбонҳусейн (1911-1992) ба маърази томошо гузошта шудаанд. Октябри соли 1992 пас аз вафоти ҳофизи номдор бо васияти қаблии худи ҳофиз ҷевони ӯро фарзандонаш бо созҳои мусиқиаш ба осорхона барои ҳифзу муаррифии доимӣ супоридаанд ва аз ҳамон сол то ин ҷониб созҳои ҳофиз мунтазам ба маърази тамошо гузошта мешаванд.

Наврӯзшоҳи Қурбонҳусейн яке аз ҳунармандонест, ки дар пешрафти санъати касбии тоҷик хизматҳои шоиста кардааст. Соли 1936 баъди ташкил ёфтани Театри давлатии драмавӣ-мусиқии вилоятӣ Наврӯзшоҳ сараввал ба ҳайси мутриб ва аз соли 1946 то соли 1971 ҳамчун мудири қисми мусиқии театр кору фаъолият кардааст. Наврӯзшоҳ яке аз поягузорони театри болозикр ба шумор меравад. Ӯ борҳо бо овози фораму марғуладораш дар чорабиниҳои ҳунарии ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ва Қазоқистон ширкат карзида, санъати мусиқии тоҷикро муаррифӣ намудааст[1].

Дар осорхонаи намбурда созҳои мусиқии устои чирадаст Масайнов Масайн ҷойгоҳи хоссаро касб кардаанд. Якчанд созҳои мусиқии ин ҳунарманд, аз қабили торрӯд, масайнғижак, рубоби помирӣ ва тақақ дар намоишгоҳи осорхона муаррифӣ карда мешаванд. Созҳои мусиқии Масайнов М. бештар такмилӣ мебошанд. Яке аз созҳои такмилии ӯ торрӯд мебошад, ки ин соз дорои се даста буда, солҳои 70-уми асри ХХ сохта шудааст. Дарозии дастаи аввалаш 24 см, дарозии дастаи дуюм 29 см, дарозии дастаи сеюм 24 см-ро ташкил мекунад. Васегии косахонааш 30 см, дарозиаш 25 см, чуқурии косааш 15-16 см, косааш бо пӯсти тарафи шиками гӯсола пӯшида шудааст (К-8.4). Рӯи хазина бо тахтаи суфташуда пӯшонида шудааст. Ин соз аз 16 тор иборат буда, торҳои дастаи аввал зеҳӣ буда, торҳои дастаи дуюм

[1]Маҳмадамон, С. Ҳунармандони унвондори мактаби эҷодиёти халқии Бадахшон / М. Сайдигул. – Логос, 2014. – С.26-27.

филизӣ, торҳои дастаи сеюм аз рӯдаи гӯсфанд тайёр карда шудаанд. Ҷӯри торҳои 1-ум ва 2-юми дастаи аввал дар нотаи «Си», торҳои 3-4 дар нотаи «Фа», тори 5-ум дар нотаи «До» ҷӯр мешаванд

Сози дигари такмилии усто Масайнов М. масайнғижак мебошад. Масайнғижак сози чаҳортора буда, солҳои 70-уми қарни XX сохта шудааст ва он то имрӯз дар гурӯҳи навозандагони Ансамбли тарона ва рақси халқии ноҳияи Ишкошим ва дастаҳои мусиқии ҳаваскории ноҳияи мазкур истифода бурда мешавад. Масайн номи устои ин соз аст. Ин соз аз ду косахона иборат буда, косаи аввалаш 10 см, косаи дуюмаш 4 см, умқаш 11 см, буда, сарпанҷааш шакли сари аспро дорад, косаи дуюм 6 см ҳаҷм дорад. Ин навъи соз аз ду косахона, даста, сарпанҷа, харакҳо ва торгирҳо иборат аст. Косахонаҳои ин соз ба косахонаи тор шабоҳат доранд. Дарозии умумии соз 45 см мебошад (К-8.14).

Тақақ низ яке аз созҳои ихтироъкардаи Масайнов М. буда, соли 1987 сохта шудааст. Дарозии умумии он 70 см буда, бар ва баландии косахонааш 26 см, дарозии танааш 44 см мебошад. Аз охири косахонааш дар ду тарафи танааш шакли нишонаи мусиқии аврупоӣ (лира) кандакорӣ шудааст (К-8.15). Ба рӯйи косахонаи тақақ чӯби суфтатарошидаи зардолу васл карда шудааст. Ба тақақ аз чӯби чормағз тақақзанак илова карда шудааст, ки шакли тухми мурғи марҷонро дорад.

Сози дигари Масайнов М., ки дар Осорхонаи шаҳри Хоруғ мавҷуд аст, рубоби помирӣ мебошад, ки аз косахона ва хазина иборат аст. Ҷолибияти ин соз дар он аст, ки дар қисмати поёнии дастааш, яъне дар болои хазина нақши навиштаҷоти «Ё Алӣ, мадад» ҳаккокӣ шудааст. Ин навиштаҷот ба эътиқодоти мазҳабии мардуми Бадахшон ва фалсафаи рубоб алоқамандии зич дорад.

Дар Осорхонаи Хоруғ инчунин ду адад сози мусиқӣ: дутор ва тор нигоҳдорӣ ва муаррифӣ карда мешаванд, ки аз тарафи яке аз комбинатҳои шаҳри Хоруғ ба ин ҷо супорида шудаанд. Чуноне ки

маълум аст, дар даврони Шӯравӣ дар назди заводу корхонаҳои гуногун дастаи мутрибон фаъолият менамуд ва эҳтимол ин созҳо аз навозандагони кадом як комбинати Хоруғ ворид шуда бошанд. Аммо, мутаассифона, номи комбинат ва сарчашмаи воридшавии ин созҳо дар китобҳои воридотии осорхона сабт нагардидааст.

Инчунин дар осорхонаи мазкур созҳои мусиқии дутори Шлонов Давлатбек, рубоби сокини шаҳри Хоруғ Абдураҳмонов, рубоби Шукуриддинов Б., сетори Ҳокимбеков Мирзораҳмат, лабчанги Карамхудоев Д., ва Олифтаев Худодӯст ҳифз ва муаррифӣ карда мешаванд[1].

Вале дар самти бақайдгирӣ, омӯзиш ва тармими созҳои мусиқии осорхона норасоиҳои зиёде ба назар мерасад, ки бояд роҳи ҳалли мусбати худро пайдо кунанд.

Осорхонаҳои ноҳияи Ишкошим низ дар ҷамъоварӣ, хифз ва муаррифии созҳои мусиқии миллӣ нақши бориз доранд ва Хона – музеи Мубораки Вахонӣ дар инъикоси фарҳанги мусиқии тоҷикон яке аз беҳтарин осорхонаҳои ноҳия ба шумор меравад.

Хона-музеи Мубораки Вахонӣ аз соли 1989 бо ташаббуси наберагони шоир Маликмаҳмадов Ҳайдар ва Бандишоев Муборакқадам, инчунин котиби Муборакқадами Вахонӣ - Муродалиев Ҳақдодхон ва бо дархости ҳамдиёрони шоир то соли 1993 сохта шуда, октябри соли 1993 бо қарори Маҷлиси вакилони халқи вилоят расман кушода шудааст. Осорхонаи зикршуда асосан бо мақсади инъикос намудани ҳаёт ва фаъолияти илмӣ, адабӣ ва мунаҷҷимии ҳофиз, шоир, файласуф ва мунаҷҷим Мубораки Вахонӣ бахшида шудааст.

Дар осорхона беш аз 500 экспонат ҳифз ва муаррифӣ карда мешавад. Аз ин теъдод агар як қисмашон ба Мубораки Вахонӣ тааллуқ дошта башанд, қисми дигарашон маводи гаронбаҳои мардумшиносӣ буда, аз мардуми маҳаллӣ ҷамъоварӣ шудаанд. Дар осорхона 19 адад

---

[1]Бойгонии ҷории Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносии шаҳри Хоруғи ба номи Қ. Хушқадамови ВМКБ, солҳои 1944-2016 гг. – Л.45-72.

сози мусиқӣ нигоҳдорӣ ва муаррифӣ карда мешаванд ва навохтани ин созҳои мусиқӣ инконпазир аст. Қадимтарин созҳое, ки дар осорхона ба намоиш гузошта шудаанд, рубоби баландмақом ва рубоби хурди (К-9.5) дигаре мебошанд, ки ин созҳоро Муборакқадами Вахонӣ охири асри XX сохтааст.

Муборакқадам ибни Абдулло (бо тахаллуси Мубораки Вахонӣ ва лақаби Сӯфӣ Муборакқадам, тав. 1843 дар Ямги н. Ишкошим – ваф. 1903) шоир, файласуф, мунаҷҷим, наққош ва олими машҳури минтақаи Бадахшон буда, дар овони ҷавониаш илмҳои фалсафа, шеър, нуҷум ва забони арабиро азхуд кардааст. Дар баробари соҳиби ҳамаи ин ҳунар будан ӯ истеъдоди баланди наққошӣ низ дошт. Муборакқадам солҳои охири умрашро ба равияи тасаввуф (мавлавия) бахшидааст. Бинобар ин, аз ӯ осори фалсафиву тасаввуфӣ ва чиллахонаҳо боқӣ мондаанд. Мероси адабии Мубораки Вахонӣ 15 асарро дарбар мегирад, ки аз 3 девон, як маснавӣ, як асари насрӣ ва 10 достон иборатанд. Онҳо аз 350 то 11223 байтро фаро гирифтаанд[1].

Муборакқадам дар баробари мунаҷҷим ва шоир буданаш, инчунин мусиқиро низ хуб мефаҳмид ва санъати хуби навозандагӣ ҳам дошт. Маҳорати наққошӣ ва дарки баланди мусиқидонӣ ӯро ба сохтани созҳои мусиқӣ водор намуд ва махсусан ӯ бо мақсади ба мусиқӣ ҳамнаво намудани назмҳои сӯфиёнааш бо дастони мубораки худ рубобча ва рубоби баландмақом сохтааст, ки дорои аҳамияти муҳимми таърихӣ мебошанд.

Аввалин сozе, ки ӯ сохтааст, ин рубоби баландмақом мебошад ва Муборакқадам аввалин ихтироъкунандаи сози мусиқии баландмақом мебошад. Баландмақоми сохтаи ӯ намуди ҷолиб ва садои форам дошта, таърихи зиёда аз 150-сола дорад. Имрӯз ин сози нодир дар Хона-музеи Мубораки Вахонӣ нигоҳдорӣ ва навохта мешавад (К-9.3).

Чуноне ки санъатшиносон Кароматов Ф. ва Нурҷонов Н. дар китоби «Санъати мусиқии Помир» қайд кардаанд: “Муборакқадам

[1]Ишкошим. – Душанбе: Нодир, 2011. – С.281.

рубоби баландмақомро дар асоси рубоби баландзикоми помирӣ ва рубоби афғонӣ (бадахшонӣ) дар шакли тамоман дигар сохтааст”.[1] Инчунин муаллифони китоби «Санъати мусиқии Помир» аз нақли созтароши куҳансоли деҳа навиштаанд: «Вақте ки Мубораккадам рубобро сохта тамом кард, ин айём роҳбари деҳаи Яхшиволро даъват намуданд. Онҳо якҷоя бо Мубораккадам рубобро ҷӯр намуданд ва навохтанд. Ҳангоми навохтан рубоб чунон садои баланди форам дошт, ки атрофро фаро мегирифт».[2] Аз нақли пири деҳа хулоса кардан мумкин аст, ки азбаски рубоби Мубораккадам садои баланд дошт, онро баландмақом ном гузоштааст. Чунки «баландмақом» истилоҳи вахонӣ буда, маънояш «баландсадо» мебошад. Равшантар иброз намоем, решаи «баланд» ҳамон истилоҳи маъмулии тоҷикии баланд аст ва ҳиҷои «муқом» ба маънои «лаҳн» ва «садо» омадааст.

Дар асоси рубоби баландмақоми Мубораккадам яке аз наберагонаш Маликмамадов Айдимамад соли 1997 баландмақоми навро бо номи акси баландмақом сохта, дар осорхона ба намоиш гузоштааст, ки ба баландмақоми Мубораккадам монандӣ дорад. Сабаби сохтани чунин соз аз ҷониби Маликмамадов А. дар он аст, ки то соли 2018 баландмақоми Мубораккадам дар осорхона мавҷуд набуд, балки дар хонаи яке аз наберагонаш нигоҳдорӣ ва навохта мешуд. Бинобар ин Маликмамадов А. хостааст, ки баландмақоми навро сохта, ба тамошобинони осорхона намунаи баланмақоми Мубораккадамро нишон диҳад. Маликмамадов А. роҳбари осорхона буда, шахси санъатдӯст ва созтароши моҳир аст. Инчунин дар осорхона якчанд созҳои тарошидаи ӯ, ба монанди баландзиком, рубоб, танбӯр ва ғайра ба маърази тамошо гузошта шудаанд ва ҳар тамошобине, ки ба ин даргоҳ ворид мегардад, Айдимамад ҳатман ба он тамошобин созҳои мусиқиро менавозад. Асосан созтарошию сознавозии Маликмамадов А. аз бобокалонаш Мубораки Вахонӣ ба мерос мондааст.

---

[1]Кароматов, Ф., Нурджанов, Н. Музыкальное искусство Памира / Ф. Кароматов, Н. Нурджанов. – М.: Советский композитор, 1978. – Кн.1. – С.15.
[2]Ҳамон ҷо.- С.16

Инчунин дар осорхона якчанд созҳои мусиқии тутак (тутакро бадахшониён сурнай мегӯянд) аз Давлатбеков А. (К-9.1) ва Бандишоев Рустам (К-9.2), баландзикоми Ашравхонов Хушёрхон (К-9.4), рубоби баланмақоми дудастаи Муборакқадами Бандайшо (К-9.6), панҷтори Бандишои Рустам (К-9.7), ғижак, лабчанг (К-9.8) ва ғайра ба намоиш гузошта шудаанд, ки аз ҷониби ин созтарошон ва шахсони санъатдӯсти моҳири минтақа сохта шуда, барои муаррифӣ ба осорхонаи мазкур ҳадя шудаанд.

Агар ба таърихи созтарошии деҳаи Ямг назар андозем тибқи насабномаҳои авлодии Атитан-бобои 140-солаи зодаи ин деҳа бармеояд, ки дар садаҳои дувоздаҳ ва сездаҳи мелодӣ дар деҳоти Вахон 43 нафар мутриб ва устои созтарош фаъолият менамуданд. Беҳтарин созтарошон Амирхони Давлатхон, Ашрафбеки Субадор, Доробхони Гулхонҷон, Арабшоҳи Давлатшоҳ, Худобурдии Носиралӣ будаанд. Насабномаи авлодие, ки дар ихтиёри Ҳофизи халқии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадёри Хуҷамёр аст, дар он доир ба мақоми мусиқӣ, бузургии сози мусиқӣ, эҳтироми созтарош дар байни мардум андешаҳои ҷолиб баён шудаанд[1].

Бо мақсади ҳарчи бештар ҳифзу муаррифӣ намудани анъанаҳои миллӣ, махсусан фарҳанги мусиқии минтақа аз соли 2000-ум бо ташаббуси роҳбари осорхона Маликмамадов Айдимамад дар назди осорхона бо ҷалби сокинони синну соли гуногуни санъатдӯсти деҳа дастаи фолклории ҳаваскорони санъат бо номи «Сафинаи умед» таъсис дода шуааст, ки дар дастаи мазкур дар фалаксароӣ Субадори Қалъадор, Савлатов Гулмаҳмад, дар қасидасароӣ Аминшоев Амоншо, Маликмаҳмадов Ҷонмаҳмад, дар булбуликсароӣ Каромова Мобека, Шарипова Гулҷаҳон, Ғуломасайнова Гуластон, дар рақс бошад, Наргиси Амингулхон, Анҷелаи Фақермаҳмад ва дар аспакбозӣ Равшанов Некбахтшо дар ҷашну маросимҳо, маъракаву ҷамъомадҳои деҳа бо маҳорати баланд ҳунарнамоӣ менамуданд.

[1]Маҳмадамонов, Х. Созҳои мусиқии Бадахшон / Х. Маҳмадамонов. – Душанбе: Маориф, 2013. – С.27.

Бино ба гуфтаҳои роҳбари бадеии дастаи ҳунарӣ Маликмамадов Айдимамад аз соли 2005 то ин ҷониб сайёҳони хориҷӣ аз Осорхонаи Мубораки Вахонӣ дидан менамоянд ва дастаи ҳунарӣ бошад, дар назди меҳмонони ташрифоваранда ҳунарнамоӣ намуда, жанрҳои гуногуни мусиқии моро бо истифода аз навозиши созҳои мусиқии рубоби помирӣ, танбӯри помирӣ, баландмақом, баландзиком, даф ва ғ. муаррифӣ менамоянд. Бояд зикр намуд, ки дар Бадахшон Хона-музеи Мубораки Вахонӣ ягона осорхонаест, ки дар назди ин муассисаи фарҳангӣ дастаи ҳунарӣ фаъолият мекунад.

Мушкилоти сар задани рутубатнокие, ки дар осорхонаи Минаков Мусаввар ба назар мерасад, дар Осорхонаи Мубораки Вахонӣ низ дида мешавад ва асосан дар фасли сармо намнокии бино меафзояд ва боиси маҳвшавии осори пурарзиши осорхона, махсусан созҳои мусиқӣ гардидааст.

Дар деҳаи Лангари н. Ишкошим Хона-музеи Шоҳқамбари Офтоб низ фаъолият дорад, ки нақши ин осорхона дар ҳифзу муаррифии созҳои мусиқӣ назаррас аст. Осорхона бо ташаббус ва маблағгузории яке аз сокинони ҳамин деҳа Холмаҳмадов Зиёратшоҳ, ки феълан дар шаҳри Хуҷанд истиқомат дорад, сохта шудааст ва октябри соли 1994 расман ифтитоҳ ёфтааст. Осорхона ба он хотир ба номи Шоҳқамбари Офтоб гузошта шудааст, ки дар назди мазори Шоҳқамбари Офтоб сохта шудааст ва Шоҳқамбари Офтоб аз Хуросонзамин барои тарғиби дини ислом, махсусан мазҳаби исмоилия ба ин ҷо омадааст. Бинобар ин осорхона ба номи Шоҳқамбари Офтоб гузошта шудааст.

Дар Осорхонаи Шоҳқамбари Офтоб зиёда аз 450 адад арзишҳои таърихӣ-мардумшиносӣ ҳифз ва муаррифӣ мешаванд, ки аз ин шумора 6 ададашон созҳои мусиқии рубоб, рубобча, баландмақом, баландзиком, доира, таблаки чӯбин буда, ҳамаи онҳо пурра ба намоиш гузошта шудаанд.

Қадимтарин сози осорхона рубоби баландмақом мебошад, ки ҳанӯз ҳангоми ифтитоҳи осорхона аз ҷониби созтарош, сароянда ва

навозандаи машҳури водии Вахон Муборакқадами Бандайшо (набераи Муборакқадами Вахонӣ) ба осорхона туҳфа гардидааст. Дар ифтитоҳи осорхонаи мазкур Муборакқадами Бандайшо ташриф оварда, бо баландмуқоми худ мадҳияхонӣ кардааст ва созашро ба Осорхона ҳамчун ёдгорӣ аз ӯву ҳунараш ҳадя намудааст. То имрӯз ин соз дар ин макон ба намоиш гузошта мешавад. Дигар созҳои мусиқии мавҷуда аз ҷониби созтароши маҳаллӣ Абдулмуҳаммад сохта шудаанд. Созҳои мусиқии осорхонаи мазкур барои навохтан имконпазиранд ва онҳоро роҳбари осорхона Муллоев Ёдгор, ки худ шахси санъатдӯст аст, дар назди тамошобинон менавозад ва муаррифӣ менамояд.[1]

Ҳамчунин дар деҳаи Намадгути ноҳияи Ишкошим Хона-музеи Шоҳи Мардон фаъолият дорад, ки 15 ноябри соли 2005 ифтитоҳ ёфтааст ва дар ин осорхона низ созҳои мусиқии ҷолиби таърихҳӣ ҳифз ва муаррифӣ карда мешаванд. Дар осорхона зиёда аз 480 нигора мавҷуд аст, ки 5 ададашро созҳои мусиқӣ ташкил менамоянд. Куҳантарин созе, ки дар осорхона ба намоиш гузошта шудааст, ин як адад рубоби бадахшониест, ки таърихи зиёда аз 100 – сола дорад ва аз мардуми маҳаллӣ ҷамъоварӣ шудааст, вале аз кӣ ҷамъоварӣ шудани соз маълум нест. Инчунин дар осорхона 2 адад рубоби бадахшонӣ ҳаст, ки яке ба сарояндаи машҳури деҳа Мирзомаҳмадов Муродмаҳмад, сози дигар бошад, ба ҳофиз ва қасидасаро Мулло Қаровул мансубият доранд. Саъдиев Биёбонӣ ва Қурбоншоев М. низ санъаткорони шинохтаи деҳа буда, ҳар ду иштирокдори Даҳаи адабиёт ва санъати тоҷик дар ш. Москва (1941) мебошанд ва аз ин санъакорон 2 адад най мерос мондааст, ки дар осорхона ба маърази тамошо гузошта шудаанд.[2]

Дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ноҳияи Рӯшон яке аз ноҳияҳоест, ки мусиқӣ дар ин минтақа пешрафт карда, санъаткорони зиёде, ба монанди Ғуломҳайдар Ғуломалиев, Мастибек Паллаев, Хукуматшоҳ Бандишоев, Муборакшо Ҷумъаев, Заррагул Искандарова

[1] Суҳбат бо роҳбари Хона-музеи Шоҳқамбари Офтобӣ Муллоев Ёдгор. – 2016. – 25 август.
[2] Суҳбат бо роҳбари Хона-музеи Шоҳи Мардон – Мирзоев Одинамамад. – 2016. – 23 август.

Нуқра Раҳматова зодагони ҳамин ноҳия буда, дар он ҷо камол ёфтаанд ва дар пешрафту рушди мусиқии касбии тоҷик хизмати босазо кардаанд ва санъату фарҳанги Тоҷикистонро дар бисёр кишварҳои олам муаррифӣ намудаанд.

Минаков Мусаввал (1933-2012) аз ҷумлаи чунин санъаткоронест, ки на танҳо дар Тоҷикистон, балки берун аз кишвар ӯро ҳамчун Ошиқ Мусаввал мешиносанд. Ӯ баробари сарояндагӣ, инчунин беҳтарин созтароши минтақа ба шумор мерафт. Мавсуф аз худ мероси арзишманде боқӣ гузоштааст, ки ҳоло ин мерос як осорхонаи махсусро бо номи Осорхонаи созҳои мусиқии Минаков Мусаввал ташкил менамоянд.

Осорхонаи мазкур дар бинои истиқоматии дуредгар ва созтароши чирадаст, навозандаи моҳири созҳои мусиқии миллӣ, Ҳофизи халқии Тоҷикистон Минаков Мусаввал дар деҳаи зебоманзари Шуҷанди ноҳияи Рӯшон воқеъ мебошад. Осорхона аз моҳи марти соли 2011 созмон дода шуда, аз 18-уми январи соли 2012 бо қарори раиси ноҳияи Рӯшон таҳти №10 ба расмият дароварда шудааст.

Намоишгоҳи осорхона аз 2 хона иборат буда, ҳонаи якуми осорхона оид ба зиндагӣ ва фаъолияти меҳнатию эҷодии Минаков Мусаввал маълумот медиҳад. Дар ҳуҷраи дуюми осорхона бошад, созҳои мусиқии гуногуни маҳсули дасти ҳунарманд, пӯшокҳо ва лавозимоти рӯзгори ҳофиз ба намоиш гузошта шудаанд, ки асоси экспозитсияи осорхонаро ташкил менамоянд. Инчунин дар ҳуҷраи мазкур якчанд аксҳо низ ба тамошо гузошта шудаанд, ки аз лаҳзаҳои гуногуни рӯзгор ва эҷодиёти ҳофиз ҳикоят мекунанд.

Дар осорхона созҳои мусиқӣ ҷойгоҳи хоссаро касб карда, 30 ададро дарбар мегиранд. Созҳои мазкур вобаста ба гурӯҳбандӣ: созҳои торӣ-мизробии дутор (К-10.1), панҷтор (К-10.2), ҳафтор (К-10.3), нӯҳтор (К-10.4), танбӯр (К-10.5), созҳои торӣ-камонии ғижаки бадахшонӣ (К-10.6), ғижаки гирда (К-10.7), созҳои зарбии даф, доира (К-10.8), таблак (К-10.10), қошуқ (К-10.11) ва ғайраро дарбар мегиранд.

Табли дуруя (духул) яке аз созҳои қадимаи тоҷикон буда, оид ба қадимӣ будани ин намуди соз тасвири зани таблнавози арақаи Ҳайратон (асри 2 мелодӣ) ва нақши навозандаи духули Панҷакенти қадим (асрҳои 7-8) асноди раднопазир маҳсуб меёбанд[1]. Духуле, ки Минаков Мусаввал, сохтааст ба табли дурӯяи арақаи Ҳайратон хело монандӣ дорад ва бояд зикр намуд, ки ин соз ягона созе буд, ки дар Бадахшон танҳо дар Осорхонаи Минаков Мусаввал ба мушоҳида мерасад (К-10.9).

Агар ба таърихи қошуқ нигарем, ҳамчун сози мусиқӣ он дар фарҳанги мусиқии мардуми тоҷик ҳанӯз аз даврони Сосониён хело маъмул буд. Доир ба ин сози мусиқӣ санъатшиноси тоҷик, профессор Аскаралӣ Раҷабов дар мақолаи худ «Санъати мусиқӣ дар аҳди Сосониён» бо истифода аз таҳлили маводи зиёди бостоншиносӣ далелҳои муътамад овардааст.[2]

Созҳои мусиқии торӣ-мизробӣ, ки дар маҷмӯъ номи сеторро гирифтаанд, 8 адад буда: 3 адад шаштор, 2 адад панҷтор, 2 адад ҳафттор ва 1 адад ҳаштторро дарбар мегиранд ва аз нигоҳи касбӣ бо сифати баланд таҳия шудаанд.

2 адад сози мусиқии дутор, ки аз ҷониби Минаков М. сохта шудаанд, нисбат ба дуторҳои маъмулии мардуми тоҷик фарқият дошта, хазинаи яклухти бузург дошта, хазинаи ин намуди созҳо мурудшакл буда, ба хазинаи сози мусиқии сетор монандӣ дорад.

Танбӯре, ки аз ҷониби Минаков М. сохта шудааст, нисбат ба дигар танбӯрҳои бадахшонӣ куллан фарқ мекунад. Ин соз нисбатан дастаи кӯтоҳ дошта, аз ду хазина иборат аст, ки хазинаи асосӣ каме калонтар аст. Сози мазкур ба қисмҳои алоҳида ҷудо нашуда, аз чӯби яклухт сохта шудааст. Соз дорои 6 тори рӯдагин буда, дар қисмати болои хазинаи дуюм калимаи «Ваҳдат» ҳаккокӣ шудааст.

Минаков Мусаввал ҳунари дуредгарӣ, махсусан созтароширо аз падараш Минак меомӯзад ва Минак бошад, ин ҳунарро аз падари худ

[1]Низомӣ, А. Таърихи мусиқии тоҷик / А. Низомӣ. – Душанбе: Адабиёти бачагона, 2014. – С.82-84
[2] Раҷабов, А. Созҳои мусиқии замони Сосониён / А. Раҷабов // Искусство таджикского народа. – Душанбе: Дониш, 1979. – Вып.4. – С.191.

Назаршо ба мерос гирифтааст.[1] Имрӯз ҳунари дӯстдоштаи Минаков Мусаввалро писараш Минаков Нуриддин идома дода, сохтани намудҳои гуногуни созҳои мусиқии миллиро, ба монанди рубоби помирӣ, тамбӯр, баландзиком, сетор, ғижак, даф ва ғайра идома медиҳад.

Дар оммавигардонии фарҳанги мусиқии мардуми тоҷик, ба хусус мусиқии Бадахшон Осорхонаи Минаков М. ҷойгоҳи хосса дорад. Дар осорхона то рӯзи марг Минаков Мусаввал сурудҳои фолклории мардуми Бадахшон, аз қабили фалак, лалаик, даргилик ва ғайраро дар назди тамошобинони дохилию хориҷӣ замзама мекард. Бо даргузашти Минаков М. садои мусиқӣ дар осорхонаи ӯ хомӯш нашуда, то имрӯз он ҷо садои мусиқӣ танинандоз аст. Чунки ин анъанаро писараш Минаков Нуриддин идома медиҳад ва ӯ қобилияти хуби сароянд агию навозандагӣ дорад.

Дарвоқеъ, коллексияи созҳои мусиқии Минаков Мусаввал арзиши баланд ва аҳамияти муҳими таърихӣ доранд. Вале бо сабаби дар фасли зимистон намнок гардидани бинои осорхона осеб додани бисёре аз созҳои мусиқӣ ба чашм мерасад. Бо ба инобат гирифтани муҳимияти созҳои мусиқии Минаков М. мақомоти иҷроияи ноҳияи Рӯшон ва шуъбаи фарҳанги ноҳияи мазкурро лозим аст, ки барои аз маҳвшавӣ нигоҳ доштани созҳои мусиқии Осорхонаи Минаков Мусаввал ва дигар мероси мусиқии арзишманди Минаков М. онро бо бинои замонавӣ таъмин намоянд ва барои ҳалли мусбат пайдо кардани мушкилоти осорхона чораҳои мушаххас андешанд.

Дар натиҷаи омӯзиши созҳои мусиқии осорхонаҳои Бадахшон бармеояд, ки фаъолияти онҳо ба гирдоварӣ, нигоҳдорӣ ва муаррифию оммавигардонии созҳои мусиқӣ равона шуда, осорхонаҳо дар ин самт нақши калоне доранд. Вале дар қатори ин дастовардҳо мушкилоти зиёде низ вуҷуд доранд, ки бояд бартараф карда шаванд:

[1]Суҳбат бо писари Минаков Мусаввар Минаков Нуриддин. – 2016. – 29 август.

1. Дар самти гирдоварӣ норасоӣ аз он иборат аст, ки созҳои мусиқии навозандагон ва сарояндагони халқии минтақа ба миқдори хеле кам ҷамъоварӣ шудаанд.
2. Дар кори ҳуҷҷатнигории осорхонавӣ камбудии асосӣ он аст, ки созҳои мусиқӣ аз шахсони гуногун ҷамъоварӣ шудаанд, аммо дар ҳуҷҷатҳои фондӣ дақиқ ва возеҳ дар ин бора маълумоте қайд карда нашудаанд. Чунин камбудӣ дар Осорхонаи маркизии вилоятии шаҳри Хоруғ бештар ба назар мерасад.
3. Шиносномаи илмии созҳои мусиқии осорхонаҳои вилоят таҳия нашудааст.
4. Як қисми созҳои мусиқии аҳамияти таърихидошта дар мисоли созҳои мусиқии осорхонаи шаҳри Хоруғ тармимталаб буда, барои муаррифӣ ва омӯзиш ба тармим ниёз доранд.

**Осорхонаҳои вилояти Суғд**

Осорхонаи таърихии вилояти Суғд нахустин осорхонаест, ки дар вилояти Суғд ҳанӯз соли 1931 дар шаҳри Хуҷанд дар заминаи коллексияи таърихии Мирзохоҷа Собиров таъсис ёфтааст. Гарчанде доир ба коллексияҳои таърихии нахустини осорхонаи болозикр мақолаҳои зиёд нашр шуда бошад ҳам, аммо номгӯи созҳои мусиқӣ дар мақолаҳои доир ба коллексияҳои нахустини осорхона нашргардида қайд нашудаанд. Осорхонаи таърихии вилояти Суғд соли 1931 дар бинои масҷиди Шайх Муслиҳиддин[1] расман ба фаъолият оғоз намудааст ва тибқи ҳуҷҷатҳои фонд созҳои мусиқӣ ба осорхона аз солҳои 50-уми асри XX ворид гардидаанд.

Дар Осорхонаи таърихии вилояти Суғд наздики 28 адад созҳои мусиқии гуногун ҳифз ва муаррифӣ карда мешаванд.

Дар асоси қарори Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 1952, №16 «Дар бораи беҳтарсозии вазъи осорхонаҳои Тоҷикистон» экспозитсияи намоишии осорхона бо

[1] Ахбори Осорхонаи таърихии вилояти Суғд. – Хуҷанд, 2017. - №3 (103). – С.75.

сарварии Бобоев А. бозсозӣ мешавад.[1] Созмон додани экспозитсияи нав барои муаррифии созҳои мусиқии осорхона низ мусоидат намуд.

Тибқи ахбороти санадҳои фонди осорхонаи мазкур аввалин созҳои мусиқӣ 12 сентябри соли 1959 аз созтароши машҳури шаҳри Хуҷанд Шокиров Абдуқодир ба теъдоди 10 адад, аз қабили тор, дутор, танбӯр, ғижак, рубоби тоҷикӣ (К-11.3), рубоби қошқарӣ (К-11.4), чанг, най, доира (К-11.11) ва қошуқ (К-11.12) бо маблағи 778 рубл харидорӣ шудааст.[2] Созҳои мазкур аз ибтидои воридшавӣ дар экспозитсия ба маърази тамошо гузошта шуданд. Созҳои Шокиров А. имрӯз пурра дар фонди Осорхонаи таърихии вилояти Суғд ҳифз мешаванд.

Ҳамзамон, соли 1962 ба Осорхона боз якчанд сози мусиқӣ, аз қабили 1 адад ғижак, 1 адад дутор, 2 адад табл (К-11.12), ҷамоварӣ шудааст, ки то ҳол дар Осорхона ҳифз мешаванд. Ҳамчунин дар ин радиф се карнай (К-11.1), низ дар осорхона нигоҳдорӣ ва муаррифӣ карда мешавад, ки сарчашмаи ворид шуданашон ба осорхона маълум нест. Вале, мутаассифона, аз куҷо ва аз кӣ ҷамъоварӣ шудани созҳо то ҳол маълум нест.[3] Яке аз муҳимияти кори осорхонаҳо-ин дуруст ба қайд гирифтани ашёи воридшаванда мебошад. Агар ин омил дуруст ба роҳ монда нашавад, муаррифии осори таърихӣ мазмуну моҳияти худро гум мекунад, махсусан созҳои бемуаллиф, ки мушаххас будани шахсияти муаллиф барои омӯзиш ва муаррифӣ намудани чунин арзишҳои маънавии мардум аҳамияти хосса доранд.

Имрӯз дар фонди Осорхонаи таърихии вилоят сурнайи (К-11.2) донандаи мусиқии халқии тоҷик, Артисти Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон Наимҷон Азимов (1910-1993) ҳифз карда мешавад, ки октябри соли 1983 ба ин макон ҷамъоварӣ шудааст.[4] Ӯ навозандаи моҳир буда, навохтани созҳои сурнай, най, рубоб, танбӯр, ва

[1]Ахбори Осорхонаи таърихии вилояти Суғд. – Хуҷанд: Ношир, 2016 . - №2. – С.17.
[2] Фонд Исторического музея Согдийкий области. Книга поступлении. - №1. – С.58.
[3]Ҳамон ҷо. С.71-73.
[4] Ҳамон ҷо. - №2. – С.93.

дуторро аз Т. Содиқов омӯхтааст[1] ва муаррифии созҳои мусиқии ӯ дар осорхона хеле муҳим аст.

Баъди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳарчи бештар ҷамъоварӣ намудани арзишҳои миллӣ, ба хусус созҳои мусиқӣ дар осорхонаҳо фазои мусоиде фароҳам омад. Бо мақсади амалӣ намудани ин иқдом Осорхонаи таърихӣ моҳи декабри соли 2014 аз созтароши машҳури Хуҷандшаҳр, Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдусамадов Абдуғаффор 10 адад сози мусиқӣ, ба монанди най, рубоб, дутор (К-11.5), думбра, тор (К-11.6), сетор, соз, танбӯр (К-11.7), доира ва таблакро бо маблағи 7120 сомонӣ  харидорӣ намудааст.[2]

Имрӯз дар Осорхонаи таърихӣ танбӯр ва сози торӣ-камонӣ- сатои (К-11.8) яке аз намояндагони барҷастаи мусиқии шаҳри Хуҷанд, устоди «Шашмақом» Маъруфхоҷа Баҳодуров (1920 - 1996) ҳифз мешаванд, ки созҳои мазкур  октябри соли 2016  бо ташаббуси роҳбари осорхона Мансурҷон Бойматов ҷамъоварӣ шуда, аз ҷониби Комисияи фондӣ ва хариди осорхона  ба маблағи 4900 сомонӣ харидорӣ шудаанд.[3] Сози мусиқии сато бори аввал аз тарафи созтароши тоҷики шаҳри Тошкент Усто Усмон ҳамчун танбӯри камонӣ сохта шудааст.[4]

Ҳофизи Халқии ҶШС Тоҷикистон Маъруфхоҷа Баҳодуров яке аз навозанда, сароянда, ва оҳангсози мардумии машҳури тоҷик дар асри XX ба шумор рафта, сурудҳои зиёдеро, аз қабили «Дилбари ҷонони ман» (ғазали Ҳофиз), «Эй дил, хомӯш шав» (ғазали Лоҳутӣ), «Фидои ту» ғазали Бедил), «Тасаддуқ» (ғазали Машраб) эҷод карда, сурудҳои «Шашмақом»: «Баёт», «Ушшоқ», «Чоргоҳ», «Дугоҳ», «Ироқ»,

---

[1]Донишномаи Шашмақом / Мураттибон А. Абдурашидов, А. Раҷабов, Ф. Азизӣ, Н. Ҳакимов. – Душанбе, 2009. – С.26.

[2]Фонд Исторического музея Согдийкий области.Книга поступления. - №4. – С.15.

[3] Ҳамон ҷо. – С. 28.

[4]Абдукодиров, М. Специфические паратметры бухарского танбура / М. Абдукодиров // Борбад и художественные традиции народов Центральной и Передней Азии: История и современность (материалы Международного симпозиума, посвященного 1400-летию Борбада). – Душанбе, 1990. – К.1. – С.31.

«Нимчӯпонӣ», «Гулёри Содирхон», «Шаҳнози Содирхон»-ро бо маҳорати баланд иҷро намудааст.[1]

Яке аз роҳҳои дигари муаррифӣ намудани созҳои мусиқӣ дар осорхона тавассути баргузории намоишу чорабиниҳои гуногун сурат мегирад. Наврӯз яке аз ҷашнҳои бостонии мардуми тоҷик буда, ин ҷашни суннатӣ дар Осорхонаи таърихӣ ҳар сол бо тантана таҷлил мегардад ва навозандагону сароянадагони машҳури шаҳри Хуҷанд дар рӯзҳои ҷашн ба ин макон ташриф оварда, ҳунарнамоӣ мекунанд.

Чи тавре ки корманди собиқадори осорхона Мирзоева Кароматхон зикр кард, «солҳои пеш дар осорхона намоишҳои муваққатӣ баргузор мегардид ва дар чунин намоишҳо карнайнавозону доирадастон ҷалб шуда, ба ифтитоҳи намоиш ҳусни оғоз мебахшиданд, ки чунин иқдом то ҳол идома дорад».[2] Соли 2017 аз ҷониби Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар минбари баланди Созмони Милали Муттаҳид даҳсолаи байналмилали амал «Об барои рушди устувор» пешниҳод гардид, ки ин иқдом аз ҷониби аҳли сайёра пазируфта шуд. Бо мақсади тарғиби ин иқдом 15-уми сентябри соли 2017 дар Осорхонаи таърихии вилояти Суғд аз ҳисоби мусаввараҳои фонди Осорхонаи миллии Тоҷикистон намоиши ҷолибе таҳти унвони «Тасвири об дар асарҳои рассомони Тоҷикистон» баргузор гардид, ки дар ин намоиш найнавозони моҳир Абдувосит Дадабоев ва Холиқов Акбарҷон - омӯзгори Коллеҷи санъати ба номи Содирхон Ҳофизи шаҳри Хуҷанд ҷалб карда шуда, дар рафти намоиш онҳо сози мусиқии найро навохта, ба тамошобинон ҳаловатӣ маънавӣ бахшиданд.

Аз омӯзиши мавзӯи мазкур бармеояд, ки дарҳақиқат Осорхонаи таърихии вилояти Суғд дар ҷамъоварӣ, ҳифз ва муаррифии созҳои мусиқии миллӣ нақши калидӣ дорад. Имрӯз дар гӯшаи намоишии асрҳои XIX- и осорхона 1 табл ва 1 карнай ба намоиш гузошта шудааст, ки ба намоиш гузоштани чунин намуди созҳо сабаби худро дорад. Яъне

[1]Раджабов, А. Деятели таджикского традиционного музыкального искусства: история и современность / А. Раджабов // Таджикская музыка. – Душанбе, 2003. – С.106.
[2] Суҳбат бо ходими илмии Осорхонаи таърихии Вилояти Суғд Мирзоева К. – 2017. – 17 апрел.

мардуми Хуҷанд аз қадим тавассути сози зарбии таблу нағора ё карнаю сурнай дар ҷашни Наврӯз ё тӯю маъракаҳои мардум ҳунарнамоӣ мекарданд. Аз ҷониби дигар, сози зарбии нағора ё табл ҳанӯз аз ибтидои асри 20 то имрӯз дар байни мардум истифода намешавад ва рисолати бузурги осорхона дар он аст, ки чунин намуд созҳои нодири тоҷиконро ҳифз ва муаррифӣ менамояд.

Гарчанде ки масоҳати намоишгоҳи осорхонаи мазкур барои муаррифии ҳама намуд созҳои гуногуни миллӣ ғайриимкон аст, созҳои мусиқии устодони санъат Маъруфхоҷа Баҳодуров ва Наимҷон Азимовро дар экспозитсияи осорхона ба намоиш гузоштан муҳим аст, чунки ин ҳунарварон дар рушди мусиқии суннатии тоҷиқ, махсусан «Шашмақом» хизматҳои бузурге кардаанд.

Яке аз осорхонаҳои муҳими вилояти Суғд ин Осорхонаи ҷумҳуриявии таърихӣ-кишваршиносии шаҳри Панҷакент мебошад, ки соли 1936 таъсис дода шудааст[1]. Осорхона соли 1939 номи Осорхонаи ноҳиявии таърихӣ-кишваршиносиро гирифт. Дар ин осорхона якчанд шуъбаҳо, ба мисли шуъбаи пахтатозакунӣ, иқтисодӣ, ташкилоти ҳизбӣ, мактабӣ ва хоҷагии қишлоқ фаъолият мекарданд. Осорхона дар кӯчаи Нариманов, бинои №2 дар мувозинати бинои ҳукуматии шаҳр воқеъ буд.

Соли 1949 осорхона ба масҷиди калони шаҳр кӯчонида шуд. Дар ин муддат осорхона аз се шуъба: табиат, таърих ва давраи муосир иборат буд. Хадафи асосии кормандони он ҷамъоварии ёдгориҳои таърихӣ ва маводи дастовардҳои давраи шӯравӣ буд. Соли 1958 бахшида ба 1100-солагии асосгузори адабиёти классикии форсу тоҷик Абӯабдулло Рӯдакӣ барои осорхона бинои нав сохта шуд, ки осорхона дар ин бино то ҳол фаъолият дорад[2].

Фонди осорхона беш аз 68000 маводи таърихию мардумшиносӣ ва ҳуҷҷатҳоро дарбар мегирад, ки аз ин шумора 44 724 маводи

---

[1]Миронов, А. Таджикистану нужен музей / А. Миронов // Коммунист Таджикистана. – 1936. – 26 ноября.

[2]Нуров, Г. З. Формирование и развитие музейного дела в Таджикистане (30-е годы XX-начало XXI вв.): Дисс… канд. истор. наук / Нуров Гулмахмад Зиёевич. – Душанбе, 2011. – С.29-50.

бостоншиносӣ, 9298 акс, 4473 маводи мардумшиносӣ, 4693 маводи санъати амалӣ-ороишӣ, 3943 ҳуҷҷат, 600 маводи сиккашиносӣ, 102 мусаввара, 94 график, 178 дастнавис ва китобҳои нодир, инчунин дигар мавод мебошанд.

Тамошои ин осорхона аз табиати водии Зарафшон оғоз гардида, толорҳои минбаъда оид ба таърихи Панҷакент ва расму оинҳои мардуми водии Зарафшон қисса мекунанд.

Дар осорхона 31 адад сози гуногуни мусиқӣ ҳифз ва муаррифӣ карда мешаванд. Аввалин созҳои мусиқӣ, аз қабили дутор (К-12.2), танбӯр (К-12.3), ғижак (К-12.6), рубоб, сурнай, чанг, таблак ва доира ва ғайра ба ин ҷо баъд аз ифтитоҳи бинои нав соли 1958 ворид гардидаанд[1]. Мутаассифона бо сабаби нодуруст қайд шудани созҳо дар китоби воридотии осорхона маълумоти аз дақиқ аз куҷо ҷамъоварӣ гардидани созҳои мусиқӣ маълум нест. Шояд аз устохонаи созҳои мусиқии Омӯзишгоҳи мусиқии Ленинобод ворид шуда бошанд. Пас аз воридшавӣ созҳо дар толори ҳунарҳои мардумии шуъбаи давраи тоинқилобии осорхона ба намоиш гузошта шудаанд.

Марҳилаи дуюм, соли 2013 осорхона аз корхонаи «Созтарош»-и назди Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд созҳои гуногуни мусиқиро, аз қабили ёздаҳтор (К-12.4), тор (К-12.5), сетор, дутор, ғижак, танбӯр, най, думбра, рубоби қошқарӣ (К-12.1), таблак, соз, доира, рубоби бадахшонӣ ва ғ. харидорӣ намудааст[2]. Созҳои мазкур имрӯз дар экспозитсияи осорхона муаррифӣ карда мешаванд.

Маълум аст, ки Панҷакенти қадим фарҳанги бои мусиқӣ дорад ва далели қадима будани созҳои мусиқии ин минтақаро осори боғановати мусиқии аз шаҳраки Панҷакети қадим ёфтшуда тасдиқ менамоянд. Махсусан, таҳқиқи деворнигораҳои ёдгории Панҷакенти қадим, ки дар онҳо намудҳои гуногуни созҳои мусиқӣ, ба монанди сози нафасии буқ, созҳои тории чанг, руд ва навозандагони созҳои мусиқӣ, ба хусус

[1] Фонди Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносии шаҳри Панҷакент. Китоби воридотӣ. - №1. – Л.17.
[2] Ҳамон ҷо - №1. – Л.249.

духтари чангнавоз тасвир гардидаанд, ифтихори бузурги миллати тоҷик буда, бояд дар осорхонаи мазкур инъикос ёбанд, ки ин омил ба чашм намерасад. Аз ҷониби дигар, бояд осори мусиқӣ, махсусан созҳои мусиқии санъаткорони бузурги Панҷакент, аз қабили Гулоби Танбӯрӣ (1892-1947), Искандар Бобоев (1911-1989) Баён Облоқулов, Олим Бобоев, ва дигарон ҷамъоварӣ шуда, муаррифӣ карда шаванд.

Барои инъикоси таърихи фарҳанги мусиқӣ, махсусан созҳои мусиқии мардуми тоҷик Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносии шаҳри Конибодом ҷойгоҳи хосса дорад. Осорхона дар заминаи Мадрасаи Мирраҷаб Додхоҳ, ки ёдгории таърихию меъмории асри 17 ба шумор меравад, таъсис дода шудааст. Осорхона бо Қарори Кумитаи иҷроияи Шӯрои вакилони халқи шаҳри Конибодом аз 7 декабри соли 1983 ҳамчун Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносӣ фаъолият менамояд. Дар он 6555 адад ашё ва коллексияҳои осорхонавӣ мавҷуд аст, ки аз ин шумора 4968 адад мавод аслӣ ва 1587 ададашон ёрирасон мебошанд.

Дар осорхона чун дигар паҳлуҳои ҳаёти мардуми Конибодом толори санъат созмон дода шудааст, ки бо навиштаҷоти “Санъат аз они халқ аст” фарҳанги мусиқии минтақаро инъикос менамояд. Дар толори мазкур акси ҳунармандони Конибодом, аз ҷумла Ҳунармандони халқии ИҶШС Лутфӣ Зоҳидова (1925 - 1995), Туҳфа Фозилова (1917-1984)[1], Ҳофизи халқии ҶШС Тоҷикистон Бобоев Ҷӯрабой (тахал. Ҷӯра Ҳофиз – 1906-1989) дар ҳолати ҳунарнамоӣ муаррифӣ шудаанд.

Дар толори мазкур якчанд созҳои мусиқӣ, аз ҷумла 3 аккордион, 1 карнай, 1 чанг ва 1 сетори бадахшонӣ низ муаррифӣ карда мешавад, ки аз сарояндагон ва навозандагони мумтози Конибодом ҷамъоварӣ шудаанд.

Ҳанӯз соли 1987 аввалин созҳои мусиқӣ, чун доираи доирасоз ва доиранавози машҳури минтақа Зокиров Акрам ва тори созтароши моҳир

---

[1]Сулаймонӣ, Ҳ., Нуров, М. Ифтихори миллат / Ҳ. Сулаймонӣ, М. Нуров. – Душанбе: Эҷод, 2009. – С.102.

Орипов Шавкат ба осорхона барои муаррифӣ ҷамъоварӣ карда шудаанд[1].

Баъд аз истиқлолияти Тоҷикистон таваҷҷуҳ ба гирдоварии арзишҳои миллӣ, махсусан созҳои мусиқӣ, ба осорхона бештар ба мушоҳида мерасад. Махсусан, соли 1991 ду адад дутори навозандаи чирадаст, омӯзгори Мактаби санъати бачагонаи шаҳри Конибодом, сокини деҳаи Пӯлодон Юсупов Яҳё ба осорхона туҳфа мегардад. Инчунин соли 1991 аз ҷониби сардори бахши фарҳанги Конибодом Раҳимҷонов Н. 1 адад ғижак, 1 адад чанг ва 1 адад сетори бадахшонӣ ба ин макон эҳдо шудааст[2].

Соли 2015 аз ҷониби сокини шаҳри Конибодом Раҳимова Нодира 2 аккордион ва аз ҷониби омӯзгори Мактаби санъати бачагонаи шаҳри Конибодом Шарофиддинов Баҳриддин 1 аккордион ба осорхона туҳфа гардидааст, ки то имрӯз нигоҳдорӣ ва муаррифӣ карда мешаванд.

Қобили зикр аст, ки созҳои мусиқии ба осорхона ҳадягардида имрӯз пурра ҳифз ва нигоҳдорӣ карда мешаванд. Аммо ҳама созҳои мусиқии осорхона тармимталаб мебошанд. Бинобар ин кормандони онро лозим аст, ки созҳои мусиқиро бо ҷалби созтарошони моҳири минтақа тармим намоянд ва дар сатҳи хуб муаррифӣ намоянд.

Аз ҷониби дигар, чуноне маълум аст, фарҳанги мусиқии шаҳри Конибодом бою рангин буда, махсусан дар охири асри 19 якчанд ҳофизони мардумӣ, аз қабили Адолатча (зан), Мирзошариф Музаффаров (1867 - 1953), Мирзобобо Аҳмадов (1897 – 1973), баъдан дар нимаи дуюми асри XX як қатор навозандагон ва ҳофизони халқӣ, ба монанди Турдии Машшоқӣ, Обидҷони Ашӯла, Карим Ашӯла, Ӯлмас Ҳофиз, Солеҳҷон Қорӣ, Аъзамҷони найчӣ, Додохони доирачӣ, Фозилҷони ғижакчӣ ва дигарон фаъолияти эҷодӣ доштанд, ки гирдоварӣ ва нигоҳдорию муаррифии осори ин ҳунармандон, махсусан созҳои

[1]Бойгонии ҷории Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносии шаҳри Конибодом. Китоби Воридотӣ. - №1. – Л.8.
[2] Ҳамон ҷо. – Л.21.

мусиқии онҳо барои комилтар муаррифӣ намудани фарҳанги мусиқии Конибодом аҳамияти калон дорад.

Яке аз роҳҳои дигари муаррифӣ ва ба хусус, оммавӣ гардонидани фарҳангӣ мусиқии минтақа таҷлили ҷашну маросимҳои миллӣ дар осорхона ва дар ҷашну маросимҳо ва чорабиниҳои гуногун ташкил намудани барномаҳои консертӣ ва навохтани созҳои мусиқӣ бар шумор меравад. Вобаста ба ин омил дар Осорхонаи шаҳри Конибодом низ созҳои мусиқӣ бо ҷалби ҳунармандон навохта мешаванд. Махсусан, бо ҷалби ҳунармандони ансамбли "Шашмақом" ва дигар карнайнавозону доирадастони ш. Конибодом дар барномаҳои "Наврӯз-оини аҷдодӣ", "Наврӯз-омили дӯстии халқҳо", анъанаи халқии "Маросими рӯкушоён" дар осорхона якчанд барномаҳои консертӣ баргузор гардидааст, ки ин иқдом то имрӯз идома дорад.

Дар натиҷаи таҳлил ва таҳқиқи созҳои  мусиқии осорхона муайян шуд, ки фаъолияти Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносии шаҳри Конибодом дар самти гирдоварӣ ва муаррифии осори мусиқии тоҷикон, махсусан оммавигардонии фарҳанги мусиқии минтақа назаррас аст. Баробари ин, якчанд тадбирҳои мушаххас бояд андешида шаванд, ки баҳри беҳтар сохтани камбудиҳои дар ин самт мавҷудбуда ва  беҳтару хубтар роҳандозӣ намудани фаъолияти осорхона  мусоидат менамоянд, яъне:

- Дар асоси маводи марбути санъат, ба хусус созҳои мусиқӣ, ки дар осорхона маҳфузанд, бояд мақолаҳои илмӣ-маърифатӣ таълиф карда шаванд;
- Созҳои мусиқии тармимталаб бояд бо ҷалби созтарошон тармим карда шуда, муаррифӣ шаванд;
- Шиносномаи илмии созҳои мусиқии осорхона тартиб дода шавад;
- Толори санъат вобаста ба таърихи мусиқии ш. Конибодом такмил дода шавад;

- Дар толори санъат оинаи нилгун гузошта шавад ва навори суруду таронаҳои санъаткорони минтақа манзури тамошобинон гардонида шавад;
- Дар чорабиниҳои осорхона бо ҷалби санъаткорон барномаҳои консертӣ бештар баргузор карда шавад.

Осорхонаи мусиқии Артисти халқии ИҶШС (1979) Ҷӯрабек Муродов низ барои муаррифӣ намудани фарҳанги мусиқии халқи тоҷик мавқеи намоён дорад. Осорхонаи мазкур соли 2015 дар бинои Академияи мақом, ки ҳамшафати факултаи санъати Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров аст, таъсис дода шудааст. Осорхона аз 3 ҳуҷра иборат аст. Дар осорхона дар қатори 2127 адад маводи марбут ба ҳаёту фаъолият ва эҷодиёти Ҷ. Муродов, инчунин 31 адад сози мусиқӣ муаррифӣ карда мешаванд, ки 22 намудро дарбар гирифта, аз дӯстони ҳофиз аз дохил ва хориҷи кишвар тухфа гардидаанд. Дар экспозитзия рубоби бадахшонии эҳдокардаи Абдураҳмон Ёров (К-13.2,), рубоби тоҷикии (афғонӣ) Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон Нуралӣ Муродалӣ (К-13.3), сетори Ҳунарманди халқии Тоҷикистон Давлатманд Холов (К-13.4), ғижаки ҳунарпеша Муҳаммадҷон Муминов (К-13.6), най аз ҳунарпеша Рустам Одилов, таблаки туҳфакардаи писари ҳунарманд Ҷонибек Муродов ба намоиш гузошта шудаанд. Албатта Ҷӯрабек Муродов  ҳар куҷое, ки сафар накунад, дӯстони хориҷиаш ба ӯ туҳфае медиҳанд. Қисми зиёди созҳои мусиқии осорхона  аз дӯстони хориҷиаш эҳдо шудаанд. Дар осорхона дутор-туҳфа аз Самарқанд, танбӯру чанг ва соз-туҳфа аз Тошкент, тор аз Қашқадарё, тор-туҳфа аз Фарғонаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон, 2 адад думбра аз Қирғизистон, соз-туҳфа аз Туркия (К-13.5), барбат ва чанг туҳфа аз Яман, балалайка-туҳфа аз Исроил ва ғайра ба намоиш гузошта шудаанд. Дар байни созҳои мавҷудбуда, як доираи дутрафа (дутана – К-13.7) ба намоиш гузошта шудааст, ки дар дигар осорхонаҳои кишвар ба чашм намерасад. Вале, мутаассифона, Муродов Ҷ. ҳангоми қабули созҳо аз дӯстони хориҷиаш сари вақт сана ва шахси туҳфакунандаро қайд накардааст ва аз ҷониби

кӣ тухфа гардидани баъзе аз онҳоро дар хотир надорад.[1] Илова бар ин якчанд созҳои мусиқии сурнай (К-13.1), думбра, дутор, шаштор, танбӯр, сетори ҳиндӣ, доира дар ҳолати хуб нигоҳдорӣ мешаванд, ки сарчашмаи воридшавии онҳо низ ба осорхона тамоман маълум нест. Бояд зикр намуд, ки ҳама созҳои осорхона дар ҳолати хуб қарор доранд ва навохтани онҳо имконпазир аст. Яке аз мушкилӣ имрӯз дар он аст, ки толорҳои бинои осорхона барои муаррифии эҷодиёти ин ҳофизи мумтоз кифоягӣ намекунад ва бояд дар оянда осорхонаи мазкур дар бинои алоҳида ҷой дода шавад.

14 сентябри соли 2016 бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Маҷмааи таърихӣ-фарҳангии "Истиқлол" дар шаҳри Хуҷанд ифтитоҳ гирдид, ки дорои осорхонаи мардумшиносӣ мебошад. Дар осорхона анъана ва рӯзгори ҳама минтақаҳои ҷумҳурӣ муаррифӣ мешавад. Махсусан, дар ин макон гӯшаҳои намоишии минтақаи Бадахшон, минтақаи Кӯлоб, водии Рашт, водии Ҳисор, водии Зарафшон ва водии Фарғона созмон дода шудааст, ки тамошобин метавонад аз боздиди ин гӯшаҳо ба хубӣ аз анъанаи рӯзгордории сокинони гӯшаву канори гуногуни ҷумҳурӣ ошноӣ пайдо кунад. Фарҳанги мусиқии фолклории халқи тоҷик хело бой буда, созҳои мусиқӣ низ вобаста ба фолклори минтақаҳои Тоҷикистон намудҳои хоси худро доранд. Дар осорхонаи мазкур созҳои минтақаҳои гуногун муаррифӣ мешаванд. Масалан, дар гӯшаи водии Фарғона танбӯр ва рубоби қошқарӣ, дар гӯшаи фарҳанги водии Зарафшон ғижак, доира, дутор, дар гӯшаи фарҳанги мардуми минтақаи Кӯлоб думбра, ғижак ва таблак, дар гӯшаи фарҳанги мардуми Бадахшон рубоби бадахшонӣ, ғижаки бадахшонӣ, танбӯри бадахшонӣ, рубоби афғонӣ (бадахшонӣ) ба намоиш гузошта шудаанд. Созҳои мусиқии мардуми Бадахшон аз ҷониби ҳунарманди деҳаи Барвози ноҳияи Роштқалъа Абдулкаримов Рустамбек ва созҳои мусиқии дигар минтақаҳо бошад, аз ҷониби созтароши машҳури шаҳри Хуҷанд, писари Боймуҳаммад Ниёзов

[1] Суҳбат бо Ҳунарманди Иттиҳоди Шӯравӣ Ҷӯрабек Муродов. – 2018. – 4 сентябр.

Азиммуҳаммад Ниёзов бо фармоиши Раёсати фарҳанги ш. Хуҷанд сохта шудаанд.

Дар маҷмӯъ, аз боздиду омӯзиши осорхонаҳои вилояти Суғд метавон чунин натиҷагирӣ намуд, ки осорхонаҳои мазкур бечунучаро дар тарбияи зебопарастии шаҳрвандон нақши босазо мегузоранд. Вале дар баробари дастовардҳо дар ин самт камбудиҳои зерин низ ҷой доранд:

1. Нодуруст ба қайд гирифтани созҳои мусиқӣ ҳангоми ҷамъоварӣ, ки барои омӯхтани таърихи онҳо монеа эҷод мекунад.
2. Созҳои мусиқии осорхонаҳои мазкур, ба истисноии созҳои мусикии Осорхонаи мусиқии Ҷӯрабек Муродов, ба тармими ҷиддӣ ниёз доранд.
3. Созҳои мусиқии осорхонаҳои вилоят дар маҷмӯъ аз ҷониби мутахассисони вилоят пажӯҳишу таҳқиқ нашудаанд.

**Осорхонаҳои вилояти Хатлон**

Ҳунари мусиқӣ, ба хусус санъати созтарошию сознавозӣ дар минтақаи Хатлонзамин аз масири таърих сарчашма мегирад. Пайдост, ки созҳои мусиқии гуногуннамуди осорхонаҳои минтақаи Хатлон аз ғановати фарҳанги мусиқӣ ва рушди ҳунари созтарошии минтақа шаҳодат медиҳанд.

Соли 1968 Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносии ба номи Мир Саид Алии Ҳамадонӣ ифтитоҳ ёфт, ки нахустин осорхонаи минтақа мебошад. Дар ибтидо ҳамчун филиали Осорхонаи ҷумҳуриявии таърихӣ-кишваршиносӣ ва санъати тасвирии ба номи Камолиддин Беҳзод фаъолият мекард. Осорхонаи мазкур соли 2006 бахшида ба 2700-солагии шаҳри Кӯлоб ба худ номи Осорхонаи таъриху кишваршиносии 2700-солагии шаҳри Кӯлобро гирифт. Осорхона аз панҷ шуъба: шуъбаҳои таърих ва бостоншиносӣ, этнография (мардумшиносӣ), санъати тасвирӣ ва амалӣ, табиати кишвар ва Кӯлоби бостон иборат мебошад. Дар фонди осорхона беш аз 5572 нигора маҳфуз мебошад.

Дар осорхона дар радифи инъикоси дигар паҳлуҳои ҳаёти сокинони минтақа, инчунин фарҳанги мусиқии минтақа низ дар гӯшаҳои алоҳида муаррифӣ мешавад. Созҳои мусиқӣ як ҷузъи муҳими ашё ва коллексияи фонди осорхона ба шумор мераванд. Дар фонди умумии осорхона 22 адад сози мусиқӣ ҳифз ва муаррифӣ мешаванд. Дар экспозитсияи осорхона бошад, гӯшаи алоҳидаи созҳои мусиқӣ созмон дода шудааст, ки дар ин гӯша 14 адад сози мусиқӣ, аз қабили гултор, сетор ва рубоби такмилии созтарош Усто Ғуломи Қодир (К-14.1), тори Ҳофизи шинохта Ҷиён Қадамов (К-14.4), думбраи сокини ш. Кӯлоб Назаров Муродалӣ, думбраи Ниёзов Тавар (К-14.2), ғижаки Нозимов Шариф (К-14.5.) ва дигарон муаррифӣ карда мешаванд. Дар натиҷаи омӯзиши ҳуҷҷатҳои фонди марбут ба созҳои мусиқии осорхона санаи замон ва макони воридшавии созҳои мусиқӣ асосан аз рӯи шиносномаи илмии созҳо, ки ҳанӯз дар солҳои аввали фаъолияти осорхона тартиб дода шудаанд, муайян карда шуд. Аммо дар китоби воридотии фонди осорхона созҳои мусиқӣ номукаммал сабт гардидаанд ва доир ба созҳои мусиқӣ аз ин китоб маълумоти зарурӣ гирифта намешавад.

Аз соли 1970 ҷамъоварии созҳои мусиқӣ ба осорхона оғоз мешавад. Аввалин сози мусиқие, ки ба осорхона ворид шудааст, ин доираи сокини маҳаллаи Гулистони шаҳри Кӯлоб Ниёзов Тавар мебошад, ки 23 сентябри соли 1970 аз ҷониби директори осорхона Нуралиев Бобо ҷамъоварӣ шудааст.

Қобили зикр аст, ки мардуми Хатлонзамин аз қадим ба кулолгарӣ ва омода намудани дигар зарфҳои рӯзгор машғул буданд ва дар баробари ин ҳама созҳои зарбии таблак ва нағораро низ омода менамуданд, ки маҳсули дасти онҳо дар осорхонаҳо муаррифӣ карда мешаванд. Соли 1971 аз кулолгари машҳури минтақаи Кӯлоб Достаков Саттор ба осорхонаи мазкур 1 адад таблак (К-14.8) ворид карда шудааст, ки то ҳол муаррифӣ мегардад. Достаков Саттор дар ш. Кӯлоб корхонаи кулолгарӣ дошт ва то имрӯз ин корхона амал мекунад. Имрӯз дар ин

корхона писараш Катторов Ҷалол касби кулолгариро пеш мебарад, сози таблакро низ бо санъати баланд месозад.

Баъдан соли 1973 аз истиқоматкунандаи деҳаи Зулмободи ноҳияи Москва (ҳоло Мир Саид Алии Ҳамадонӣ) Нозимов Шариф 1 ғижак ба осорхона ворид карда шудааст, ки он ҳанӯз ҳам дар он ҷо маҳфуз аст. Бояд зикр намуд, ки дар пуррагардонии фонди Осорхонаи шаҳри Кӯлоб нақши Осорхонаи муттаҳидаи таъриху кишваршиносӣ ва санъати тасвирии ба номи Камолиддин Беҳзод бениҳоят назаррас аст. Ҳанӯз соли 1966 Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Назаров М. ба директори Осорхонаи мутаҳидаи таърихӣ-кишваршиносӣ ва санъати тасвирии ба номи Камолиддин Беҳзод фармони расмӣ медиҳад, ки барои осорхонаи оянда таърихӣ-кишваршиносӣ дар шаҳри Кӯлоб экспонатҳои лозима интихоб шаванд[1]. Тибқи фармони вазир 330 адад экспонатҳои зарурӣ интихоб карда мешаванд. Аз 25 августи соли 1974 тибқи фармони навбатии Вазири фарҳанги ҶШС Тоҷикистон экспонатҳои интихобгардида ба Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносии шаҳри Кӯлоб ба номи Мир Саид Алии Ҳамадонӣ супорида мешаванд[2]. Дар байни экспонатҳои интихобшуда 3 адад сози мусиқӣ, аз қабили 1 тифор, 1 рубоби помирӣ ва 1 сетор низ супорида мешаванд, ки созҳои мазкур айни ҳол дар осорхонаи марказии шаҳри Кӯлоб маҳфуз мебошанд. Аз ин шумора рубоби помирӣ ва сетор мувофиқи ҳуҷҷатҳои фонди Осорхона 8 июли соли 1963 ба Осорхонаи муттаҳидаи таърихӣ-кишваршиносӣ ва санъати тасвирии ба номи Камолиддин Беҳзод аз оркестри созҳои халқии Филармонияи давлатии Тоҷикистон супорида шуда, аммо дар фонди Осорхонаи муттаҳида бе кайди рақами осорхонавӣ нигоҳдорӣ шудаанд. Созҳои мазкур баъд аз интиқол ба Осорхонаи шаҳри Кӯлоб: сетор таҳти рақами КП-170 ва рубоби бадахшонӣ таҳти рақами КП-1395 ба қайд гиифта шуда, нигоҳдорӣ мешаванд. Сози мусиқии тифор, ки дар шаҳри Хӯҷанд аз ҷониби муаллими дутор Юсупов Т. сохта шудааст,

[1] Фонд Национального музея Таджикистана. Книга приказов Министерства культуры Тадж. ССР. – 1966 г. - №177.
[2] Фонд Н.М.Т. Книга Актов приёма передач экспонатов 1974-1975 гг. – Л.32.

соли 1965 аз тарафи комиссияи фондӣ ва хариди Осорхонаи муттаҳида бо маблағи 50 рубл харидорӣ карда шудааст[1]. Сози мазкур хело ҷолиб буда, дар шакли тамоман дигар сохта шудааст. Сози тифор шабоҳат ба сеторҳои бадахшонӣ дошта, аммо косаи он қисман аз пӯст ва қисман лавҳои чӯбин кашида шудааст, ки метавон ин созро такмилӣ номид. Мутаассифона, созҳои мазкур, ки аҳамияти муҳими таърихӣ доранд, дар ҳолати ногувор қарор дошта ба тармим ниёз доранд.

Ҳамчунин соли 1978 аз истиқоматкунандаи кӯчаи Протопопови ш. Кӯлоб Назаров Муродалӣ 1 думбра, инчунин 28 июли соли 1978 аз сокини кӯчаи Ленини ш. Кӯлоб (чойхоначӣ-муаллифи беном) 1 найи мисин ҷамъоварӣ шудаанд, ки то ҳол нигоҳдорӣ ва муаррифӣ карда мешаванд.

Як ҷузъи муҳими коллексияи созҳои мусиқии осорхонаро созҳои такмилии созтароши машҳури минтақаи Хатлон, истиқоматкунандаи ноҳияи Ховалинг усто Ғуломи Қодир ташкил мекунанд. Созҳои мусиқии ин ҳунарманди асил аз соли 1976 ба осорхона бо роҳи харид ҷамъоварӣ мешаванд. Соли 1976 як адад сози такмилии гултор, соли 1980 як рубоби қашқарии такмилӣ, як чорсоз (К-14.6), як сетор ва соли 1990 як сетор ва як танбӯри такмилии ин ҳунарманд ба осорхона ҷамъоварӣ карда шудааст. Чорсози усто Ғулом хело ҷолиб буда, дар шакли пирамида сохта шудааст ва дар танаи як сози яклухт чор адад сози мусиқӣ ҷо карда шудааст.

Дар фонди Осорхона як думбраи хело муҳим нигоҳдорӣ мешавад, ки 5 октябри соли 1995 аз сокини деҳаи Хоҷа Сартези ноҳияи Восеъ Наимов Ҳомид бо маблағи 1500 сомонӣ харидорӣ шудааст. Дар атрофи косаи соз чунин байт ҳаккокӣ шудааст:

Мехонад дилам, мисли кабутар бошад,
Дар мобайни тору най дилбар бошад.

[1] Фонд Н.М.Т Книга протоколов заседаний Закупочной комиссии Республиканского объединенного музея. 1965 №1-9. С. 39

Думбра имрӯз дар фонди осорхона таҳти рақами КВ-253 нигоҳдорӣ мешавад[1]. Сози дигари муҳиме, ки барои муаррифии фарҳанги мусиқии минтақа нақши муҳим дорад, тори Ҳофизи мардумӣ Ҷиён Қадамов мебошад, ки соли 1995 ба ин макон ворид гардидааст.

Мутаассифона имрӯз дар фонди осорхона созҳои мусиқие, аз қабили соз (К-14.3), сурнай, най, думбра, рубоби қошқарӣ, таблаки чӯбини дутарафа (К-14.7) ва ғайра мавҷуданд, ки таърихи ҷамъоварии онҳо маълум нест ва бояд аз ҷониби кормандони осорхона мавриди омӯзиш қарор дода шаванд ва доир ба таърихи аз куҷо ва чӣ гуна ба осорхона ворид шудани созҳо маълумоти аниқ таҳия гардад.

Бо мақсади бартараф намудани камбудиҳои ҷойдоштаи осорхонаи мазкур бояд ба масъалаҳои зерин таваҷҷуҳ намуд:

1. Ҳуҷҷатгузории фонди осорхона ноқис буда, махсусан китоби воридотии он аз нав тартиб дода шуда, экспонатҳои осорхона дар шиносномаҳои илмӣ бояд возеҳтар шарҳу тавзеҳ дода шаванд.
2. Созҳои мусиқии санъаткорони минтақа ҷамъоварӣ ва муаррифӣ карда шаванд.
3. Доир ба созҳои мусиқӣ мақолаҳои илмӣ-оммавӣ бояд навишта ва ба табъ расонида шаванд.

Мавқеъ ва нақши Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносии шаҳри Бохтар ба номи «Авасто» низ дар гирдоварӣ, ҳифз ва тарғибу ташвиқи созҳои мусиқии миллӣ калон аст. Осорхонаи мазкур соли 1980 ба ифтихори 50-солагии азхудкунии водии Вахш бо қарори Раиси вилояти Қӯрғонтеппа таъсис ёфта, соли 1982 дар арафаи Рӯзи байналмилалии осорхонаҳо - 18 май ба фаъолият шурӯъ намудааст[2]. Соли 2011 барои осорхонаи мазкур бинои махсуси замонавӣ сохта шуд ва бо Қарори Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ба унвони Муассисаи давлатии Осорхонаи таъриху кишваршиносии вилоятии

---

[1] Фонди Осорхонаи марказии шаҳри Кӯлоб. Шиносномаи илмӣ. - №253.

[2] Суҳбат бо корманди собиқадори Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносии шаҳри Бохтар ба номи "Авасто" Ятимова Сафармо. – 2018. – 3 сентябр.

Хатлон ба номи «Авасто» таъсис ёфта, бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон расман ифтитоҳ ёфтааст. Осорхона аз панҷ шуъбаи асосӣ иборат аст: инҳо шуъбаҳои табиат, таърихи қадим, таърихи асрҳои миёна ва наву навтарин, мардумшиносӣ ва санъати тасвирӣ мебошанд. Фонди умумии осорхона 3303 ашё ва коллексияи осорхонавиро дарбар мегирад. Дар осорхонаи мазкур чун дигар коллексияи осорхонавӣ коллексияи созҳои мусиқӣ низ нигоҳдорӣ ва муаррифӣ карда мешаванд, ки 17 ададро ташкил медиҳанд. Дар ошёнаи дуюми осорхона гӯшаи созҳои мусиқӣ созмон дода шудааст, ки дар ин гӯша 14 адад сози мусиқии дутор, думбра, ғижак, рубоби такмилии тоҷикӣ (афғонӣ), тор, рубоби қошқарӣ, сетор, рубоби помирӣ, танбӯр, дутор-бас, доира, таблак, най, рубоб-прима муаррифӣ мешаванд. Дар китоби воридотии Осорхонаи таъриху кишваршиносии вилояти Хатлон ба номи «Авасто» ном, андоза ва соли воридотии созҳо ба ин ҷо дақиқан сабт нагардидааст. Яъне аз кӣ ҷамъоварӣ кардани созҳои мусиқӣ то ҳол дар ҳуҷҷатҳои фонди осорхона сабти худро наёфтаанд, ки яке аз камбудиҳои калони кормандони осорхона дар робита ба ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва омӯзиши созҳои мусиқии осорхона мебошад. Танҳо маълумоти як адад скрипка возех аст, ки аз Ҳофизи халқии ҶШС Тоҷикистон Саидмурод Ҳотамов ҷамъоварӣ шудааст. Чуноне ки сармуҳофизи фонди осорхона Ятимова Сафармо иброз дошт, созҳои мусиқӣ ҳанӯз аз солҳои аввали фаъолияти осорхона ҷамъоварӣ шуда буданд. Вале, мутаассифона, бо сабаби сар задани ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ҳама ғасбу ғорат карда шуданд. Дубора бо мақсади инъикоси фарҳанги мусиқии минтақа соли 2015 9 адад ва соли 2016 12 адад сози мусиқӣ ба осорхона ҷамъоварӣ шудааст[1]. Бо зикри сармуҳофизи фонди осорхона Ятимова Сафармо, созҳои мусиқӣ бо дархости ӯ аз тарафи директори қаблии он Каримов Насриддин ба осорхона харидорӣ шудаанд. Чи тавре ки Ятимова С. илова бар ин мегӯяд: «Ҳарчанд ба роҳбари осорхона Каримов Н. муроҷиат мекардам,

[1] Фонди осорхонаи таърихӣ-кишваршиносии ш. Қурғонтеппа. Китоби воридот. – 2013. - №3. – С.5.

ки шахсияти созҳои мусиқӣ муайян карда шаванд, ба ман чизе намегуфт. Бинобар ин то кунун навъи мушаххаси созҳои мусиқӣ, шахсияти соҳибони онҳо, яъне санъаткор буданд ё созтарош, маълум нест»[1]. Аз ҷониби дигар, созҳои мусиқӣ шиносномаи илмӣ надоранд ва оид ба муаррифии онҳо мақолаҳои илмӣ таълиф нагардидаанд. Барои фаъолияти минбаъдаи осорхона оид ба омӯзиш ва оммавигардонии созҳои мусиқӣ бояд кормандони осорхона созҳои мусиқии санъаткорон ва навозандагони моҳири минтақаро ҷамъоварӣ ва муаррифӣ намоянд.

Дар вилояти Хатлон дар қатори осорхонаҳои таърихӣ-кишваршиносӣ осорхонаҳои соҳавӣ низ фаъолият доранд, ки яке аз онҳо ин Осорхонаи адабии шоир ва ҳофизи халқӣ Саидалӣ Ализода (1900-1971) мебошад. Осорхонаи мазкур дар шаҳри Кӯлоб қарор дошта, 27-уми марти соли 1981 бо қарори Ҳукумати шаҳри Кӯлоб таҳти рақами 28 расман ба фаъолият шурӯъ кардааст.[2] Осорхона аз 7 толори намоишӣ иборат буда, дар ин толорҳо ҳаёту фаъолият ва эҷодиёти С. Ализода инъикос ёфтааст. Дар хонаи якум грамотаҳои фахрӣ, ордену нишонҳои сарисинагӣ, табрикномаву барқияномаҳо, шеърҳои дастхатшудаи шоир, якчанд аксҳои хотиравӣ ва либосҳои шахсии С. Ализода ба намоиш гузошта шудаанд. Дар ҳуҷраи дуюм 9 адад сози мусиқӣ, ба монанди \дутор (3 адад), думбра (3 адад), ғижаки бадахшонӣ, сетор, доира ва таблак, ки ҳамаи онҳоро ҳофиз менавохт, ба намоиш гузошта шудаанд. Дар яке аз утоқҳои кории дигари Ализода С. як думбраи ҳадянамудаи яке аз дӯстонаш ба намоиш гузошта шудааст, онро ҳам сароянда менавохт. Дар фаъолияти эҷодии С. Ализода сози дутор мавқеи муҳимро ишғол мекард. Яъне мавсуф бештар бо дутор суруд мехондааст. Ба ин гуфтаҳо як байти худи ҳофиз, ки дар гӯшаи созҳои мусиқии Хона-музеаш нигошта шудааст, шаҳодат медиҳад:

Дуторам ҳамдами ман, ёри ман буд,
Мудом дар зиндагӣ ғамхори ман буд.

[1]Суҳбат бо корманди собиқадори Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносии шаҳри Бохтар Ятимова Сафармо. – 2018. – 3 сентябр

[2] Хона-музеи Саидалӣ Ализода / Мураттиб Х. Ализода. Душанбе: Ирфон, 1989. – С.3.

Ҳамин тариқ, хонаҳои сеюм, чорум, панҷум ва шашум низ ба инъикоси ҳаёту эҷодиёти С. Ализода бахшида шуда, дар хонаи ҳафтуми осорхона бошад, китобҳои ҳофизи хушсалиқа ва шоири маҳбуб ба намоиш гузошта шудаанд. Дар ҳавлии Хона-музей як толори калони барҳаво мавҷуд аст, ки дар ин толор зуд-зуд бо ташаббуси С. Ализода маҳфилҳои адабӣ ва барномаҳои консертӣ баргузор мешуданд. Яъне нақши Хона-музейи Саидалӣ Ализода низ дар баробари ҳифзу муаррифӣ, инчунин дар оммавигардонии созҳои мусиқӣ назаррас мебошад.

Дарвоқеъ, таъсиси Хона-музеи Ҳофизи халқии ҶШС Тоҷикистон Саидалӣ Ализода чун шоир, мутриб, сароянда, оҳангсоз барои омӯзиш ва муаррифӣ намудани осори мусиқии халқи тоҷик, махсусан эҷодиёти ватандӯстонаи ӯ нақши калон дорад.

Имрӯз Хона-музеи Саидалӣ Ализада ба яке аз маконҳои тарғиботии фарҳанги мусиқӣ табдил ёфта, зуд-зуд дар ин ҷо ҳамоишҳои фарҳангӣ-адабӣ баргузор мегарданд ва санъаткорону навозандагон ба ин чорабиниҳо даъват карда мешаванд.[1]

Дар кори гирдоварӣ ва муаррифии созҳои мусиқӣ нақши осорхона – мамнӯъгоҳи ҷумҳуриявии ноҳияи Данғара низ бориз аст. Осорхонаи мазкур бо қарори раиси ноҳияи Данғара аз 11 сентябри соли 2001 бо унвони Осорхонаи марказии ноҳияи Данғара таъсис ёфтааст. Дертар бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 569 аз 30 ноябри соли 2007 он номи Муассисаи давлатии Осорхона – мамнӯъгоҳи ҷумҳуриявии Данғараро ба худ гирифтааст.

Айни ҳол дар осорхона 4 шуъба фаъолият дорад: шуъбаи таърихи қадим ва асрҳои миёна, шуъбаи мардумшиносӣ, шуъбаи муосир ва шуъбаи ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ.

[1] Суҳбат бо роҳбари Хона- музеи Саидалӣ Ализода духтари ҳофиз Хосият Ализода. – 2018. – 4 сентябр.

Фонди умумии осорхона 5140 адад ашёи осорхонавиро ташкил медиҳад, ки 2230 адади он дар толорҳои намоишӣ муаррифӣ карда мешаванд.

Дар Осорхона – мамнӯъгоҳи ҷумҳуриявии Данғара чун дигар ашё ва коллексияи осорхонавӣ созҳои мусиқӣ низ дар гӯшаҳои алоҳида, ки ба шуъбаи мардумшиносӣ дохил мешаванд, муаррифӣ карда мешаванд ва онҳо 12 ададро ташкил медиҳанд. Соли 2001 аз коллексионери деҳаи Булёни Поёни ноҳияи Данғара Усмонов Сафар аввалин созҳои мусиқӣ, аз қабили як адад доира ва як адад дутор ба осорхона ҳадя гардидааст. Ин созҳоро Усмонов С. худаш, ки навозанда будааст, менавохтааст[1].

Соли 2013 аз тарафи Сафарова Арафамоҳ- ҳамсари сароянда ва навозандаи моҳири деҳаи Булисуфи ноҳияи Данғара Ҷӯра Алиев ба осорхона 6 адад сози мусиқии шавҳараш, ба монанди най, ғижак, рубоби қошқарӣ, гитара, думбра, ва таблак ҳадя гардидааст, ки имрӯз дар толори ҳунармандӣ муаррифӣ мешаванд[2].

Дар баробари экспозитсиякунонии созҳои мусиқӣ инчунин тавассути чорабиниҳои фарҳангӣ низ созҳои мусиқӣ дар осорхона навохта мешаванд. Аммо аз ҷониби кормандони он барномаҳои консертӣ, навозишҳо дар чорабиниҳои осорхона қайд карда нашудаанд ва дақиқан кадом санъаткорон дар чорабиниҳои осорхона сози мусиқӣ навохтаанд, маълум нест. Далели муътамад оид ба оммавигардонии созҳои мусиқӣ дар осорхонаи мазкур аз суҳбати корманди собиқадори он Саидова С. эзоҳ дода мешавад.[3]

Нақши осорхона дар гирдоварӣ ва муаррифии созҳои мусиқӣ назаррас аст, аммо аз ҷониби дигар, нисбат ба кори ҳуҷҷатнигории фондӣ якчанд камбудиҳо дида мешаванд. Яке аз камбудиҳои кори ҳуҷҷатнигории фондӣ ин аз тарафи кормандони он дурусту саҳеҳ сабт нагардидани ашёҳои ба осорхона воридгардида мебошад. Дар радифи дигар ашёҳои осорхона 4 адад сози мусиқии тор, рубоб-прима, ғижаки

---

[1]Фонди Осорхона – Мамнӯъгоҳи ҷумҳуриявии Данғара. КВ№1. – С.28.
[2] Ҳамон ҷо. КВ. - №2. – С.13-14
[3] Суҳбат бо корманди собиқадори осорхона Саидова С. – 2018. – 2 сентябр.

бадахшонӣ, ҳаштор низ муаррифӣ мешаванд, ки сарчашмаи воридшавии онҳо дар китоби воридот сабт нагардидааст ва бояд минбаъд ҳуҷҷатнигории фонди осорхона дуруст ба роҳ монда шавад ва шиносномаҳои созҳои мусиқӣ низ тартиб дода шаванд.

Дар шаҳри Кӯлоб намудҳои гуногуни ҳунармандӣ аз қадим ривоҷ ёфтааст ва рушди ҳунармандӣ боиси ифтитоҳи Осорхонаи «Ҳунармандон» дар Кӯлоб гаштааст, ки созҳои мусиқӣ як бахши муҳими ашё ва коллексияи осорхонаи номбурдаро дарбар мегиранд.

Осорхонаи «Ҳунармандон» соли 2013 ифтитоҳ ёфтааст. Дар осорхона 3 толори намоишӣ мураттаб шудааст ва яке аз толори калонтари он ба санъаткорон ва ҳунармандони минтақа бахшида шудааст. Дар ин толор акси ҳунармандони минтақаи Кӯлоб Одина Ҳошимов (1937-1993), Давлатманд Холов, рассом Аҳмадхон Нозимов, раққоса ва лапархон Тӯйдӣ Бобоева ва дигар навозандагон, ки аз ҷониби роҳбари осорхона Асоев Ҷонибек кашида шуданд, муаррифӣ мешавад. Дар гӯшаи дигари толор созҳои мусиқӣ, аз қабили тор ва рубоби ҳунарпешаи хизматнишондодаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Қурбон Зардаков (1929-1993), тори Ҳунарманди шоистаи Тоҷикистон Ҳотам Юсупов, думбраи созтарош Абдураҳмон Муродов, инчунин думбраи Усто Ҳасан Каримов ва гитараи барқии Кароматулло Қурбонов (1961-1992) ба намоиш гузошта шудаанд[1]. Вале норасоӣ дар фаъолияти осорхона аз он иборат аст, ки созҳои мусиқӣ тармимталаб буда, бо ҳамон ҳолати ногувор ба намоиш гузошта шудаанд ва бояд бо ҷалби созтарошони моҳир онҳо тармим карда шаванд. Толори дуюм ба ҳунарҳои мардумӣ, ба мисли мисгарӣ, кулолгарӣ, гулдӯзӣ ва чӯбкорӣ бахшида шудааст. Толори навбатӣ низ ба ҳунарҳои мардумӣ, махсусан тоқидӯзӣ бахшида шудааст. Азбаски роҳбари осорхона рассом аст, қисми зиёди экспонатҳои осорхона асарҳои рассомие мебошанд, ки маҳсули дасти мавсуфанд. Асарҳои рассомӣ дар сатҳи хуб кашида шуда, бештар анъанаҳои маҳаллӣ ва табиати мардуми Хатлонро ифода мекунанд. Вале

[1] Суҳбат бо роҳбари Осорхонаи «Ҳунармандон»- и шаҳри Кӯлоб Асоев Ҷонибек. – 2018. – 13 июн.

экспозитсияи осорхона низоми тартибии худашро гум кардааст ва бояд аз лиҳози илмӣ дубора созмон дода шавад.

Ҷараёни таҳқиқоти созҳои мусиқии осорхонаҳои вилояти Хатлон ва дигар осорхонаҳои Тоҷикистон маълум намуд, ки дар фонди осорхонаҳо коллексияҳои нодири созҳои мусиқии намояндагони барҷастаи фарҳанги мусиқии тоҷик ва инчунин созҳои такмилии сознарошони ҳунарманди тоҷик нигоҳдорӣ ва муаррифӣ карда мешаванд. Аз ин рӯ, барои хубтар ба роҳ мондани фаъолияти осорхонаҳо дар самти омӯзиш ва оммавигардонии созҳои мусиқӣ минбаъд ба ислоҳи камбудиҳои зерин бояд таваҷҷуҳи лозим зоҳир карда шавад:

1. Созҳои мусиқӣ дар санадҳои фондии осорхонаҳо ба тарви илмӣ сабт нагардидаанд, дар бораи шахсоне, ки созҳои мусиқиашон дар осорхонаҳо маҳфуз мебошанд, маълумоти муфассал вуҷуд надоранд.
2. Дар толорҳои намоишии осорхонаҳо ба маърази тамошо гузоштани созҳои мусиқии фарсуда ва тармимталаб ба мушоҳида мерасанд.
3. Гирдоварӣ ва муаррифии созҳои мусиқии навозандагон ва сароянгадони маъруфи тоҷик дар осорхонаҳои ҷумҳурӣ ба тарви зарурӣ ва дуруст роҳандозӣ нагардидаанд.
4. Таҳияи шиносномаи илмии созҳои мусиқӣ дар аксар осорхонаҳо ба мушоҳида намерасанд.
5. Таҳқиқи илмии созҳои мусиқии осорхонаҳо аз мадди назари кормандони осорхонаҳо ва олимони соҳа дур мондааст.
